**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК**
**БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

ТДУ-373(575.3)
ТКБ-74.200
П-50

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ПИРОВ ҲОҶИБОЙ ПИРМАҲМАДОВИЧ**

# ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУТАНОСИБГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ОМӮЗГОР ВА ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи**
**педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А.

**ХУҶАНД–2024**

# ИХТИСОРАҲО

ВАО – васоити ахбори омма;

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ;

ГН – гурӯҳҳои назоратӣ;

ГТ – гурӯҳҳои таҷрибавӣ;

МДТ – муассисаи давлатии таълимӣ

МТМУ – Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;

МТОК – Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА** .......... 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ МУТАНОСИБ-ГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ПЕДАГОГ ВА ХОНАН-ДАГОН** .......... 16

1.1. Муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда .......... 16

1.2. Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда .......... 38

1.3. Маҷмуи методикаҳои омӯзиш ва меъёрҳои баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибати омӯзгору хонанда .......... 63

Хулосаи боби якум .......... 85

**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ МУТАНОСИБГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ ОМӮЗГОР ВА МАКТАББАЧАГОН** .......... 88

2.1. Худташхис ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибагардонии педагог ва мактаббачагон .......... 89

2.2.Тархрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгар-донии муносибатҳои педагог ва мактаббача .......... 110

2.3. Самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба му-таносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон .......... 141

Хулосаи боби дувум .......... 169

**ХУЛОСА** .......... 172

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** .......... 178

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири низоми демократию инсонпарварона арзишҳои умумиинсонӣ, маънавият афзалият пайдо кардаанд. Эҳтиёҷ ба тасдиқи тарзи мазмунофарандаи ҳаёти инсоне афзуда истодааст, ки барои худинкишофдиҳӣ, интихоби тақдир ва амалисозии иқтидори худ дар боигарии анъанаҳои ҷомеа ва фарҳанг қобилият дорад. Ин матлаб дар парадигмаи инсонпарваронаи таҳсилот инъикос меёбад.

Шахсияти педагог, салоҳиятнокии ӯ, мундариҷаи инсонпарварона, хусусият ва самтгирии фаъолияти педагогӣ ва муносибатҳои ӯ, ҳамчунин шахсияти мактаббача, ташаккули самтгириҳои арзишии ӯ, сифатҳои шахсият, инкишофи қобилият ва омодагӣ ба худмуайянкунии арзишӣ, сатҳи тамаркузи низоми арзишҳо муҳиманд. Педагог вазифаи низомофарандаро иҷро мекунад. Педагогҳо ва мактаббачагон ҳамчун як навъ меҳвари мактаб мебошанд, ки мисли ҳамфикрон ҳамкорӣ карда, фаъолияти ахлоқӣ ва муоширатро амалӣ менамоянд, ки дар натиҷа байни онҳо низоми муносибатҳои маънавию ахлоқӣ инкишоф меёбад.

Мутаносибӣ на танҳо ҳамчун баробарӣ, таносуб, балки ҳамчун ботартибӣ, мувофиқат, пуррагӣ, маҷмуъ, ягонагии гуногуннавъӣ, тамомият, мутобиқати оқилона, пуррагии ҳамроҳӣ, мукаммалӣ ва ғайра фаҳмида мешавад. Ба назари мо, аломатҳои зикршуда бояд дар созгории муайян қарор гиранд, ки дар натиҷа, синтези онҳо мебошад, аммо онро танҳо бо яке аз онҳо набояд маҳдуд кард, зеро боиси аз ҳам ҷудошавӣ ва мутлақ гардонидани ягон ҷиҳати ин падида мешавад.

Муаммои мутаносибгардонии фаъолият, ки барои ноилшавӣ ба мувофиқат, баробарӣ, тартиби қисмҳои том, ягонагии гуногуннавъӣ, мувофиқати ҳадаф, мундариҷа ва шакл равона гардидааст, имрӯз дар худмуайянкунии инсон ба муаммои ҳифзи асосҳои мавҷудияти ӯ мувофиқ аст. Сатҳи натиҷабахшии раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро тавассути мутаносибгардонӣ баланд метавон кард. Мутаносибӣ

метавонад асоси рушди устувори иҷтимоӣ ва маънавии кишвар гардад, ки дар «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба сифати яке аз ҳадафҳои таҳсилот пеш оварда шудааст.

**Дараҷаи омӯзиш ва коркарди илмии мавзуъ**. Тасаввуроти нахустин оид ба мутаносибӣ дар устураҳо, ривоятҳо, фолклори халқҳои ҷаҳон ифода ёфта, аз ҷониби Ҳомер, Пифагор, Птоломей, Афлотун, Гераклит, Арасту, Климент, Ф.Аквинский, Н.Кузанский, Боэтсий, Г.Лейбнитс, И.Кант, Г.Гегел ва дигарон инкишоф дода шудаанд.

Дар асри XX файласуфони хориҷӣ ва ватанӣ (В.А.Белоусов, А.В.Демичев, Д.Дюи, Э.Кассирер, Ю.А.Килис, А.Ламуш, О.Ф.Лобазова, И.С.Молкин, В.Г.Мешеряков, Л.Т.Подвойская, В.Н.Сагатовский, Э.М.Сороко, П.Шептулин, М.Осимӣ ва диг.) моҳият, махсусият, вазифаҳо, мундариҷаи мафҳуми мутаносибиро омӯхтаанд. Он баробарӣ, тартиб, мувофиқат, пуррагӣ, маҷмуӣ, дурустӣ, мукаммалии низомҳои томро таъмин менамояд.

Муаммои омӯзгор ва омодагии ӯ мавриди мутаносибгардонии фаъолият, таваҷҷуҳи баъзе муҳаққиқони ватанӣ қарор гирифтааст. Он объекти коркарди илмӣ ва ташкили амалӣ дар як қатор асарҳои олимони тоҷик М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, М. Нӯмонов, Ш.А.Шаропов, А.Нуров, Х.Маҷидова, А.М.Мирализода, Х.М.Сабурӣ, О.А.Исломов, А.А.Азизов, Ф.Гулмадов, Ҷ.Х. Файзализода, М.А.Абдуллоева, М.Ҷ.Хоҷаева ва диг. гардидааст.

Қариб тамоми масъалаҳои асосӣ, ки бо ошкор намудани моҳияти мутаносибӣ алоқаманданд, масъалаҳои баҳснок мебошанд; дар таърифи «мутаносибӣ», «инкишофи мутаносиб» ягонагии ақидаҳо вуҷуд надорад. Мутаносибӣ ҳамчун категорияи эстетика (А.Я.Зис, А.Ф.Еремеев, Ю.В.Линник, А.Ф.Лосев, А.В.Огородников, В.И.Самохвалова, И.В.Топчий, П.Шестаков, И.П.Шмелев, М.А.Этингер, Е.Г.Яковлев ва диг.), табиатшиносӣ (М.А.Марутаев, Ю.А.Урмантсев, И.И.Шафрановский) баррасӣ гардидааст. Рушди муносибатҳои мутаносиби ҷомеа бо табиат

(Т.А.Абдилаев, Э.В.Гирусов, В.С. Лаптев, А.С.Мамзин, С.Н.Соломина, И.Т.Фролов, М.Жумагулов, С.Жилкичиев ва дигарон.); рушди мутаносиби шахсият (Л.П.Буева, А.Зиёев, Л.Н.Коган, Ш.И.Кулиева, А.А.Милтс, Л.П.Орлов, А.Ф.Полис, В.Ф.Сержантов, И.М.Субботин, М.Г.Ярошевский ва диг.) таҳқиқ шудаанд. Фаҳмиши фалсафӣ ва ҷомеашиносии мутаносибӣ ҳамчун типи махсуси муносибатҳо, навъи рушд дар таълифоти Н.М.Аникеева, В.Демичев, Ф.М.Капак, И.С.Молкин, М.В.Попович ва дигарон ҷой дорад. Ҷанбаи иҷтимоии мафҳуми мутаносибӣ (А.П.Бутенко, Е.Давидович, В.Н.Дугин, А.М.Ковалев, В.В.Ладейшиков, О.Ф.Лобазова, В.М.Межуев, Ю.К.Плетников, Л.Т.Подвойская, М.Н.Руткевич, И.Н.Сиземская, Г.М.Штракс, С.П.Шулаев ва диг.) таҳқиқ гардидааст. Дар ҷомеашиносӣ муаммои мутаносибӣ тавассути муносибатҳои ҷамъиятӣ, сохтори иҷтимоӣ, тамомияти ҳаёти ҷамъиятӣ, консепсияи рушди устувор, экологияи иҷтимоӣ,ислоҳоти иҷтимоӣ, таҳаммулпазирӣ (Н.М.Аникеева, В.М.Димов, О.Конт, Г.Спенсер, С.В.Шефел ва диг.) баррасӣ шудааст. Парадигма шаклгирандаи ҳаёти маънавии ҷомеа асосҳои мутаносиб (Н.Н.Макартсева) дорад, ки тавозуни манфиатҳои шахсият ва ҷомеа (Ю.Ю.Шитова), муносибатҳои иҷтимоӣ (Л.Н. Ванеева) ва байниэтникиро (О.А.Богатова) пешбинӣ менамояд.

Дар анъанаи классикии аврупоӣ мутаносибиро ба сифати меъёр мефаҳмиданд. Дар давраи навгароӣ (модернизм) бартарии номутаносибӣ ҳамчун «аз ҳад афзуншавии мутаносибӣ» маънидод мегардид. Дар постмодернизм «мутаносибии номутаносиб» мавриди мулоҳизаронӣ қарор гирифт. Таҳлили тағйирёбии тасаввурот оид ба мутаносибӣ имкон медиҳад, ки дар бораи раванди томи рушд сухан ронем, ки бо сабаби вазъияти объективӣ муддати муайяне канда мешавад, боздошт ё тақвият меёбад. Мутаносибӣ ҳамчун стратегияи ягонагӣ (В.Н.Сагатовский, Ю.С.Запесотский), таҳаввули низомҳои гуногуноҳанг дар ноосфера баррасӣ мегардад. Аммо дар низомҳои педагогӣ мисли пештара нисбат ба худмуайянкунӣ дар низоми арзишҳо дидгоҳҳои ихтилофнок вуҷуд доранд: афзалияти вазифаи инкишофдиҳанда ё мутобиққунанда, мабдаи инфиродӣ ё коллективӣ,

ҷамъиятӣ; иҷтимоишавӣ ё инсонпарвар гардидани мактаббачагон, «иҷтимоият» ё «ҳувияти» онҳо, нерӯҳои ҷисмонӣ ё зеҳнӣ, маънавӣ таъкид гардидааст. Вобаста ба ин, **ихтилофи** байни зарурати мутаносибгардонии муносибатҳои арзишии инсон бо худаш, ҷомеа, фарҳанг, табиат ва амалияи дидгоҳҳои бо ҳам зид нисбат ба худмуайянкунии арзишӣ ошкор гардид, ки боиси номутаносибӣ ва зиддиинсонгароӣ шудани асосҳои арзишии ҳаёти одамон шуда метавонад. Мутаносибгардонӣ имкон медиҳад, ки дар асоси пурракунии ҳамдигар падидаҳои гуногун, аммо аҳаммияташон якхела: «идеализм» ва «материализм», «маънавият» ва «прагматизм», «шахсӣ» ва «ҷамъиятӣ», «ҳиссиёт» ва «фаросат» дарк шуда, ба худмуайянкунии арзишии мактаббачагони синфҳои боло мувофиқ гарданд.

Аз давраи антиқа то солҳои 90-уми асри гузашта ва имрӯз мутаносибиро олимон ва педагогҳо ҳамчун принсип, идеали таҳсилот (Ш.А.Амонашвили, М.Н.Аплетаев, В.И.Загвязинский, А.Ф.Закирова, Б.Т.Лихачев, Л.И.Маленкова, Т.И.Петракова, В.А.Сластенин, Е.Н.Шиянов, Е.А.Ямбург, И.Х. Каримова ва диг.), дидгоҳ нисбат ба навсозӣ ва рушди муассисаҳои таълимӣ (Т.И.Власова, Н.А.Проворова) баррасӣ намудаанд.

Дар қаринаи ғояҳои инсонпарварона ва матлабҳои атропологияи фалсафӣ ва психологӣ дар психологияи ватанӣ ва хориҷӣ, педагогика анъанаи таҳқиқи ҳаммонандшавӣ (Э.Эриксон), худмуайянкунӣ (А.Н.Тубел-ский), худмуайянкунӣ дар навҷавонӣ (И.С. Кон, В.Мудрик),худмуайянкунии ҳаётӣ (О.С. Газман), худмуайянкунии шахсиятӣ ва касбӣ (Н.С.Пряжников) худмуайянкунии шахсиятӣ ва ҳаётӣ (М.Р.Гинзбург, И.В.Дубровина), фаъо-лияти ба арзиш нигаронида ҳамчун раванд (Н.А.Асташова, Е.В.Бондаревская, Д.М.Гришин, К.В.Гавриловетс, Е.Гурин, А.В.Кирякова, Н.Е.Шуркова ва диг.) анҷом ёфтааст. Раванди педагогиро Ю.К.Бабанский, М.А.Данилов, В.С.Илин, В.В.Краевский, Ю.В.Сенко, М.Н.Скаткин, И.Х.Каримова таҳқиқ кардаанд.

Мутаносибӣ асоси рушди устувори иҷтимоӣ ва маънавии кишвар шуда метавонад, ки дар «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» ба сифати яке аз ҳадафҳои таҳсилот

таъкид гардидааст. Аммо муаммои мутаносибгардонии раванди педагогии худмуайянкунии мактаббачагон берун аз соҳаи таваҷҷуҳи бунёдии илмӣ боқӣ мемонад. Дар амалияи мактаб самтгирӣ ба худмуайянкунии мутаносибшавандаи мактаббачагон вуҷуд надорад, ки боиси бегонашавии ҷавонон аз арзишҳои фарҳанг, ҷомеа, табиат мегардад. Чунин вазъият вазифаи мутаносибгардонии раванди педагогии худмуайянкунии арзишии субъектҳои таҳсилотро дар қатори муаммоҳои аввалиндараҷа, пойгоҳии педагогӣ мегузорад.

Зарурати ҳалли **ихтилофҳои** зикршуда ва коркарди нокифояи муаммои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон моро водор кард, ки ҷустуҷӯи илмии ҳалли нави муамморо идома диҳем.

Мубрамии муаммо, аҳамияти амалии он интихоби мавзуи таҳқиқоти моро таҳти унвони «Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» асоснок намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалисозии нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2015-2020 дар мавзуи «Асосҳои педагогии тадбиқи таълими салоҳиятноки дар синфҳои ибтидоӣ ва муассисаҳои махсуси таълимӣ» ва муқаррароти асосии «Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Ҳадафи таҳқиқот**- асоснокии методологӣ ва назариявӣ, тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Объекти таҳқиқот**: фаъолияти таълимию маърифатие, ки ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат менамояд.

**Предмети таҳқиқотро** омилҳо, шартҳо ва механизмҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳанд.

**Фарзияи таҳқиқот**. Таҳлили таҷрибаи педагогии пешқадам ва оммавӣ, вазъи имрӯзаи ҳалли муаммои таҳқиқшаванда, баҳодиҳии хусусияту самтгирии он, санҷиши пешакии озмоишӣ ифода кардани фарзияи таҳқиқотро имкон медиҳад. Мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ташаккулу татбиқи тарзи инсонпарваронаи ҳаёт мусоидат менамояд, агар:

- мувофиқати ҷузъҳо ва вазифаҳои он бо мақсади фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон (ва педагогҳо) дар асоси ноилшавӣ ба баробарӣ, мувофиқат, созгорӣ, ҳамдигарро пурракунӣ, мусоидати ҳамдигарии таркиби онҳо, пуркунӣ бо мазмуни аксиологӣ, интихоб ва амалисозии муносибатҳои инсонгароёна, воситаҳои ахлоқӣ шаклҳои беҳтаркунанда амалӣ карда шавад;

- созгории сохтори иҷтимоию ахлоқӣ ва психологии шахсият бо сохтори фаъолияти ахлоқӣ тавассути тағйирёбии сатҳу самти рушди соҳаҳои шахсияти мактаббача, пурра кардани онҳо бо мазмуни маънавию ахлоқӣ дар раванди ҷустуҷӯ ва азсаргузаронии мазмунҳои шахсиятии арзишҳо дар маҷмуи вазъияти аксиологӣ амалӣ гардад;

- консепсия, ки ғояи асосии он дар раванди мутаносибкунандаи педагогӣ фаро гирифтани худмуайянкунии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун афзалияти низоми таҳсилот ва рушди шахсият мебошад, асоснок карда шавад;

- мусоидати педагогӣ ба ин фаъолият аз ҳисоби бунёди фазои мутаносибкунандаи худмуайянкунии арзишӣ (таъсироти мутақобил, муносибатҳои субъектӣ-субъектӣ, муоиширати ихтиёрӣ ва гуногунсатҳ,

рифоҳ, ҳамзистӣ) ва майдони тақсимкунӣ (муаммо, вазъияти интихоб, ба шохаҳо ҷудо кардани масирҳои худмуайянкунӣ) таъмин гардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Дар мувофиқа бо ҳадаф ва предмети таҳқиқот чунин вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуданд:

1. Дақиқ намудани методология ва асоси назариявии таҳқиқи муаммои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

2. Асоснок намудани консепсия, ки ғояи асосии он дар раванди мутаносибкунандаи педагогӣ фаро гирифтани худмуайянкунии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун афзалияти низоми таҳсилот ва рушди шахсият мебошад.

3. Татбиқ намудани матлабҳои консепсия дар стратегия ва тактикаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

4. Бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷидани самаранокии технологияи бунёдшудаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

5. Таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омода кардани тавсияҳо оид ба ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таҳсилот.

**Методҳои таҳқиқот**. Дар раванди таҳқиқот методҳои зерин истифода шуданд:

- таҳлили адабиёти психологию педагогӣ, илмию методӣ оид ба муаммои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

- анкетагирӣ аз омӯзгорон ва хонандагон, суҳбат бо онҳо;

- гузаронидани озмоиши педагогӣ.

**Марҳалаҳо ва тартиби таҳқиқот**. Ҳалли муаммои гузошта дар се марҳалаи ба ҳам алоқаманд амалӣ гардид:

*Марҳалаи якуми таҳқиқот* (солҳои 2019-2020) - дар асоси таҳлили адабиёти психологию педагогӣ, методӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон вазъи коркарди муаммо дар назария ва амалияи кори мактабу донишгоҳҳо омӯхта шуд; дастгоҳи илмӣ коркард шуд, амсилаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардид.

*Марҳалаи дувум* (солҳои 2020-2021) - дар асоси таҳлили фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон имконияти ташкили ҳадафмандонаи кор оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, кор оид ба ҷорикунии тавсияҳои методӣ амалӣ гардид, ки бо ислоҳу таҳлили минбаъдаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳамроҳ сурат гирифт.

*Марҳалаи севум* (солҳои 2021-2023) - кори озмоишӣ оид ба ҷорикунии технологияи коркардшуда дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ анҷом ёфта, натиҷаҳои озмоиш ҷамъбаст шуданд, тавсияҳои амалӣ таҳия гардиданд.

**Асоси методологии таҳқиқотро** муқаррарот оид ба табиати биологӣ, психологӣ ва иҷтимоии инсон, дар бораи рушди мутаносиби шахсият ташкил доданд. Ғояҳои асосии методологиро худинкишофи инсонпарварона, мутаносиб, том ва эҳтимолии шахсият; назарияи диалективӣ оид ба зарурати омӯзиши падидаҳо дар инкишоф, робитаи мутақобил, ҳамбастагии онҳо; назарияи фалсафии шуур ва воқеият, ки ба маърифату дигаргунсозии воқеият равона гардидаанд; назарияҳои психологии интериоризатсия ва экстериоризатсия, инъикос ва тавлиди мазмунҳои арзишӣ; матлабҳо оид ба ихтилофҳо ва мутаносибии ахлоқ ва маънавият ташкил доданд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** консепсияи мундариҷаи муосири таҳсилот, консепсияи амсилаи ба фаъолият нигаронидаи таҳсилоти педагогӣ; дидгоҳҳои субъектӣ, шахсиятӣ, фаъолиятӣ, фарҳангшиносона, эҷодӣ, аксиологӣ, акмеологӣ, том, қаринавӣ ва муназзам нисбат ба ташкили раванди педагогӣ; дидгоҳҳои илмӣ ва коркардҳо оид ба муаммоҳои дарки моҳияти салоҳиятнокии касбию педагогӣ ва кордонии омӯзгор; принсипҳои хусусияти эҷодии фаъолияти педагогӣ ташкил доданд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**. Таълифоти илмии олимон-файласуфон, психологҳо, педагогҳо оид ба муаммоҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, рушди шахсият ва имконияти худамалисозӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ; маводи дастурии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муаммои таҳқиқшаванда; таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчунин таҷрибаи шахсии педагогӣ ва илмии муаллиф.

**Асосҳои эмпирӣ**: асосҳои озмоишии таҳқиқот аз мушоҳида, муқоиса, санҷиш ва тестгирӣ, ки бо мақсади ошкор намудани сатҳи рушди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иҷро шуда, дар пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот амалӣ гардид.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот:** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №22, 24, гимназияи №4 ш.Хуҷанд ва №15 ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғд

**Навоварии илмии таҳқиқот**:

- моҳияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шуд;

- бартараф кардани носозгорӣ, номувофиқатии ҷузъҳо, вазифаҳо ва ноилшавӣ ба мутаносибӣ, мусоидати тарафайни онҳо дар асоси мутаносибшавии онҳо бо ҳадаф;

- механизмҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардиданд: пурракунӣ, ҳамгироӣ, интериоризатсия ва экстериоризатсия, инъикос (меросбарӣ) ва тавлиди (офаридан) арзишҳо;

- маҷмуи шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок карда шуд;

- самаранокии мутаносибгардонии раванди таҳқиқшаванда ошкор гардид: пайдоиши синергия, рушди рефлексия, азхудкунии аҳаммияти арзишҳо, инъикос, тавлиди мазмунҳо, тағйири нуқтаи назар дар фаҳмиши арзиш, беҳтаргардонии интихобҳои арзишӣ, дақиқ кардани низоми арзишҳо, рушди иқтидори шахсиятӣ, пайдоиши сифатҳои нави шахсият, корҳои нек;

- технологияи педагогие коркард шуд, ки масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ (барномаи шахсии худмуайянкунии мактаббачагон дар низоми арзишҳо) ва лоиҳакашии иҷтимоиро фаро мегирад, ки ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст.

**Муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**:

1. Мутаносибгардонии педагог ва хонандагон дар қатори воситаҳои маълум ҳамчунин тавассути мутаносибгардонӣ (мувофиқат дар асоси ҳамдигарро пурра кардан) ва мусоидати мутақобили ҷузъҳои он (мундариҷа, шаклҳо, методҳо, воситаҳо, шартҳо) ва функсияҳо бо мақсади фарогирии арзишҳои дар таҳсилот ва рушди шахсият муҳимми маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон амалӣ мегардад.

2. Ташкили раванди педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон дар асоси принсипҳои муназзамӣ, худсозмондиҳӣ, мувофиқат ба фарҳанг, ҷомеа ва табиат бо принсипи мутаносибгардонӣ (ҳаракати сифатҳо, падидаҳо ба ҳолати мутаносиб асосан бо методҳои «нарм», ки бо тамоюлҳои худии инкишоф созгоранд) пурра мегардад.

3. Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон, ки меъёрҳо (тарзи ҳаёт, худидоракунии фаъолият ва мусоидати

педагогӣ ба баландшавии омодагӣ барои худмуайянкунии арзишӣ, сифатҳои маънавию ахлоқии шахсият, низоми типҳои мутаносиб ва аҳлонии кирдор), маҷмуи методии омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳоро фаро мегирад.

4. Маҷмуи методӣ ва тавсияҳо оид ба такмили раванди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки назария ва амалияи таҳсилот бо дониши муосири илмӣ оид ба асоси назариявӣ-методологии такмили мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ ғанӣ гардид; қисмҳои мундариҷавӣ, методӣ ва протсессуалии раванди мазкур муназзам гардиданд; амсилаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тарҳрезӣ шуд; воситаҳои меъёрӣ-ташхисӣ барои мониторинги раванди мазкур муайян гардид.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки технологияи коркардшудаи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳи рушди мутаносиби шахсиятро дар асоси фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ, восита ва методикаи ба амалияи таҳсилот ҷорӣ намудани матлабҳои консепсияи мутаносибгардонии раванди педагогии таҳқиқшавандаро тариқи масирҳои инфиродӣ-шахсиятии худмуайянкунии арзишӣ, тарҳрезии иҷтимоии самтгирии инсонпарваронаро зимни мусоидати педагогӣ ба ин фаъолият инъикос менамояд; маълумоти дар рафти таҳқиқот ба даст омадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон метавонанд истифода шаванд.

**Саҳми шахсии муаллиф** аз иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот иборат аст: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок кардани

мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайн кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам кардани натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳамчун пойгоҳи маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омодасозӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таълифи диссертатсия.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (2018 – 2023) муҳокима шуданд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи омодагии омӯзгорони оянда тавассути маҷмӯи мақолаҳои интишорёфта, хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ, роҳбарӣ ба таҷрибаи педагогии донишҷӯён сурат гирифт.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст: *банди 1* - «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (дидгоҳҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогика, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; методҳои таҳқиқоти педагогӣ); *банди 6* - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии онҳо; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); *банди 7* - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасти таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва хулоса иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 217 сарчашмаи корро бо забони аслашон: тоҷикӣ ва русӣ дар бар мегирад. Мундариҷаи диссертатсия дар 204 саҳифаи чопи компютерӣ ифода ёфтааст.

## БОБИ 1. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НАЗАРИЯВИИ МУТАНОСИБГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ПЕДАГОГ ВА ХОНАНДАГОН

### 1.1. Муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда

Дар раванди педагогӣ мақсадгузории муносибатҳои тарафайн, бо мундариҷаи аксиологӣ пур кардани он, интихоб ва татбиқи методҳои инсонпарварона, воситаҳои ахлоқӣ, шаклҳои мувофиқ, ҳамчунин таъмини маҷмуи шароитро (муҳит, фазоию замонӣ, психологию педагогӣ, эстетикӣ, этикӣ, беҳдоштӣ, моддию техникӣ, ҳамчунин шартҳои педагогӣ, ки вазифаи низомофарро иҷро мекунанд) субъектҳои он - педагогҳо ва мактаббачагон амалӣ мекунанд. Онҳо ба таъсироти мутақобил ва муоширати ихтиёрӣ ҳамроҳ мешаванд, ки ба худмуайянкунии арзишӣ равона гардидааст.

Шахсияти педагог, салоҳиятнокии ӯ, мундариҷаи инсонпарварона, хусусият ва самтгирии фаъолияти педагогӣ ва муносибатҳои ӯ, ҳамчунин шахсияти мактаббача, ташаккули самтгириҳои арзишии ӯ, сифатҳои шахсият, инкишофи қобилият ва омодагӣ ба худмуайянкунии арзишӣ, сатҳи тамаркузи низоми арзишҳо муҳиманд.

Сатҳи натиҷабахшии раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро тавассути мутаносибгардонӣ баланд метавон кард. Барои асоснок кардани ин матлаб аввал ба мундариҷаи мафҳуми сермаъноӣ «мутаносибӣ» (гармония) муроҷиат мекунем. Он дар фалсафа, ҷомеашиносӣ, педагогика таҳқиқ мешавад, аммо бештар дар санъатшиносӣ, эстетика баррасӣ ва шарҳ ёфтааст.

Мутаносибӣ дар навъҳои гуногуни санъат зоҳир гардида, шаклҳои дахлдорро мегирад: меъморӣ (Сороко Э.М., В.Н. Сагатовский, Б.В.Раушенбах, Н.С. Пряжников, О.К. Прончева, Л.Г. Пашенко, Э.И. Моносзон ва диг.), мусиқӣ (А.А. Милтс, Е.А. Мажарова, Н.Н. Макарцева, Д.А. Леонтев, С.П. Куваев ва диг.). Барои мусиқишиносон ин робитаи махсус байни овозҳост, ки устуворӣ, тамомият, фардият, форамӣ ва камолоти андешаро таъмин менамояд. Масъалаҳои робитаи мутақобили шаклҳои мусиқавӣ ва иҷтимоии

мутаносибӣ дар таълифоти М.В.Есипова, В.Е Гурин ва дигарон инъикос ёфтаанд. Дар эстетика вазифаи мутаносибӣ-зебоӣ ҳамчун дараҷаи олии мувофиқат ба мақсад, дараҷаи мувофиқати созгори унсурҳои ба ҳам муқобил дар ҳама гуна низом, чиз, организм мебошад. «Мутаносибӣ дар фарҳанг, ки дар шаклҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва антропологӣ зоҳир мегардад, ҳамчун ченаки муносибатҳои инсон ба табиат, ҷомеа, ба худаш муаррифӣ гардидааст» [56, с.81].

Дар табиатшиносӣ мутаносибӣ ҳамчун воқеияти объективӣ фаҳмида мешавад. Ба сифати исбот дар илми муосир ҳамчун мисол низомҳои зинда оварда мешаванд, ки ба радифи низомҳои мукаммал мансуб буда, ба онҳо тамомият, худсозмондиҳӣ, мувофиқат, мутаносибӣ, ба мақсад мувофиқ будан, зебоӣ хос мебошад» [97]. Дар баробари ин, ягонагӣ дар худ тақсимшавиро таҷассум намудааст: «Мутаносибӣ-шакли махсуси таносуб ва таъсироти мутақобили тазодҳо мебошад» [201]. Дар кайҳон, дар рӯйи замин ду қувва (ҷозиба ва теладиҳӣ) амал мекунанд; дар физикаи муосири вакуум ду ҳолат (мутазод ва номутазод) фарқ карда мешаванд, дар биология мавҷудияти ду қонун (тафриқашавӣ ва ҳамгироӣ) таъкид карда мешавад, дар сатҳи ирсият ду навъи сохтор (устувор ва ноустувор) мавҷуданд; ду навъи фард (зан ва мард); ду механизми инкишоф (нигоҳдорӣ ва мутатсия); ду типи робитаи акс (мусбат ва манфӣ) вуҷуд доранд. Сатҳи инкишофи донишҳои инсонӣ ҳоло барои шарҳи мутаносибии низоми зинда қодир нест. Дар дастовардҳои олитарини худ инсон ба ин ормон (идеал) танҳо як андоза наздик мешавад. Категорияи мутаносибӣ яке аз категорияҳоест, ки то ҳол пурра коркард нашудааст, ҳарчанд бештар аз ду ҳазор сол мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дорад.

Тасаввуроти нахустин дар бораи мутаносибӣ дар асотир, ривоят, осори фолклори халқҳои гуногуни ҷаҳон ифода шудаанд, ки оид ба кӯшиши одамон ба сӯйи он ҳатто дар марҳалаҳои ибтидоии фарҳанги инсонӣ гувоҳӣ медиҳад. Онҳо сермаъноии мафҳуми мутаносибиро инъикос намуда, ба сифати «ноқилон»-и он зоҳир мешуданд ва тартиби муайянро сабт менамуданд, ки

риоя накардани он боиси номутаносибии (дисгармония) олами иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегардид (Гуссерл Э. А.В.Демичев, А. Зиеев, М.С. Каган, Ю.А. Килис, А.Н. Леонтев, В.Т. Мешеряков, С.Ю. Степанов, Н.Ф Талызина, Ю.А. Урмансев, И.М. Чередов). Фаҳмиши мутаносибӣ, ки дар тасаввуроти тофалсафӣ зоҳир гардиданд, пеш аз ҳама, аз ҷониби мутафаккирони Юнони Қадим инкишоф дода шуд. Файласуфони давраи атиқа онро ҳамчун амалияи инсонии мавҷудияти якҷоя (Ҳомер), ягонагии тазодҳо шарҳ додаанд, ки тартиботи ҷаҳонро таъйин менамояд. Тасаввуроти космологӣ дар бораи «мутаносибии олам» ҳамчун ботартибии Коинот, ки ба Хаос (бетартибӣ) муқобил меистад, ҳукмфармо буд (Птоломей). Он аз таълимоти Пифагор оид ба «мутаносибии соҳаҳо» сарчашма мегирад, ки асоси онро муносибатҳои ададӣ, ченаки мутаносибӣ - «тақсимоти тиллоӣ» ташкил медиҳад.

Мувофиқи таъкиди А.И.Гертсен пайравони Пифагор «аз тағйирёбандаи абадии ҳастӣ таносуби доимиро мебароварданд». Ҳамчунин мутаносибӣ чун идеали сифатҳои шаҳрванд маънидод мегардид (Афлотун). Ин мафҳум бо шарҳи ботартибӣ ҳамчун «мутаносибии ба худаш баргарданда» (Гераклит) наздик карда шуда, нисбат ба тамоми соҳаҳои воқеият ҳаматарафа (универсалӣ) татбиқ мегардид. Зимни чунин гуногунии мавқеъҳо таълифоти А.Ф.Лосев арзишманданд, ки ба таҳқиқи тасаввуроти давраи атиқаро дар бораи мутаносибӣ бахшида шудаанд.

Дар давраи асрҳои миёна дар доираи ҷаҳоншиносии динӣ ғояи мутаносибии олам бо ғояи мутаносибии Худо иваз карда мешавад. Он ҳамчун як навъ файзу баракате маънидод гардид, ки Офаридгор ба олам ато кардааст (Климент, Ф.Аквинский, Н.Кузанский). Дар баробари ин, дар афкори асримиёнагӣ ғояҳои Пифагор, аз ҷумла, дар таълифоти Боэтсий идома дода шуданд.

Ташаккул ёфтани манзараи нави олам дар Давраи Эҳё, ки мувофиқи он инсон дар маркази олам қарор дода мешавад, боиси ғанӣ гардидани мутаносибӣ бо мундариҷаи инсонгароёна ва эстетикӣ мегардад. Инкишофи фаҳмиши математикӣ («буриши тиллоӣ») ва космологии мутаносибӣ, ки бо

пантеизм (вахдати вуҷуд) алоқаманд аст, идома меёбад. Зери таъсири кашфиёти илмии давраи Эҳё ва давраи Нав афкор оид ба мутаносибӣ ҳамчун падидаи объективии хоси тамоми соҳаҳои воқеият аз ҷиҳати фалсафӣ дарк шуда, устувор мегардад (Г.Лейбнитс, И.Кант, Г.Гегел). Классикони марксизм объективӣ будани мутаносибиро эътироф мекарданд, аммо ғояи умумияти онро ҳимоя намекарданд. Тадриҷан дар маркази таваҷҷуҳ дарки мутаносибӣ ҳамчун муаммои иҷтимоӣ қарор мегирад, ки пеш аз ҳама, бо инкишофи шахсият, ҷомеаи мутаносиб алоқаманд аст.

Дар асри XX яке аз тамоюлҳои фаҳмиши фалсафии мутаносибӣ муттаҳид гардидани тасаввурот дар бораи мутаносибии олам бо назарияҳои табиатшиносии муосир буд [29, 40, 97, 113, 146, 149, 164]. Дар фалсафа нишон дода шудааст, ки низоми том метавонад то сатҳи мутаносибӣ боло шавад [181, 211].

Қариб тамоми масъалаҳои асосӣ, ки бо ошкор намудани моҳияти мутаносибӣ алоқаманданд, масъалаҳои баҳснок мебошанд; дар таърифи «мутаносибӣ», «инкишофи мутаносиб» ягонагии ақидаҳо вуҷуд надорад. Мутаносибӣ на танҳо ҳамчун баробарӣ, таносуб, балки ҳамчун ботартибӣ, мувофиқат, пуррагӣ, маҷмуъ, ягонагии гуногуннавъӣ, тамомият, мутобиқати оқилона, пуррагии ҳамроҳӣ, мукаммалӣ ва ғайра фаҳмида мешавад. Ба назари мо, аломатҳои зикршуда бояд дар созгории муайян қарор гиранд, ки дар натиҷа, синтези онҳо мебошад, аммо онро танҳо бо яке аз онҳо набояд маҳдуд кард, зеро боиси аз ҳам ҷудошавӣ ва мутлақ гардонидани ягон ҷиҳати ин падида мешавад.

Бо вуҷуди гуногунӣ ва тафовути ақидаҳо дар бораи мутаносибӣ, онҳо дар доираи мавқеи материалистӣ ё идеалистӣ шакл гирифтаанд, ки боиси як навъ духӯрагии фаҳмиши он шудааст. Аз як тараф, мутаносибӣ ҳамчун хосияти объективии воқеият, зоҳир шудани қонунияти бунёдии ҳастӣ шарҳ дода шудааст. Аз тарафи дигар, он як навъ мулоҳизаронӣ, чизи шартие мебошад, ки дар рафти инкишофи фарҳангию таърихӣ шакл гирифта, бо ёрии он инсон олам ва худро дар ин олам мефаҳмад ва тавзеҳ медиҳад. «Дар

мизони аксиологӣ мутаносибӣ, ки ҳадафи олӣ, намунаи инкишоф аст, бо назардошти он, ки мутаносибӣ мавҷудияти тазодҳоро пешбинӣ менамояд, ҳамчун идеал баррасӣ шуда метавонад, дар ҳоле ки идеал - намунаи камолот - аз онҳо бояд озод бошад» [35, с.23]. Номумкин будани амалишавии мутаносибӣ дар шакли мутлақ таъкид гардидааст.

Аммо дар доираи маънидоди материалистии мутаносибӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Як қатор олимон чунин мешуморанд, ки ин падида ба тамоми навъҳои материя хос мебошад [21]; он қонунияти ҳаматарафа [144], меъёри олии арзишии ҳама гуна чиз аст [146]. Олимони дигар мутаносибиро хосияти умумии материя мешуморанд, аммо дар он вуҷуд доштани принсипҳо, навъҳои махсуси муносибат, навъҳои инкишоф, ки барои тамоми низомҳои табиӣ ва иҷтимоӣ хосро эътироф менамоянд (Н.М.Аникеева, А.В.Демичев, Ф.М.Капак, И.С.Молкин, М.В.Попович ва диг.). Қисми зиёди муаллифон пурихтилофии оламро манбаи инкишофи он шуморида, чунин ақида доранд, ки мутаносибӣ маънои набудани ихтилофҳоро надорад, балки ягонагии махсуси онҳост. Он ҳамчун тартиби махсус, робита, муносибат байни қисмҳои том баррасӣ мегардад, ки дар раванди мутаносибгардонӣ ихтилофҳо бартараф мешаванд.

Мутаносибгардонӣ дар ду мавқеъ амалӣ мегардад. Яке аз онҳо принсипи таносуб (симметрия) ва тавозунро ҳимоя мекунад, ки ба устуворӣ ва суботи низом мусоидат менамояд, дуюмӣ - принсипи номутаносибӣ (ассиметрия), афзалияти мувофиқтарини яке аз тарафҳо, ки ба шахшавӣ ва рукуди низом муқобилат нишон медиҳад [40, 101, 164]. Дарёфти ду мавқеи мухолиф, амалисозии мувофиқати онҳо «генератори» гиреҳҳои ченак» - тағйирнаёбандаҳои низоми мутаносибшаванда мебошад. Азнавсозии сохтор, вазифаҳо ва муносибатҳо, шиддатёбии маҷроҳои захираҳо, зичшавии давраҳои ҳаёт, мавҷудияти кофии озодӣ, вақте ки ду тарафи мухолиф аз ҳисоби неруи муносибатҳо бо ҳам алоқаманд шуда, «дар ягон чизи севум худ ба худ ҳал мешаванд», ки дар он ченак ҳамчун ҳадди беҳтарин хизмат карда, ба мутаносибгардонии низом мусоидат менамояд.

Мавҷудияти падидаи мутаносибӣ дар луғати навтарини фалсафӣ эътироф гардида, ба он мақола-истилоҳ бахшида шудааст. Дар он мутаносибӣ (юн. armonia - алоқамандӣ ва таносуби қисмҳо) ҳамчун мақсади фарҳанг муайян карда шудааст, ки ба дарки олам (дар маҷмуъ ва қисмҳои он) ва инсон аз мавқеи назардошти тартиби дохилии онҳо, робита ва имкони пурракунии онҳо дар асоси муколама, амалиёти мутақобили онҳо равона шудааст.

Мутаносибгардонии муносибатҳои инсон ва муҳити зисти ӯ, ки ҳадафи асосии он аллакай на танҳо мукаммалии сохти ҷамъиятӣ ва олами техникӣ, балки худи инсон аст, ҳамчун стратегияи некбинонаи инкишофи тамаддуни давраи ноосферӣ хизмат мекунад. Ин стратегия дар тактикаи мутаносибгардонии манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ, байналмилалӣ ва умумихалқӣ [122, 207]; дар консепсияи инкишофи мутаносиби шахсият [188] дар асоси мувофиқати эҳтиёҷот ва қобилияти инсон [134] мушаххас мешавад. Мутаносибӣ ба сифати ҳадаф, арзиш, мино, намуна (эталон), ангезиши пешрафт ба хислати инсон - кӯшиши бурда расонидани ҳама чиз то ҳадди имконпазир мувофиқ аст. Омили ҷустуҷӯи маънавии тарзи ҳаёти шахсияти мутаносибан инкишофёбанда мавҷудияти вақти холӣ мебошад [34].

Дар дарки муаммои мувофиқати иҷтимоӣ нақши муҳим ба таносуби мабдаъҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мансуб дониста мешавад. Мутаносибӣ ҳамчун ҳадафи инкишофи ҷомеа маънои якрангиро надорад. Ҳамчун идеал мутаносибӣ ба принсипҳои инсонпарварӣ асос меёбад, ки дар он инсон - ҳадаф аст; он дар низоми ҳукмфармоии техника (технократӣ), ки инсонро ҳамчун восита баррасӣ мекунад, ғайриимкон мебошад. Дар таълифоти классикони марксизм таълимот оид ба мутаносибии иҷтимоӣ ва инкишофи мутаносиб коркард шудааст, ки ба адолати иҷтимоӣ, худидоракунии ҷамъиятӣ, типи махсуси муносибатҳо асос меёбад, ки зимни он «инкишофи озодонаи ҳар кас шарти инкишофи озоди ҳамагон мебошад». Дар таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷӣ оид ба муаммоҳои мутаносибии иҷтимоӣ шартан ду самтро фарқ кардан мумкин аст. Самти якум муаммои мутаносибии ҷомеаро ба

таври ҷудогона, бидуни робитаи зарурӣ бо муҳит ва қонунҳои инкишофи он баррасӣ менамояд. Самти дувум ғояи ягонагӣ, мувофиқат, тавозуни инкишофи омилҳои иҷтимоӣ ва табииро инъикос мекунад.

Дар таълифоти муосир оид ба ҷомеашиносӣ муаммои мутаносибӣ аз дидгоҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, сохтори иҷтимоӣ, тамомияти ҳаёти ҷамъиятӣ, консепсияи рушди устувор, зинда будан ва такмили томи инсону инсоният, дигаргуншавии омили субъективӣ, иҷтимоишавӣ, таҳаммулпазирӣ баррасӣ мегардад (Э.М.Андреев, Э.Я.Баталов, С.П.Батракова, В.Э.Бойков, В.М.Димов, В.Н.Иванов, А.С.Капто, В.С.Комаровский, А.П.Кузнетсова, В.А. Кутирев, П.И.Новгородсев, В.Г.Смоляновский, Г.Л.Смирнов, В.М.Соколов, Ж.Т.Тошенко, В.А.Челнокова, В.А.Ядов, Р.Г.Яновский ва диг.). Ҷомеашиносӣ намунаҳои ченкунии миқдории мутаносибӣ ва номутаносибии низомҳои иҷтимоиро бо ёрии таносуби «буриши тиллоӣ» нишон додааст. Таҳқиқи асосҳои мутаносиби парадигмаи ташаккулёбандаи ҳаёти маънавии ҷомеа манфиатҳои шахсият ва ҷомеаҳо дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва байниэтникӣ амалӣ гардидааст [58].

Таълифоти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ барои таҳқиқоти мо асосӣ мебошанд. Дар онҳо ***мутаносибӣ*** ҳамчун мақсади фарҳанг, ки ба дарки олам ва инсон нигаронида шудааст, пеш аз ҳама, чун шакли мувофиқтарине фаҳмида мешавад, ки самти инкишофи ҳама чизи томро муайян мекунад; дувум, ҳамчун воситае фаҳмида мешавад, ки робитаи мутақобили унсурҳо, қисмҳо, тарафҳои ҳама гуна чизи томро дар асоси тартиби дохилию амиқ, ҳамоҳангӣ, пуррашавандагӣ ва таъсироти мутақобил амалӣ мегардонад. Афзалияти мутаносибӣ ҳамчун стратегияи инкишоф, идеал зоҳир мешавад, ки тамоми унсурҳо, ҷанбаҳо ва зуҳуроти он бо ҳамдигар ботинан дар тавозунанд ва мукаммалии тамомиятро ба вуҷуд меоранд: «Мутаносибӣ дигар чизе нест, ба ҷуз он ки тарҳи умумӣ узвҳои алоҳидаро дарбар гирад» (Леонардо да Винчи). Ченаки ***миқдории*** он мутаносибии беҳтарин мебошад, ки маънои баробарии муносибатҳои том ба қисми бештар ва муносибати қисми бештарро ба камтар дорад. Миқдорро ҳамчун муайянии зоҳирии

ҳастӣ баррасӣ мекунанд, ки бо он якхела нест, аммо ба шароити мавҷудияти он таъсири назаррас мерасонад ва онҳоро маҳдуд менамояд. Вақте ки тағйироти миқдорӣ аз ҳудуди андоза берун мешаванд, миқдори мазкур дигар вуҷуд дошта наметавонад. Баррасии чунин хусусиятҳои мутаносибӣ барои асоснок кардани хусусияти фаросубъективии (сверхсубъективный) он ва коркарди алгоритмҳое муҳим аст, ки бунёди онро осон мегардонанд. Мутаносибӣ таносубҳои ***сифатиро*** низ дар бар мегирад, ки моҳияти ботинии ашё, падидаҳоро ифода мекунанд. «Сифат шаклест, ки дар он муайянии ҳастӣ ё ҳастии муайяншуда дар бораи мавҷудияташ гувоҳӣ медиҳад. Сифат худро зимни таъсироти мутақобил бо шароити беруна, бо навъҳои дигари ҳастии муайян ошкор менамояд» [24, с.117].

Дар баробари мутаносибии қисмҳои ҳамшафати чизи том мутаносибии ҷиҳатҳои дохилӣ ва зоҳирии он, аз ҷумла сифат ва миқдор, мундариҷа ва шакл ба миён меояд, ки ҳамчун андоза зоҳир мегардад. Таносуби сифат ва миқдорро, ки дар ҳудуди он сифати мазкур устувор вуҷуд дошта метавонад, Гегел «ченак» меномад. Ченак - як навъ минтақаест, ки дар ҳудуди он сифати мазкур метавонад тағйир ёфта, зимнан нишонаҳои муҳимми худро нигоҳ дорад. Ченаки мутаносибӣ тартиб (устуворӣ) ва тафовутро (тағйирёбӣ) бе барзиёдӣ, мавҷудияти таъкидҳоро бидуни ифрот, инчунин тасодуфи муътадил тақозо менамояд.

Аз дидгоҳи аксиологӣ мутаносибӣ бештар на ҳамчун сохтори нигоҳдоранда, балки ҳамчун сохтори пешраванда баррасӣ мешавад, ки асоси онро умеду орзу ташкил медиҳад. На ин ки мутаносибӣ (он ҳамеша шакл мегирад), балки кӯшиш ба он мутлақ аст. Мутаносибӣ «ҳадафест, ки ба он кӯшиш бояд кард, аммо на интиҳои роҳ, балки қадамҳо барои таҷассуми он мебошад» [127, с.8]. Дар фарҳанги классикии аврупоӣ мутаносибии муносибатҳои инсон бо олам ҳамчун меъёр фаҳмида мешавад, низои марказии фарҳанг вайроншавии ин гуна мутаносибӣ буда, ҷустуҷӯи роҳҳои дубора ба даст овардани онро тақозо менамояд. Барои фарҳанги ғайриклассикӣ ҷустуҷӯи шаклҳои ҳастӣ дар шароити номутаносибии

онтологӣ (бетартибии иҷтимоӣ ва иҷтимоию табиӣ) ва экзистенсиалӣ (шуури порашуда) ба сифати меъёр дарк мешаванд. Ҷустуҷӯи бошиддати парадигмаи мутаносибӣ ва дарки он ҳамчун идеал (аз юн. idea - ғоя, тимсоли ибтидоӣ), ки дар муқоиса бо ҳолати ибтидоии ояндаи матлуби раванди том дувумдараҷа мебошад, дар натиҷаи фаъолияти дигаргунсозанда - мутаносибгардонӣ амалӣ мегардад.

Муаммои мутаносибгардонӣ ба радифи муаммоҳои «абадӣ» мансуб аст, ки пайваста дар маркази таваҷҷуҳи таҳқиқоти педагогӣ қарор дорад. Дар таълифоти Ш.А.Амонашвили, В.И.Загвязинский, А.Ф.Закирова, Б.Т.Лихачев, Л.И.Маленкова, Е.В.Кириллова, Т.И.Петракова, В.А.Сластенин, Е.Н.Шиянов исбот шудааст, ки дар таҳсилот кӯшиши расидан ба идеали мутаносибӣ дуруст буда, ба миён гузоштани чунин ҳадаф зарур аст: «тарбияи шахсияти на танҳо фаъол, эҷодкор, озод, ташаббускор, балки мутаносибе, ки бо табиат, одамони дигар, ҷомеа ва худаш созгорона зиндагӣ карда метавонад» [127, с.6].

Дар ин қарина мутаносибгардонии муносибатҳои хонандагон ва коллектив дар мактаб ҳалқаи иҷтимоишавии шахсият, инкишофи фардияти ӯ «ҳамчун раванди таъсироти мутақобили онҳо, ки манфиатҳои ҳам шахсият, ҳам коллективро тавассути тавозуни онҳо ба таври беҳтарин фаро гирифтааст» баррасӣ мешавад [125, с.9]. Омилҳои мутаносибгардонии раванди педагогии муносибатҳои арзишии мактаббачагон инҳоянд: мутаносибгардонии таъсироти мутақобили онҳо бо табиат, рифоҳи психологию педагогӣ [86], мутаносибгардонии педагогҳо ва муносибатҳои бачагон [114], раванди таълим (И.С Молкин), инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнӣ [122]. Мутаносибгардонии таҷрибаи инфиродӣ ва коллективӣ [131] барои муносибатҳои омӯзгорон ва мактаббачагон ҳамчун фазо хизмат мекунад. Дигаргунсозии раванди педагогии таҳқиқшаванда дар асоси идоракунии раванди мутаносибгардонии муносибатҳои тарафайни педагогӣ [146] тавассути фароҳам овардани шароит барои мутаносибгардонии равандҳои иҷтимоигардонӣ ва инфиродигардонии мактаббачагон [68] амалӣ мегардад.

Вақте ки ҷойи тантанаи хирад ва муносибатҳои «шаффофи» иҷтимоиро «ношаффофии нав» мегирад, дар ҳаёти имрӯза азхудкунии падидаи идеалӣ имконпазир мешавад. Мутаносибӣ ҳамчун идеал иқтидори маънавии мактаббачаро бедор карда, барои бунёди неруҳои нави таҳаввул дар оянда ёрӣ мерасонад. Он имконияти ҳамгиро барои тавлиди ҳадаф мебошад. Махсусияти мутаносибӣ ҳамчун идеал дар он аст, ки дар асоси неруи ҳаётбахш ва дигаргунсозанда (синергия) барои амалисозии рафтору кирдор ангезиш медиҳад.

Пайвандкунӣ бо мутаносибӣ раванди ташаккул, кӯшишро барои мутаносибӣ ангезиш дода, имкон медиҳад, ки мазмун, ҳадаф, механизмҳои инкишофи раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва мактаббачагон дақиқтар тавсиф шаванд. Наздик кардани раванди педагогӣ ба идеали мутаносибӣ, ки дар меъёрҳо ифода ёфтааст, онро воқеӣ, муассир намуда, муносибатҳои арзишии байни омӯзгорон ва мактаббачагонро руҳбаландона, «ҳалқамонанд» мегардонад. Ин бо моҳияти арзишҳо ва ахлоқ созгор аст, ки дар он кӯшиш барои хушахлоқӣ, беинтиҳо будани ин раванд асосӣ мебошад. «Худи мутаносибӣ ҳолати шахшуда нест, балки баробарии нисбии мутаҳаррик, ҳамкорӣ, таҳрики якдигар, пурра кардани ҷиҳатҳои ҳама гуна раванд, хусусан, педагогӣ мебошад» [127, с.161].

Бо назардошти нуктае, ки самаранокии раванди педагогии муносибатҳои арзишӣ тавассути мутаносибгардонӣ афзуда мешавад, мо огоҳии академик Л.Ф.Иличёвро низ ба назар мегирем: таваҷҷуҳи нокифоя ба муаммои падидаи том ва воситаҳои ташкили ҷузъҳо ва сохтори он метавонад боиси каҷравиҳои ҷиддии методологӣ гардад. Бинобар ин, то оғози кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳолати ҷузъҳои сохтории раванди таҳқиқшаванда ва сатҳҳои зоҳиршавии онро пайгирӣ намуда, аз мундариҷаи ҷадвали «Мусоидати педагогӣ ба муносибатҳои арзишии байни омӯзгорон ва мактаббачагон» истифода бурдем.

***Расми 1. Зоҳиршавии ҷузъҳои сохтории раванди педагогии муносибатҳои арзишии байни омӯзгорон ва мактаббачагон.***




- ангезишӣ - ҳадафнок (1)
- рефлексивӣ-фаъолиятӣ (2)
- баҳодиҳӣ-натиҷавӣ (3).

Дар расми 1 бо фоизҳо сатҳи зоҳиршавии нишонаҳои ҷузъҳои сохтории раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгорон ва мактаббачагон дар синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ инъикос ёфтааст: 22,3% - ангезишӣ-ҳадафнок; 43,5% - рефлексивӣ-фаъолиятӣ; 34,2%- баҳодиҳӣ-натиҷавӣ. Сатҳи нокифоя ва нобаробарии зоҳиршавии ҷузъҳо, набудани тавозуни вазифаҳои онҳо, носозгории сохтор ва вазифаҳо бо ҳадаф муқаррар карда шуд. Заифӣ ва номутаносибии зоҳиршавии нишонаҳои ҷузъҳои сохторӣ, функсияҳои раванди таҳқиқшаванда, ки ошкор гардиданд, зарурати мутаносибгардонии раванди педагогии муносибатҳои омӯзгорону мактаббачагонро тасдиқ менамояд. Раванди таҳқиқшавандаро чӣ тавр мутаносиб метавон кард?

Мувофиқи гуфтаи И.Ф. Харламов, дар олам қонуни ҳаматарафаи адад ва тартиб (ритм) ҳукмрон аст, ки ҷанбаи сохтории онро ифода мекунад. Мутаносибгардонии на танҳо ҷанбаи сохторӣ, балки амалии робита ҳамчун муттаҳидшавии сифатҳои сохторӣ ва функсионалии чизи том дар раванди амалисозии функсияи асосии он зарур аст [185, с.26]. Аз ин ҷо, ***мувофиқ гардонидани сохтор ва функсияҳо бо мақсади раванди педагогии инсонгароёна кардани муносибатҳои омӯзгорон ва мактаббачагон зарур аст***, зеро мутобиқат ҷиҳати хоси робитаҳои мутаносиб аст, ки онҳоро аз унсурҳои як чизи том фарқ мекунонад.

Бо истифодаи методи шарҳи сохтор, функсияҳо ва самтгирии ҳадаф фазои бисёрченаи мутаносибгардонии раванди таҳқиқшавандаро ошкор менамоем.

Мутаносибгардонии сохтории раванди педагогӣ тағйирёбии сохтори дохилии онро пешбинӣ менамояд. Аввал бо истифодаи «методи буришҳои сохторӣ» [33, с.50] раванди таҳқиқшавандаро ба як қатор ҷузъҳо ҷудо карда, хусусият ва сохтори онҳоро меомӯзем ва намунаи бисёрченаи онро ҳамчун низоми том ҳосил мекунем. Сипас, дар асоси қонуни нигоҳдории гуногунии низом як навъ маҷмуи аъзои муносибат, қисмҳои чизи томро аз рӯйи якхелагии онҳо муайян менамоем. Барои ин амали таҳлилии «кушодани» сохторҳоро анҷом бояд дод. Он иборат аст: якум, ҷустуҷӯи «ҳамгиро-кунандае», ки аз маҷмуи муносибатҳо сифати ягонаи низом, «андозаи» умумии ин муносибатҳоро дарёфта метавонад; дувум, ҷустуҷӯи меъёри муайян кардани ин муносибатҳо, ки аҳаммият ва арзиши онҳоро дар маҷмуъ муқаррар менамояд. Ҳамин тавр, мо дар байни ҷузъҳои ихтилофнок мувофиқати онҳоро дармеёбем, ки устуворӣ, ҳамоҳангии раванди худ-муайянкунии арзиширо таъмин менамояд. Ба сифати «ҳамгирокунанда»-и ҷузъҳои раванди педагогии мутаносибшаванда муносибат, робита қабул карда мешавад: «*Муносибат* - қонун, ҷиҳати устувори ашё аст; ин тавсифи алоқамандии маҷмуи ашё дар доираи тағйирёбии онҳо мебошад» [35, с.23]. Робитаро мо ҳамчун «таъсироти мутақобиле, ки зимни он тағйири як ҷузъи низом боиси тағйирёбии ҷузъҳои дигари он мегардад» мефаҳмем. Аз ин ҷо, дар асоси муқоисаи ҷузъҳо робитаи онҳо, якхелагии онҳоро муайян карда, муносибатро созгор бояд кард.

Ҷорӣ кардани тартиб дар байни сохторҳоро дар асоси принсипи таносуб (симметрия) ва номутаносибӣ (асимметрия) амалӣ метавон кард, зеро «раванди тағйири сохтор дар рафти таҳаввули низом - раванди тағйири таносуби ба он мувофиқ аст, ки дар он тарафҳо мустақиланд, аммо аз ҳам ҷудо нестанд. Мутаносибӣ хосияти танҳо низомҳои ҳаракаткунанда мебошад, ки дар онҳо ягонагии таззодҳо то парокандагӣ расонида намешавад,

аммо то якҷояшавии пурраи онҳо низ бурда намерасонад [22].

*Таносуб* (симметрия) аз забони юнонӣ гирифта шуда, ҳамчун эътидол, таносуби қисмҳо тарҷума шудааст. Мутафаккир Филолай пайдоиши мутаносибиро ҳамчун ченаки тазодҳои муттаҳидшуда бо дарёфти ҳолати устувори мобайнӣ алоқаманд медонист. Таносуб дар сохтори раванди таҳқиқшаванда барои нигоҳдории тағйирнопазирӣ ба таъсироти вайронкунанда зарур аст. Он ба қонуни буриши тиллоӣ тобеъ буда, мутаносибиро ҳамчун натиҷаи мувофиқати ду муносибат, баробарии ғайрисаҳеҳи онҳо тақозо менамояд [33, 41, 67, 70, 79, 114].

*Номутаносибӣ* (асимметрия) бо ёрии принсипи иловапазирӣ, мувофиқати пурракунанда амалӣ мегардад. Ба маънои умумӣ «иловапазирӣ» аз ҷониби мо на ҳамчун ба ягон чиз илова кардани чизи дигар (чунонки Н.Бор ақида дошт), балки ҳамчун қобилияти ҳамдигарро пурра кардани мабдаъҳои гуногун, хосиятҳо ва падидаҳо фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо ихтилофи ду тараф на тариқи истисно кардан ҳамдигар, балки тавассути ба ҳамдигар ворид шудан, якдигарро пурра намудан, «худсозгории гуногуниҳои бо якдигар пайвастшаванда», дарёфти асосҳои умумии гуногунфикрии мухолифон, инкишофи якҷояи (коэволютсия) диалектикию бисёровозии онҳо баррасӣ мешавад.

Аммо робитаҳои устувору бунёдии ҷузъҳои асосии сохтор худ ба худ ба вуҷуд надоранд, онҳо ба фаъолият пайваст шуда, ноилшавӣ ба ҳадафҳои таҳсилотро таъмин менамояд ва зимнан ҷузъҳои функсионалии раванди педагогиро ҳосил мекунанд. Субъектҳо, шартҳо, таҳлили педагогӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирӣ, ташкил, назорат, танзим ва ислоҳ раванди педагогиро дар ҳаракат, тағйирёбӣ инъикос намуда, мантиқи такмили онро таъйин мекунанд. Ба ҷиҳати функсионалии мутаносибгардонии раванди педагогии муносибати арзишии байни омӯзгорон ва мактаббачагон тағйирёбии сифат, таъйиноти он хос мебошад. Зарур аст, ки реҷаву равишҳо, воситаву самтҳои беҳтарини амалҳои ба вазифаҳо мувофиқ дарёфт гардида, нигоҳ дошта шаванд.

Ба воситаҳои мутаносибгардонии раванди том (ниг. 1.1.), ҳамчунин мутаносибгардонии ҷанбаҳои таҳсилот [10, с.15-16] такя намуда, механизмҳои мутаносибгардонии ҷузъҳои раванди педагогии *муносибатҳои арзишии омӯзгорон ва мактаббачагонро* муайян мекунем: 1) ҳамдигарро пурра кардан, таъсироти мутақобили нисбатан баробар ва гузаришҳо ба ҳамдигар; 2) ҳамгироии маҳсулноку эҷодӣ, ки аз афзалияти том нисбат ба қисмҳои он бармеояд; 3) ғайримустақим будан, ки ҷузъҳои мухолиф тавассути ҳалқаи севум инкишоф ёфта, мутаносиб мегарданд; 4) дигаргуншавии ҳукмрон, вақте ки яке аз ҷузъҳо пойгоҳ буда, барои дигараш ҳамчун асоси иловагӣ хизмат мекунад.

Хусусиятҳои мутаносибгардонии ҳар як ҷузъи раванди педагогии таҳқиқшаванда: ҳадаф, мундариҷа, методҳо, шаклҳо, воситаҳо, шартҳо, натиҷаҳо, ба ҳамдигар воридшавӣ, таъсироти мутақобилро дар асоси фаъолият, муошрати педагогҳо ва мактаббачагон ҳамчун субъектҳо баррасӣ мекунем. Баррасии субъектҳо ва ҷузъҳои раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгорон ва мактаббачагон имкон медиҳад, ки «нуқтаҳои асосии» мутаносибгардонии он ошкор шуда, «хатти асосии ченакҳо» [166, с.37] ҳамчун натиҷаи мувофиқат, мусоидати ҳамдигар, таҳаввули мутақобил, пурракунии ҳамдигар дарёфт гардад.

***Субъекти*** худмуайянкунии арзишӣ (дар таҳқиқоти мо - мактаббача, педагог) аз ҷониби К.А.Абулханова-Славская, Б.Г.Ананев, А.В.Брушлинский, В.И.Слободчиков чунин муайян шудааст: барои идоракунӣ ва ташкили фаъолият, муошират, маърифат ва рафтор қобилият дорад. Анъанаи муаззам донистани инсон ҳамчун субъект нисбат ба тамоми мавҷудоти зинда аз замони И.Кант шакл гирифтааст. Дар асри XX Э.Гуссерл, Н.Гартман, С.И.Гессен, И.А.Илин, Н.О.Лосский, М.Мерло-Понти, Ж.-П.Сартр, С.Л.Франк, М.Хайдеггер ва дигарон муқаррар кардаанд, ки аҳаммияти он барои субъект арзишмандиашро таъйин менамоянд.

Дар педагогика хусусиятҳои фарққунандаи субъект инҳоянд: якум, фаъолнокӣ, ки амалисозии мақсадгузории фаъолияти ба ангезиш асосёфта;

амалиёти диалектикӣ бо воситаҳои фаъолият ва ислоҳи онҳо дар шароити тағйирёфта; рефлексия ва пешгӯии натиҷаҳои фаъолият ва муносибатҳоро имкон медиҳад. Хусусияти дувуми субъект озодӣ аст, яъне дар нуқтаи тағйирёбӣ фард - субъекти худмуайянкунии арзишӣ мешавад, зеро он боиси пайдоиши андешаҳо, ҳиссиёт, эҳтиёҷоти ба рафтору кирдорҳои муайян водоркунанда мегардад. Хусусияти севуми субъект нотакрории инфиродӣ мебошад. Субъект ба шарофати чунин навташкилаҳо то дараҷаи иҷтимоӣ камол ёфта, қобилияти баҳодиҳии натиҷаҳо ва мувофиқ кардани онҳо ба ҳадафу воситаҳо, қобилияти худтаҷдид (самоактуализатсия) ҳосил менамояд. «Дар шароити муносибатҳои субъект-субъект ҳамкории баробарҳуқуқ ва таъсироти мутақобил, инкишофи мутаносиби шахсият имконпазир аст» [172, с.10-11].

«Субъект» қисми асосии низоми томи биологию равонӣ ва иҷтимоии «инсон» аст (А.Н.Леонтев, В.А.Кутирев, В.Д.Небилитсин, С.Л.Рубинштейн, Б.М.Теплов, А.А.Ухтомский). Сатҳи бештар инкишофёфтаи субъективнокии инсонро маъмулан «шахсият» меноманд.

Илмҳо дар бораи инсон муаммои шахсиятро ҳамчун низом дар маркази диққат мегузоранд. «Шахсият» озодӣ ва дар баробари ин, самтгирӣ, дараҷанокӣ, мутаносибии муносибатҳои «Инсон-Олам»-ро пурратар ифода менамояд. Дар тавсифи шахсият ҷанбаи асосӣ - ташаккули тарзи ҳаёт ва муносибат ба атрофиён, интихоби кирдорҳо ва масъулият барои натиҷаи суханону амалҳои худ аст, ки бидуни инҳо озодӣ манфӣ боқӣ мемонад.

Дар низомҳои педагогии инсонпарваронаи гузашта ва имрӯза, аз давраи атиқа то солҳои 90-уми асри XX тарбияи ***шахсияти мутаносибан рушдёфта*** идеал шуморида мешуд, ҳарчанд ғунҷоиши воқеӣ, шарҳу тавзеҳи худи мафҳум тағйир меёфт. Кӯшиш барои мутаносибӣ чунин маъно дошт, ки дар рушди шахсият ҳаракат ба сӯйи камолоти муайян, идеал, намуна амалӣ шавад. Дар понздаҳ соли охир аз идеали «шахсияти мутаносибан рушдёфта» бо сабаби ҳоло амалан ғайриимкон буданаш даст кашиданд. «Идеали рушди мутаносиби шахсият барои педагогикаи авторитарии маишӣ ғайривоқеӣ»

[70], хаёлпарастона шуморида мешавад, зеро ченаки воқеият дар он шароити ҳаёти моддӣ ва вазъияти ҷомеа эътироф шудаанд, ки барои он ғояи ҷамъияти мутаносиб даркор нест. Бо вуҷуди наздикӣ ба хаёлпарастӣ (дастнорасӣ ва зоҳиршавӣ дар ҷанбаи моддӣ аллакай имрӯз), идеал роҳҳои бе зӯроварӣ амалӣ гардиданро пешбинӣ менамояд. «Дарёи ҳастӣ бо маҷрои тези ба поён ҳаракаткунанда» тақозо мекунад, ки ҳамеша «суккон ба сӯйи боло ронда шавад» [65, с.16], ба идеали мутаносибӣ ҳаракат карда шавад. Имрӯз рушди мутаносиби шахсият зарурати объективист, ки онро талаботи пешрафти ҷомеа тақозо менамояд ва торафт бештар бо навъҳои фаъолият ва муносибат, баландшавии мавқеи субъекти онҳо ғанӣ мегардад.

***Рушди мутаносиби шахсият*** бо самтгирии пешравандаи инкишофи тамоми ҷиҳатҳои он, пуррагӣ ва пайвастагии онҳо ба фаъолият ва муносибатҳо бо худ, ҷомеа, фарҳанг ва табиат тавсиф меёбад. Аз таърифҳои мавҷудаи мутаносибии шахсият [11, 66, 93, 97, 175] маълум мегардад, ки ин гуна шахсият том, ҳадафманд аст. Ӯ на бо «мутаносибии пешакӣ муқарраршуда», балки рушди инфиродӣ алоқаманд аст, ки на ҳамчун раванди пешакӣ муайяншуда, балки мураккаб, ботинан пурихтилоф ва «ҳалқамонанд» баррасӣ мегардад.

Мутаносибӣ ягонагии гуногуннавъӣ, бо ҳам пайванд шудани андешаҳо, шавқу рағбат, амалҳо ва муносибатҳоест, ки дар онҳо инсон балки ҳамчун шахсияти том таҷассум ёфта, зиндагӣ мекунад. Ба ин гуна шахсият солимии ҷисмонӣ, руҳӣ ва ахлоқӣ, тавозуни ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ, эмотсионалӣ ва ақлонӣ, мувофиқат байни андешаҳо ва рафтор, идеалҳо ва ҳаёти воқеӣ хос мебошад. Мутаносибӣ пешбинӣ менамояд, ки рушди шахсият ба таври беҳтарин сурат гирад, яъне мактаббачаи синфи боло сари вақт ба балоғат расад, бе низоъҳои ҷиддӣ аз як марҳалаи зиндагӣ ба дигараш гузарад. Дар психология мутаносибӣ чунин маъно дорад, ки мактаббача чунин зиндагии маънавӣ дорад, ки ба он ҳолати интизории беҳуда (фрустратсия), ноҷӯрии маърифатӣ, самтгириҳои экстра - ё интраверсивӣ, афзалияти фаъолияти фақат қисми чап ё рости майнаи сар, ҳамчунин

ифротҳо ва аномалияҳои дигар дар худифодакунии «Ман», дар хусусияти механизми ассотсиатсияҳо бегонаанд. Чунин хислатҳоро низоми инфиродӣ, нотакрори тамоми ҷиҳатҳои шахсият тавлид мекунанд, ки дар он ҳадаф ҳамчун оҳанги асосӣ мақоми қисмҳоро таъйин менамояд. Дар рушди мутаносиби шахсият тарафҳои якҷоя амалкунанда дастовардҳои ҳамдигарро вайрон намекунанд, балки ба бойшавии минбаъдаи онҳо мусоидат менамоянд. Тариқи мафҳуми мутаносибӣ мувофиқат, пурракунии ҳамдигар, якҷоя амалкунии сифатҳои шахсият дар назар дошта шудааст, ки имкон медиҳад, то худпарастӣ бартараф гардида, фурӯравии барзиёд ба ҷамъият пешгирӣ шавад, ки мактаббачагонро ба мавҷуди бидуни тамомият, «пилламонанд» (К.Прутков) табдил медиҳад. «Мувофиқати пурракунанда яке аз шартҳои муҳимтарини ҳосилшавии мутаносибӣ аст» [125]. Андозаи мутаносибӣ ҳам ба худи шахсият, ҳам ба имконияти ҷиҳати рушди ӯ фароҳамовардаи ҷомеа вобаста мебошад.

Аммо дар шахсияти рушдёбанда - азбаски он низоми кушод аст, - на танҳо азнавсозии сохтор, тағйири функсияҳо, балки ратсионализатсияи мувофиқати шаклҳо, воситаҳои фаъолияти ҳаётии он имконпазиранд. Дар ин ҷо ратсионализатсия маънои онро надорад, ки чунин воситаҳо таносуби аз ҷиҳати арифметикӣ баробар доранд, балки ҳолатҳои мутаносибӣ тағйирпазир мебошанд. Тағйирнопазирии рушди мутаносиби шахсият бо моҳияти ӯ, устувории нисбӣ ва қобилияташ барои худбарқароркунӣ ва худтакроркунӣ алоқаманд аст.

Инак, рушди мутаносиб аз ҳисоби тағйирёбӣ ва мувофиқати хислатҳои шахсият, шаклу воситаҳои фаъолияти ҳаётии ӯ амалӣ мегардад. Азбаски барои мутаносибӣ интихобӣ ва ба ҳамдигар мувофиқ будани унсурҳои якҷоя амалкунандаи чизи том хос мебошад, ин амалисозии иқтидори барои ҳар як ҷузъ хосро имкон медиҳад. Бинобар ин, шахсияти мактаббача ва педагог ҳамчун тарафҳои ба якдигар таъсиррасон, якҷоя амалкунанда, ки навъе ансамбли муносибатҳои ҷамъиятӣ (Л.П.Буева, М.С.Каган, А.Г.Мисливченко, Б.С.Братус) буда, ба мутаносибии низом кӯшиш доранд, самараи рушди

ҷамъиятӣ ва худинкишофёбӣ мебошанд. Дар рафти фаъолият ва муоширaт, ки бо шароити мушаххаси таърихии зиндагӣ таъйин мегардад, педагогҳо ва мактаббачагон дар раванди педагогии мутаносибшавандаи муносибатҳои арзишӣ дигаргун мешаванд.

Мактаббача, ки субъекти фаъолият аст, ҳадафу вазифаҳои муносибатҳои арзиширо ба миён мегузорад. Ҳамчун шахси бошуур ӯ бо низоми арзишҳо дар таъсироти мутақобил қарор мегирад, мазмуну маънои арзишҳоро дарк ва бунёд менамояд. Сипас, ӯ ҳамчун «субъекти рафтори ҷамъиятӣ» (Б.Г.Ананев) дар асоси самтгирии арзишӣ «мавқеи фаъолонаи худро нисбат ба тамоми чизҳои атрофаш: ба меҳнат, ба сохти ҷамъиятӣ, ба муборизаи омма, ба вазифаҳои коллектив, ба тақдири инсони дигар» месанҷад (П.Е.Кряжев). Ҳамчун «субъекти иртибот» (Б.Г.Ананев), «фарди ҷамъиятӣ, субъекти маърифат, мавҷуди боақл, ки соҳиби нутқ аст» (А.В.Петровский) мактаббача арзишҳои худро бо арзишҳои одамони дигар муқоиса менамояд, онҳоро «меполояд», қабул ё инкор мекунад. Ҳамин тариқ, ӯ то арзишҳои ахлоқӣ мерасад, мазмуни якҷояшудаи низоми арзишҳоро ташаккул медиҳад ва рафтори худро тарҳрезиву амалӣ менамояд.

Педагог, мактаббача ҳамчун «Мани дигар», ки соҳиби ақидаҳои худ дар бораи арзишҳо мебошад, «олами умумӣ»-и арзишҳои умумисубъектиро созмон дода, ҳамоҳанг менамоянд. На ин ки «нақшҳои иҷтимоӣ, функсияҳо, ниқобҳо, балки одамони зинда» бо ҳам таъсири мутақобил доранд [30]. Ноил гардидан ба тавозуни арзишҳои инфиродӣ (мактаббача) ва ҷамъиятӣ (ки ҳомили он педагог аст) аз он иборат аст, ки тафовути арзишҳо ҳамчун нуқтаи тағйирёбии онҳо, таҳрикдиҳандаи инкишофи онҳо дарк мешавад. Кӯшиш барои ҳамоҳангсозӣ тариқи дарёфти созишҳо ҳадафи аксиологӣ гардида, ба андӯхтани таҷрибаи таъсироти мутақобил, пайдоиши мазмунҳо мусоидат менамояд. Инак, педагог ва мактаббача дар шароити дахлдор ба муоширaт, муносибатҳо оид ба худмуайянкунӣ дар арзишҳо ҳамроҳ мешаванд. Бузургии доимие, ки нақши низомофарандаро иҷро мекунад, педагог аст. Мактаббача ва педагог ҳамчун низомҳои том ба мутаносибӣ кӯшиш мекунанд.

Рушди мутаносиби шахсияти мактаббача дар раванди муносибатҳои мутақобил бо педагогҳо имконпазир мегардад. Мафҳуми «раванд» бисёрмаъност ва дар доираи ҳатто як илм гуногун истифода мешавад. Мо ин мафҳумро дар мавриди ифодаи *муносибатҳои арзишӣ* ҳамчун раванди педагогӣ истифода мебарем, ки ба он динамизм хос буда, танҳо дар ҳаракат дарк кардан мумкин аст. Дар баробари ин, мисли ҳама гуна раванд дар муносибатҳои арзишӣ ҳамгироии органикии ҷанбаҳои муттасил ва номуттасил дар ягонагии онҳо зарур аст. Ҷанбаҳои номуттасили раванди муттасили (даврагӣ) муносибатҳои арзишӣ ҷузъҳои он мебошанд. Ҳар як ҷузъи дохили раванд маҳсули худро ба вуҷуд меорад, ки он дар муносибатҳои мутақобил мавҷудияташро идома медиҳад, зимнан ба он таъсир расонида, дур намешавад. Принсипи мутаносибгардонии қисмҳои раванд ҳамчун низом тақозо мекунад: «унсурҳои маҷмуа робитаи байниҳамдигариро зоҳир мекунанд, вақте ки бо муносибати барои ҳамаашон ягона, ният, нақша, алгоритм, ғоя фаро гирифта шудаанд ва тариқи ченак, намуна, меъёр, стандарти ягона собит гардида, ба ҳамин васила тафовутҳои худро дар заминаи моҳияти барояшон умумӣ зоҳир менамоянд». Хусусияти мутаносибшавии ҷузъҳои раванди муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонанда: ҳадафнокӣ, мундариҷавӣ, воситаҳо, методҳо, шаклҳо, таҳлилӣ-натиҷавиро баррасӣ менамоем.

***Ҷузъи ҳадафнокӣ*** биниши тому пешгӯишавандаи омилҳо ва ҷузъҳои раванди мутаносибгардӣ, муайянкунӣ ва мутобиқати ҳадафу вазифаҳои муносибатҳои арзиширо аз ҷониби субъектҳо пешбинӣ менамояд. Ҳадаф ҳамчун омили низомофаранда, ибтидои амалкарди раванди педагогӣ фаъолияти якҷояи педагогҳо ва мактаббачагонро дар назар дорад. Ҳадафи муносибатҳои арзишӣ ҳамчун тимсоли «ояндаи матлуб, натиҷаи мушаххас» [43] рушди мутаносиби неруҳо, худинкишофи иқтидори шахсият дар асоси фарогирии арзишҳои ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон мебошад. Вазифаи асосии раванди муносибатҳои арзишӣ баланд гардидани сатҳи омодагии мактаббачагон ба худмуайянкунӣ дар арзишҳо хоҳад шуд. Механизми

мутаносибгардонии ҳадаф ва вазифаҳо мувофиқати онҳо дар асоси бартарии диалектикии эҳтиёҷот ва арзишҳо, «худозодӣ» [58] дар тарзи ҳаёт мебошад.

***Ҷузъи мундариҷавӣ*** ҳамчун минтақаи таъсироти мутақобили субъектҳо ҷанбаҳои мундариҷавиро ҳамгиро намуда, бо ҳадафи рушди мутаносиби шахсияти мактаббача таъйин мегардад. Таҳкурсии онро майлу кӯшиши маъмулӣ ба худсозии шахсият (мувофиқи ақидаи К.Н.Леонтев, Л.М.Лопатин, С.Л.Франк ҷустуҷӯи заминаи маънои зиндагӣ; ба ақидаи Н.О.Лосский «подшоҳии мутаносибӣ»; ба андешаи М.Булгаков, Ф.М.Достоевский, П.Флоренский идеал, муқаддасот; мувофиқи ақидаи В.В. Розанов, В.С.Соловев - шаъну шараф, нури ҳидояткунанда) ва ифротгароии мутазод (Н.А.Бердяев) ташкил медиҳад. Қонуни зарурати гуногунӣ бисёргунагии қисмҳои ҷузъи мундариҷавиро тақозо мекунад, зеро фаровонии дараҷаҳои озодӣ қобилияти мутаносибшавии онро таъйин менамояд. Дар баробари ин, мутаносибгардонии ҷузъҳои мундариҷавӣ ва ҳадафнок дар асоси муносибати онҳо - робитаи устувор ва имконияти мувофиқгардонӣ ба ченаки умумӣ амалӣ мегардад. Дар раванди худмуайянкунии арзишӣ ҳадаф, вазифаҳо ва мундариҷа тавассути мувофиқати муайяни шаклҳо, методҳо ва воситаҳо амалӣ мешавад. Онҳо чӣ гуна бояд бошанд?

***Воситаи*** худмуайянкунии арзишии мактаббачагон низоми фаъолиятест, ки ҷанбаи асосии он фаъолият дар вазъияти аксиологӣ мебошад.

***Метод*** роҳи ҳалли муаммоҳо [19, 87] дар маҷмуи ин вазъият аст. Методҳои тарбияи мутаносибгардонандаи дутарафа [53] афзал ониста мешаванд: муътақидкунӣ ва худэътиқод (соҳаи зеҳнӣ), ангезиш ва таҳрик (соҳаи ангезишӣ), талқин ва худталқинкунӣ (соҳаи эмотсионалӣ), талабот ва машқ (соҳаи ирода), ислоҳ ва худислоҳкунӣ (соҳаи худтанзимкунӣ), вазъияти тарбиявӣ ва санҷишҳои иҷтимоӣ (соҳаи ашёвӣ - амалӣ), методи муаммоҳо ва рефлексия (соҳаи экзистенсиалӣ).

Мутаносибгардонии ***ҷузъи таҳлилӣ-натиҷавӣ*** пайгирии самаранокии қисмҳои ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатии раванди муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро пешбинӣ менамояд. Он аз мавқеи рушд амалӣ мешавад, ки дар он

бар хилофи тағйироти одӣ мавҷудияти бебозгаштӣ, устуворӣ ва қонунмандии тағйироти рӯйдиҳанда таъкид карда мешавад. Таҳлили натиҷаҳо муайянкунии сабабҳои муваффақият ва норасоиҳоро дар кори субъектҳо пешбинӣ менамояд, ки тарҳрезии беҳтари марҳалаҳои нав, ҷудо кардани ҳалқаи асосии раванди муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро имкон медиҳад.

Инак, унсурҳои раванди муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонанда, ки муттасил мебошанд, аз ҳисоби робитаву таъсири мутақобил низоми педагогии мутаносибшавандаро ҳосил мекунанд. Ҷузъҳоро ҳамчун «қисмҳои чизи том, ҳамчун мансубиятҳои ҷудонашавандаи яклухтӣ» [139, с.219] бо ҳам мувофиқ намуда, мо муқаррар кардем, ки *онҳоро дар тамомияти мутаносиб пурракунии ҳамдигар, таносуб, таъсироти мутақобил, мувофиқати самтгирии ахлоқии муносибатҳои арзишии* омӯзгор ва хонанда ҳамчун воситаи омӯзиши миқдорию сифатӣ ва дигаргунсозии равандҳо муттаҳид мекунад.

***Тавсифи умумии раванди муносибатҳои мутақобили арзишии*** омӯзгор ва хонанда чунин аст: он мутаносибшаванда, аз ҷиҳати замонӣ густаришёбанда, диахронӣ (бо пайдарпайии синнусолии инкишоф алоқаманд аст), ҳамчунин синхронӣ (ба мувофиқат ва ҳамдигарро пурра кардани ҷузъҳо вобаста аст) буда, ба таври сунъӣ тезонидани он ғайриимкон мебошад. Филолай таъкид карда буд: «Ҳама чиз аз рӯйи зарурат ва мувофиқи қонуни мутаносибӣ сурат мегирад». Озодии мусбат татбиқшудаи муносибатҳои мутақобил мутаносибии низоми арзишҳоро бо роҳҳои нав тасдиқ намуда, гуногунии шаклҳои таҷассуми онро ба вуҷуд меорад. Ин ба муносибатҳои ҳам шахсиятӣ, ҳам иҷтимоӣ дахл дорад. Дар ин раванд ҷаҳишҳои сифатӣ низ рӯй медиҳанд ва ҳатто ногузиранд, аммо онҳо ҷамъшавии мувофиқи миқдориро пешбинӣ менамоянд.

Ҷузъҳои раванди муносибатҳои арзишӣ на танҳо дар асоси робитаҳои сабабӣ, беҳаракат, балки динамикӣ (мутаҳаррик) мутаносиб гардонида мешаванд. Гап дар сари он аст, ки таъсироти мутақобили ҷузъҳои раванди

педагогӣ ҳамчун падидаи «моҳиятан инсонпарварона чунин аст, ки ба робитаву муносибатҳои гуногун ҳамроҳ гардида, сифатҳои ибтидоии худро нигоҳ намедоранд» [166]. Қонуни инсонгароёнаи нигоҳ надоштани робитаҳои ибтидоӣ, муносибатҳо дар тағйирёбӣ, созгор шудани инкишофи ҷузъҳои раванди худмуайянкунии арзишӣ зоҳир мегардад. Бинобар ин, онҳо на танҳо аз рӯйи қонунҳои андӯхтан ва нигоҳдорӣ, мутобиқшавӣ ҳамчун илова, балки тағйири «драматургии амали педагогӣ» (В.А.Кан-Калик) мутаносиб мегарданд.

Мундариҷа, ҳадафу вазифаҳо, методҳо, воситаҳо, шаклҳо, натиҷаҳо ҳамчун ҷузъҳои мутаносибшавандаи раванди муносибатҳои арзишӣ ҷараёни мутаносибшавандаи педагогии муносибатҳои байниҳамдигарии арзишии омӯзгор ва хонандаро ба вуҷуд меоранд. Мутаносибшавии он бо дараҷаи мукаммалӣ тафовут менамояд, зеро неруҳои мутаносибӣ сатҳи мувофиқати сохтор ва функсияҳоро бо ҳадаф инъикос менамоянд.

Инак, ҷузъҳои раванди муносибатҳои арзишӣ, ки дар асоси таъсироти мутақобили субъектҳо (педагогҳо ва мактаббачагон), ислоҳи «нарм» ва саривақтии ҳар як ҷузъ вобаста ба ҳадафҳо мутаносиб карда мешаванд, «мавҷ» - як навъ «таъсироти мутақобили» ихтилофҳои дохили ягонагӣ ба вуҷуд меояд. Азбаски ҷузъҳо дар маҷмуъ баробарҳуқуқанд, ҷузъи дилхоҳ тамоми фазои муносибатро пур карда, бо ҷузъҳои дигар дар таъсироти мутақобил қарор гирифта, «гиреҳҳои» беҳаракатиро ҳосил менамояд ва раванди педагогии муносибатҳои арзишии байни омӯзгор ва хонандаро мутаносиб мегардонад.

*Раванди педагогии мутаносибшавандаи муносибатҳои арзишӣ* - тамомияти иҷтимоӣ ва ахлоқии субъектҳост, ки таъсироти мутақобили дар асоси ҳамкорӣ бо якдигар, муҳит, арзишҳои маънавӣ ва моддӣ ба роҳ монда шуда, ба мувофиқати муносибати мактаббача бо худаш, ҷомеа, фарҳанг, табиат равона гардидааст. Самаранокии раванди педагогии «муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонанда» бо ченаки мутаносибии (мувофиқате, ки ба мақсадгузорӣ ва самтгирӣ ба мақсад табдил меёбад; ҳаракате, ки ба инкишоф

ва худинкишоф мегузарад) ҷузъҳо ва функсияҳои ҳамдигарро пурракунанда, ба якдигар таъсиррасонанда таъйин мешавад, ки ҳадафи онҳо рушди мутаносиби шахсият дар асоси самтгирии мактаббачагон ба арзишҳои ахлоқию маънавӣ мебошад.

Барои наздик шудан ба ҳадафи таҳқиқот тавсифи муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро ҳамчун падида амалӣ менамоем.

## 1.2. Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда

Барои муайян ва мутаносиб гардонидани маҷмуи шартҳои педагогии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда ба мафҳуми «шароит, шартҳо» муроҷиат бояд кард, ки зери он мо «маҷмуи объектҳои барои пайдоиш, мавҷудият ё тағйирёбии объекти мазкур зарурро» мефаҳмем [181, с.286]. Байни шартҳо робитаву муносибатҳои мустақим ва номустақим вуҷуд доранд ва ақаллан як маҷмуи камтарини объектҳое мавҷуд аст, ки дар он объекти мазкур зарур мебошад. Чунин маҷмуъ «шартҳои педагогӣ» номида мешавад. Вобастагии байни шартҳои педагогӣ механикӣ нест, зеро чизҳои матлуб ва зарур дар сатҳи ҷамъиятӣ аксар вақт мухолифи ҳамдигар мешаванд, ки инсон чунин ихтилофро тариқи интихоби воситаҳои такрор ва инкишоф, мувофиқи идеалҳои худ ҳал мекунад. Ин шартҳо хусусияти ҳамгиро доранд, яъне таърихан ташаккул меёбанд ва дар педагогика ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ дар намуди тасаввурот ва образҳо сабт мешаванд. Аз ин ҷо, маҷмуе мутаносиб мегардад, ки дар он ҳар як шарт зарур буда, тамоми шартҳо дар якҷоягӣ барои амалисозии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонанда кофӣ мебошанд. Мо чунин мепиндорем, ки сатҳи мутаносибшавии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда зимни риояи чунин шартҳои педагогӣ баланд хоҳад шуд:

1) Ба назар гирифтани ҳаракати мактаббачагон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, ки аз фарогирӣ ва бунёди арзишҳо дар вазъияти аксиологӣ иборат аст; 2) махсусияти фаъолияти рефлексивии онҳо, ки ба азхудкунӣ ва

ҷустуҷӯи мазмуни шахсии арзишҳо равона гардидааст; 3) имконияти интихоб ва бунёди арзишҳои шахсан ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аз тарафи мактаббачагон ва амалисозии онҳо дар кирдор, рафтор, муносибатҳо; 4) мусоидати педагогӣ ба баландшавии омодагии мактаббачагон барои муносибатҳои арзишии мутақобил, ки аз роҳбарӣ то ҳамроҳӣ, кумак ва дастгирӣ инкишоф меёбад.

Дар ошкорсозии маҷмуи шартҳои педагогӣ мо ба натиҷаҳои корҳои илмии С.А.Биков, О.А.Воробёва, В.М.Даринская, С.П.Куваев, Л.Г.Пашенко, Н.А.Соловёва ва дигарон такя намудем, ки ҷиҳатҳои гуногуни фароҳам овардани шароити мутаносибгардонии равандҳои педагогиро таҳқиқ намудаанд.

Азбаски мундариҷаи муносибатҳои арзишии омӯзгор ва мактаббача равандҳои иҷтимоигардонӣ ва инфиродигардониро инъикос менамояд, асоснок намудани воридкунии ҳалқаи иловагӣ ба сохтори раванди таҳқиқшаванда, ҳамгироии тарбияи оилавӣ, мактабӣ ва иҷтимоӣ ва бунёди фазои ягонаи тарбия; назардошти хусусиятҳои инфиродию равонӣ ва иртиботии субъектҳои он; иштироки мактаббачагон дар навъҳои гуногуни фаъолият бо мақсади ташаккул ва инкишофи малакаҳои гуногун, ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаётӣ; пайгирии ҳадафмандона ва танзими пайвастаи омилҳои рушди шахсият; барқарор намудани муносибатҳои байни мактаббача ва муҳимми иҷтимоии ӯ зимни вайроншавии онҳо муҳим аст [68].

Андозаи инфиродигардонӣ ва иҷтимоигардонӣ ҳамчун шарти ягонагии мутаносиби таҷрибаи инфиродӣ ва коллективии шахсият ҳамчун мувофиқат, робитаи мутақобил, ҳамгироӣ ва такмили ҳамдигари онҳо фаҳмида мешавад. Ба чунин шартҳо инҳо мансубанд: самтгирии шахсият ба арзишҳои умумиинсонӣ, андӯхтани таҷрибаи таассуроти якҷоя дар раванди рушди шахсият, таҳрики фаъолнокии ботинӣ ва зоҳирии шахсият, танзими таъсироти муҳит ба рушди шахсият, озодии шахсият дар интихоби андозаи таносуби таҷрибаи инфиродӣ ва коллективӣ [125]. Ин шартҳо дар маҷмуи

шартҳои педагогии аз ҷониби мо муқарраршудаи (бо назардошти даст кашидан аз амалияи таъсирот ба шахсият) мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда таҷассум ёфтанд.

Комплекс - (аз лот. complex - робита, мувофиқат) - тамомияти объективӣ, ки аз маҷмуи предметҳо, падидаҳо ё хосиятҳо ҳосил гардида, ба ҳолати ягонагӣ, мувофиқат, ботартибӣ, созгории фаъолонаи унсурҳо оварда шудааст, ки мутаносиб мегардад. Мутаносибгардии маҷмуъ (комплекс) на танҳо муташаккилии он аст, балки ба сифати омили баланд намудани натиҷабахшии раванди педагогии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббача фаҳмида мешавад.

Азбаски таносуби диалектикии мундариҷаи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда афзалияти ҷузъи маънавию ахлоқиро пешбинӣ менамояд, мо исботи он нуктаро [166] ба назар гирифтем, ки мутаносибгардонии шартҳои тарбияи маънавию ахлоқии мактаббачагон дар низомҳои мактаббача-волидайн, мактаббача-педагог, мактаббача-ҳамсол, мактаббача-маънавиёту ахлоқ, руҳ ва ҷисми кӯдак боиси баланд шудани сатҳи самаранокии фаъолияти таҳсилот мегардад.

Шартҳои аз ҷониби мо пешниҳодшудаи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда бо ғояи мутаносибгардонии қобилият ва эҳтиёҷоти шахсият [134], робитаи мутақобили ҷанбаҳои зеҳнӣ ва ҷисмонии рушди мутаносиби инсон тариқи самтҳои солимкунанда, машқдиҳанда, таҳсилотӣ дар раванди тарбияи ҷисмонии мактаббачагони хурдсол мувофиқат дорад [129]. Ба робитаи зичи фаъолнокии зеҳнӣ ва ҳаракатӣ, яклухтии ҳаёти шахсӣ ва фарҳангӣ ҳамчун «инсоншавии мутаносиб» таваҷҷуҳи моро В.М.Букатов ҷалб менамояд.

Идоракунии мутаносибгардонии муносибатҳои педагогӣ дар мактаби муосир аз дидгоҳи фаъолияти инноватсионии коллективи педагогӣ баррасӣ мешавад, ки сатҳи ҳамдигарфаҳмии субъектҳои онро баланд менамояд [186]. Мутаносибгардонии таъсироти мутақобил бо табиат зарур аст [97]. Самтгириҳои арзишӣ ва самти умумии шавқу рағбатҳои шахсият вазифаи

устувор ва мутаносиб намудани тасаввуроти субъектро дар бораи худаш ичро мекунад. Мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда муҳим аст, ки «асоси онро тарзи ботамкини муошират мувофиқи қоидаҳои кушод ва инсонгароёна ташкил медиҳад, ки барои ивазшавӣ дар ҳолати зарурат қобиланд» [60].

Шарти муайянкунандаи тарбияи шахсияти мутаносиб рифоҳи психологӣ шуморида мешавад. Зери он «чунин ҳолати ахлоқию эмотсионалии коллективи муассисаи таълимӣ фаҳмида мешавад, ки дар он шавқу рағбат ва эҳтиёҷи субъектҳои раванди таълиму тарбия ҳам аз ҷиҳати шароити зоҳирию маишии ҳаёти онҳо, ҳам аз ҷиҳати таассуроти равонӣ, муносибат ба якдигар, ба таҳсил, ба кор, ба рӯйдодҳои атроф мутаносибан рушд ёфта, қонеъ мешаванд» [31, с.102-106]. Ин таъриф бо тавсифи иқлими психологии коллектив ҳамчун қаноатмандии аъзои он аз характери муносибатҳои мутақобил, раванди меҳнат, сатҳи роҳбарӣ; руҳияи психологии дар коллектив ҳукмрон; мавҷудияти ҳамдигарфаҳмӣ; иштирок дар идоракунӣ ва худидоракунӣ; муттафиқӣ дар атрофи ҳадафҳои фаъолият; интизоми бошуурона; маҳсулнокии кор ҳамоҳанг аст. Дар таҳқиқоти мо рифоҳи психологию педагогиро созгорӣ, ҳадафмандӣ ва ҳамгироии самтҳои асосӣ, методу шаклҳои мусоидати педагогӣ ба баландшавии сатҳи мутаносибии муносибатҳои тарафайни омӯзгор ва хонанда таъмин менамояд.

Дар асоснок намудани маҷмуи шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда мо ба назарияи раванди томи педагогӣ (Ю.К.Бабанский, М.А.Данилов, В.С.Илин, В.М.Коротов, В.В.Краевский, Ю.П.Соколников ва диг.) такя намудем.Чунонки мо дар фасли қаблӣ муайян кардем, мувофиқи методи таҳлили низомӣ-сохторӣ, маърифати ҷузъҳо барои донишҳо оид ба падидаи том замина фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, В.А.Якунин дуруст қайд мекунад, ки ҳайати фуксионалӣ дар равандҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, педагогӣ якхела аст. Равандҳои иҷтимоӣ қобиланд, ки рафторро тавсиф намуда, ин тавсифҳоро ба сифати қоидаҳо, принсипҳо, алгоритмҳо истифода баранд [129]. Ин имкон медиҳад, ки арзишҳои шахсият

ва ҷомеа амсиласозӣ шаванд. Дар худсозмондиҳии раванд *самтгирии ҳадафноки* он накши асосӣ дорад. Дар асоси дарки он мусбат мутаносиб гардидани муносибатҳои омӯзгор ва хонанда имконпазир мешавад. Инак, муносибати арзишӣ бояд ба рушди мутаносиби шахсият нигаронида шавад. Дар амалисозии он *назардошти хусусиятҳои ҳаракати мактаббачагон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ зарур аст, ки аз фарогирӣ ва бунёди арзишҳо дар вазъияти аксиологӣ иборат мебошад*. Муайян мекунем, ки то кадом дараҷаи ин шарти педагогӣ барои объекти омӯхташаванда зарур аст.

Мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда дар асоси амсила (ниг. расми 5) амалӣ гардида, дар ҷузъҳои сохтори он сурат мегирад. Аммо механизмҳои интериоризатсия (гузариш аз шаклҳои зоҳирии таҷассуми субъект ба механизмҳои дохилии танзими руҳ), бунёд ва экстраоризатсияи (гузариши амал аз ҷанбаи дохилӣ ба беруна) арзишҳо ба ақидаи мо барои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда нокифоя мутобиқ шудаанд. Ин муамморо муфассал баррасӣ менамоем.

Рушди шахсият дар инсон азхудкунӣ, тавлиди низоми арзишҳои барои ӯ шахсан муҳимро пешбинӣ менамояд. Қонуни ирсии рушди фарҳангӣ таъкид менамояд: «Ҳама гуна функсия дар рушди фарҳангии кӯдак дар саҳна ду маротиба, дар ду ҷанба зоҳир мешавад: аввал - иҷтимоӣ, сипас - психологӣ; аввал байни одамон ҳамчун категорияи байнишахсиятӣ (интерпсихикӣ), сипас дар ботини кӯдак ҳамчун категорияи дохилиравонӣ (интрапсихикӣ)» [145]. Арзиш ҳамчун ангезаи фаъолият неру мегирад, вақте ки интиқоли тасаввуроти ҷамъиятӣ ба шуури инсони алоҳида - интериоризатсия - боиси табдили арзишҳои умумиинсонӣ ба функсияҳои олии руҳии фард мегардад. Механизми интериоризатсия имкон медиҳад, ки динамикаи эҳтиёҷоти маънавии шахсият фаҳмида шавад: ин ё он арзиш дар он ҳолат объекти эҳтиёҷи шахсият мегардад, ки агар фаъолияти ҳадафмандона оид ба ташкил, интихоби объектҳо ва фароҳам овардани шароите амалӣ гардад, ки зарурати дарк ва баҳодиҳии онро аз ҷониби шахсият ба миён орад [139, с.232-236]. Аммо шахсият мазмунҳо, арзишҳоро

на танҳо инъикос менамояд, балки ба вуҷуд меорад. Аз ин ҷо, муносибати арзиширо мо ҳамчун *раванди ҳадафмандонаи интериоризатсия ва бунёд, экстериоризатсия дар асоси инъикос ва тавлиди арзишҳо* баррасӣ менамоем.

Бинобар ин, амсилаи ояндадори таҳсилот, ки дар доираи он мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда дар асоси арзишҳои инсонпарварона ва иҷтимоӣ амалӣ мегардад, ба назари мо чунин аст, ки ҷанбаи фаъолиятии он муайян гардида, ҳамгироияш бо сохтори шахсият таъмин шудааст. Ин амсила дар механизми шахсиятӣ-фаъолиятӣ амалӣ мешавад ва фаъолияти ахлоқӣ ҳамон воситаест, ки дигаргун кардани маҷмуи таъсироти берунаро дар навташкилаи шахсият имкон медиҳад. Сохтори томи шахсиятро бо сохтори фаъолияти низомофаранда дар мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои мактаббачагон чӣ тавр мутаносиб бояд кард?

Барои тавзеҳи ин масъала ба ғояи тавассути «панҷараи психологӣ» [141] мувофиқ кардани сохтори иҷтимоию ахлоқӣ ва психологии шахсият ва сохтори фаъолияти низомофаранда такя намуда, мо як қатор соҳаҳои (сохтор) шахсияти том ва фаъолияти ахлоқии мактаббачагонро дар мутаносибгардонии муносибатҳо муқаррар кардем:

1. Соҳаи когнитивӣ, ки дар сохтори он фарогирии мафҳумҳои «арзиш», «худмуайянкунӣ», «ахлоқ», «маънавият» ва ғайра аз ҷониби мактаббачагон мавқеи муҳим дорад. Муносибати шахсият дар дарки аҳаммият, дараҷабандии арзишҳо зоҳир гардида, ҳамчун бартараф кардани мушкилот дар раванди дарки амалҳои анҷомёфта инкишоф меёбад. Дар рафти рефлексия, ҳангоми фарогирии воситаҳои фаъолият гузариш ба мустақилият амалӣ мегардад. Зимни амалисозии маҷмуии ин ва принсипҳои дигар: коллективият, проблеманокӣ бо мақсади худмуайянкунӣ рушд ва худинкишофдиҳии мактаббачагони синфҳои болоӣ амалӣ мешавад: «парвариш», болоравӣ, фаъолнокӣ, хусусияти ба шахсият ва иҷтимоъ нигаронидаи муносибатҳои байни онҳо.

2. Соҳаи зеҳнӣ, ки ба он ҳаҷми зарурӣ, амиқӣ, муассирии донишҳо оид

ба арзишҳо хос мебошад. Аммо ё бо инкишофи танҳо соҳаи когнитивию зеҳнӣ маҳдуд метавон шуд? Гап дар он аст, ки раванди муносибатҳои арзишӣ аз донишҳои азхудшудаи фаннӣ, маҳорат ва воситаҳои амал фарқ мекунад. Дар ин маврид чунин азхудкуние ҷараён дорад, ки дар натиҷаи он воқеӣ шудани ангезаҳо ва эҳтиёҷот, дигаргуншавӣ, ба ҳам тобеъ гардидани онҳо дар асоси арзишҳо, ҳосилшавии мазмунҳо рӯй медиҳад, ки бидуни он дониш ҳамчун «посанги зеҳнӣ» боқӣ мемонад [166].

- соҳаи ангезишӣ (мотиватсионӣ), ки неруи ҳаракатдиҳандаи рушди шахсият буда, ба инкишофи эҳтиёҷоти шахсӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, ки дар лаҳзаи қонеъ шудан аз байн намераванд, балки ба сатҳи нав, баландтар мегузаранд. Фаъолшавии на танҳо ангезаҳои маълум, балки ангезаҳои воқеан амалкунанда зарур аст. Донистани он, ки чӣ кор бояд кард, ба кадом арзишҳо кӯшиш бояд намуд, - ҳоло маънои хоҳиши амаликунии онҳоро надорад. Ташкилаҳои нави ангезишӣ дар раванди мутаассиршавӣ пайдо мешаванд (Л.И.Божович, П.Я.Галперин, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, В.Н. Мясишев, В.Э. Чудновский). Ин раванд дар ҳаёти воқеии инсон амалӣ гардида, инкишофи соҳаи ангезишӣ ҳамроҳ бо эҳсосот сурат мегирад;
- соҳаи эмотсионалии шахсияти мактаббача, ки дар муносибат ба арзишҳо дар асоси таассурот инъикос меёбад. Тавзеҳи ин матлабро психологҳо анҷом додаанд: предмете (ҳадаф, муносибат, арзиш), ки давомнок ва устувор бо эҳсосоти мусбат пур шудааст, ба ангезиш табдил меёбад. Дар ҳолати баръакс механизмҳои интериоризатсия, тавлиди арзишҳои инсонпарварона ба кор намедароянд, «таҳсилоти беруҳ руҳро мекушад» (В.П.Зинченко).

3. Соҳаи иродавӣ, ки дар мактаббачагон инкишоф ва воқеӣ гардидани сифатҳои шахсӣ, мисли ташаббус, тамкин, мустақилият, ҷасорат, суботкорӣ, боинтизомӣ, коллективизм, принсипнокӣ дар ҳимояи арзишҳои мақбулро ифода менамояд. Дар ин маврид на танҳо ҳадафгузории шахсият, балки чигунагии амалӣ намудани он, корҳое муҳим аст, ки ӯ барои расидан ба

ҳадаф анҷом медиҳад. Шахсият (мувофиқи ақидаи Д.Н.Узнадзе) аз ҳамон лаҳзае оғоз меёбад, ки эҳтиёҷоти худро на бо қонеъ гардонидани онҳо, балки бо одамони дигар мувофиқ мегардонад, вақте ки барои идоракунии эҳтиёҷу ҳиссиёти худ ирода зоҳир мекунад. Психологҳо қайд мекунанд, ки дар фаъолияте, ки фард масъулиятро пурра ба дӯши худ мегирад, рушди шахсият рӯй медиҳад. Дар айни замон шахсият дар вазъияте фаъолнокиро зоҳир карда метавонад, ки фаъолият ё муошират ба ангезаву ҳиссиёти ӯ мувофиқ нестанд, масалан, дар ҳолати нокомӣ, дастгирӣ наёфтан. Он гоҳ худтанзимкунӣ ба кор даромада, худи субъект ва меъёрҳои субъективии баҳодиҳии ӯ ба сифати баҳодиҳанда зоҳир мешаванд.

4. Соҳаи худтанзимкунӣ, ки ба он дарк гардидани арзишмандии ҳуқуқ барои интихоб аз ҷониби шахсият хос буда, дар софдилӣ, худбаҳодиҳӣ, худтанқидкунӣ, маҳорати мувофиқ гардонидани худ ба намуна, рефлексия ва ғайра зоҳир мешавад. Худтанзимкунӣ дар мувофиқат бо формулаи тавассути ботин падид омадани ҷанбаи зоҳирӣ амалӣ мегардад: он ҳамчун низоми таъмини ботинии самтгирии амал зимни мавҷудияти шароит, имконият, вазифаҳои беруна падид меояд. Дар раванди худтанзимкунӣ ягонагии ҷанбаҳои маърифатӣ, ҳиссӣ, маъноӣ, ангезавӣ ва иродавӣ ифода ёфта, фаъолнокии субъект муқаррар мешавад, ки бо хусусиятҳои инфиродии шахсият тақвият меёбад.

- соҳаи ашёӣ-амалӣ, ки ба он қобилияти шахсият барои рафтору кирдор дар асоси арзишҳо (зоҳир намудани муносибати инсонгароёна ва софдилона ба воқеият, маҳорати баҳодиҳии мундариҷаи кирдорҳо) хос мебошад. Психологҳо қайд мекунанд, ки на ҳама гуна фаъолият қобилиятро инкишоф медиҳад ва на ҳамаи қобилияти пайдошуда ба рушди шахсият дар маҷмуъ оварда мерасонанд [3]. Шахсият он воситаи татбиқи қобилияти худро интихоб менамояд, ки ба инкишофи соҳаи экзистенсиалӣ вобаста буда, омодагии ӯро ба фарогирии навъҳои муайяни фаъолият ва амалисозии бомуваффақияти онҳо дар асоси арзишҳо ифода менамояд;
- соҳаи экзистенсиалӣ, ки инкишофи арзишҳои зеринро тақозо мекунад:

масъулиятшиносӣ, кӯшиш барои худтакмилдиҳӣ, муносибати инсонгароёна ба худ ва дигарон, ғамхорӣ нисбат ба зебоии андешаҳо, суханон ва рафтор. Арзишҳое, ки тавассути онҳо фард бо олам муносибат менамояд, моҳияти соҳаи экзистенсиалии ӯро таъйин мекунанд, ки вазифаи интихоби ғояҳо, мавқеъҳоро иҷро мекунад. Барои ин рушди Ман-консепсияи некбинона ва худэҳтиром, қобилияти муносибати ҳассос ба одамон ва малакаҳои таъсироти мутақобили иҷтимоӣ, худмуайянкунии арзишии мусбат зарур аст.

Инак, рушди сохторҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ ҳудудҳо ва самтгирии муносибатҳои арзиширо муайян мекунад. Дидгоҳи мо аз мутаносибгардонии муносибатҳо, ҳамгироии унсурҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ иборат аст. Агар дар тамоми соҳаҳои шахсият ҷузъҳои муқарраршуда инкишоф дода шаванд, фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон амалӣ мегардад.

Тамоми соҳаҳои муносибати таҳқиқшаванда ба якдигар вобастаанд ва иҷрои маҷмуи амалҳои ҳадафмандонаро дар пайдарпайии мантиқӣ тақозо мекунанд: 1) ташкили фаъолияти ахлоқӣ ва муошират бо мақсади ҳамгироӣ, шиддатёбии сохтори психологӣ, иҷтимоию ахлоқии шахсияти мактаббачагон ва ҷузъҳои раванди муносибатҳои арзишӣ; 2) таҳлил ва аз сар гузаронидани вазъияти аксиологӣ, интихоби намунаҳои кирдор, рафтори ахлоқӣ; 3) ташкил ва ангезиши меҳнати коллективӣ. Марҳалаҳо роҳу воситаҳои фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқиро аз ҷониби мактаббачагон дар таълим, тарбия ва инкишоф таъйин мекунанд, ки дар як низом барои ҳадафи умумӣ муттаҳид мешаванд. Ин воҳидҳоро баррасӣ менамоем.

*Таълим*, ки мо ҳамчун раванди махсус ташкилшуда мефаҳмем, бояд дар асоси қонунияти худ амалӣ гардад, ки аз ҷониби Ю.К.Бабанский, В.И.Загвязинский, В.В.Краевский, И.Я.Лернер, М.И.Махмутов, М.Н.Скаткин, Н.Ф.Тализина кофӣ коркард шудаанд. Ҳамчунин бояд махсусияти муносибатҳои арзишӣ ба назар гирифта шавад. Барои рушди бомуваффақияти ягонагии тарзи ҳаёти хонанда омӯзгор ҳар дафъа ҳамроҳи ӯ оламро кашф менамояд. Дар шуур ва муносибатҳои хонандагон низоми

робитаҳои гурӯҳҳои ассотсиативии гуногунсатҳро фаъол бояд кард, ки маркази ҳар яки онҳоро арзишҳои маънавию ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Ин робита тез ба вуҷуд омада, то дер боқӣ мемонад ва зимни зарурат дар ҳолати фаъолнокӣ қарор мегирад.

*Тарбия* ба маънои маҳдуди педагогӣ фаъолияти махсусе мебошад, ки ба инсонпарвару иҷтимоӣ гардидани инсон равона гардида, ҳам ба талаботи ҷомеа, ҳам ба сатҳи фарҳанг, ҳам ба хусусиятҳои инфиродии мактаббачагон мувофиқ аст. Таҳлили адабиёт ва мушоҳидаҳои шахсӣ нишон медиҳанд, ки агар дар синфҳои боло мисли пештара азхудкунии донишҳо ҳукмфармо боқӣ монад, он раванди фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқиро аз ҷониби мактаббачагон суст мекунад. Аз ин ҷо, «аз синфҳои миёнаи мактаб оғоз карда, таносуби вазифаҳои таълим ва тарбияи инсонро тағйир бояд дод» [126, с.368].

Тарбияро ҳамчун фаъолияти муташаккилона И.Ф.Гербарт, Ж.Ж.Руссо, В.А.Сухомлинский, А.С.Макаренко, В.А.Сластёнин, М.И.Шилова ва дигарон таҳқиқ кардаанд. Олимон Ю.К.Бабанский, Н.Н.Болдирев, И.С.Маренко, Г.И.Шукина, Н.Е.Шурков методҳои тарбияро муайян намудаанд. Ба фаҳмиши мо, таснифоти *методҳои бинарии тарбия ҳамчун раванди худтарбиякунӣ* наздик аст [103]. Методҳои таълим асосан ба рушди ҷузъи когнитивӣ-маърифатии худмуайянкунии арзишӣ, методҳои тарбия - ба ҷузъҳои эмотсионалӣ-иродавӣ ва амалӣ-фаъолиятӣ нигаронида шудаанд. Ҳамгироии онҳо боиси фарогирии арзишҳои ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон дар фаъолияти таълимӣ ва берунаэтаълимӣ мегардад.

Дар маҷрои муаммои таҳқиқшаванда рушди мактаббачагон ҳамчун раванди гуногунтараф ва гуногунсатҳ фаҳмида мешавад, ки дар рафти он «ҷамъоварии мақсадноки гуногунӣ» [1, с.17] дар ягонагии умумӣ (иҷтимоӣ-типӣ), махсус (миллӣ ва ғ.) ва алоҳида (ки хоси фард аст) амалӣ мешавад. Дар он «фаъолияти ҳар як инсон метавонад дар интихоби роҳи баъдитақсимотии (постфикуркатсионӣ) рушд омили муҳимме гардад» [81]. Инкишоф - ивазшавии марҳалаҳои қонунӣ ва бетартиб, ҳаракат ба тамомият,

мутаносибӣ аст.

Чунонки мебинем, аз ҷониби мактаббачагон азхуд шудани арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар раванди таълим, тарбия ва инкишоф амалӣ бояд шавад, яъне зимни таҳсилоте, ки самташ инсонпарварона, кушод, ба худинкишоф мусоидаткунанда аст.

*Самтгирии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон ба фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон шарти зарури педагогӣ мебошад,* зеро барои табдилёбии ҳастии объективӣ ба инъикоси даркшудаи он, фаҳмиши инсонгароёна, дониши арзишмандии ҳастӣ барои инсон мусоидат менамояд, ки на танҳо қонунҳоро кашф менамояд, балки мазмуну ғояҳоро тавлид месозад.

Аммо азхудкунӣ, ба вуҷуд овардани мазмуну ғояҳо дар фаъолияти ахлоқӣ ва муошırати мактаббачагон дар кори таълимию беруназтаълимӣ, инъикоси арзишҳои объективӣ дар мазмуни фаъолияти рӯй медиҳад. Дар ин маврид дарки мазмун, ҷустуҷӯ ва баҳодиҳии арзишҳо барои шахсият зарур аст, ки боиси ба вуҷуд омадани робитаҳои зеҳнӣ-эмотсионалӣ ва барпо кардани муносибати арзишӣ мегардад. Ин ба ақидаи мо, амалисозии *шарти дувуми педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачаро тақозо мекунад: аз ҷониби мактаббачагон фаро гирифтани маҳорату малакаҳои рефлексивӣ.* Шарти мазкур то кадом андоза зарур аст?

*Рефлексия* яке аз механизмҳои асосии амалисозии фаъолнокии инсон, яке аз воситаҳои худинкишофи ӯ, омили низомофарандаи худмуайянкунӣ мебошад. Он ҳамчун шарти зарури эҷоди чизи нав, ҳамчун раванде фаҳмида мешавад, ки дар он субъект барои худаш объект аст. Дар омӯзиши дидгоҳҳои гуногун мавҷуданд. Он ҳамчун навъи махсуси маърифат (В.А.Лекторский) ва худшиносӣ (Н.И.Пушкина, С.Ю.Степанов, И.Н.Семенов), ҳамчун ҷузъи шахсиятӣ (К.А.Абулханова-Славская, В.И.Слободчиков, С.Л.Рубинштейн, Г.А.Сукерман), ҳамчун падидаи иҷтимоию психологӣ (Г.М.Андреева, Е.Н.Емелянов, А.З.Зак, Г.П.Шедровитский) баррасӣ мегардад.

Дар диссертатсия мо ба таърифи В.Г.Богин такя мекунем, зеро он бо

вазифаҳои таҳқиқоти мо мувофиқ аст. Дар шакли умумитарин падидаи мазкур ҳамчун мурочиати фард ба олами ботинии худ, ба таҷрибаи ҳаётии худ, ҳамчун раванди бартараф кардани душвориҳо, номуайяниҳо бо роҳи дарк, андешидан, бознигарии муносибатҳои инсон бо олам ва худаш дар асоси арзишҳо фаҳмида мешавад. Мувофиқи таъкиди Ю.Н.Кулюткин, Т.Давиденко [181], барои анҷом додани амалҳои рефлексӣ таъсироти мутақобили одамон замина фароҳам меорад.

Рефлексия барои ташаккули мавқеи субъектии иштирокчиёни он мусоидат мекунад, мавқеи объектӣ бошад, боиси вайроншавӣ ва аз байн рафтани малакаи амалҳои рефлексивӣ мегардад. Робитаи рефлексияи инкишофёфта ва мавқеи субъектии инсонро В.Г.Богин ошкор кардааст: «Фарде, ки аз рефлексия маҳрум аст, ба маънои аслии калима «намедонад, ки чӣ кор карда истодааст»…, ӯ пурра ба таъсирот ва вазъияти беруна тобеъ мебошад» [50, с. 1-2]. Таҳлили адабиёт нишон дод, ки барои амалисозии худмуайянкунӣ инсон бояд дорои қобилияти инъикоси тарзи ҳаёти инсони дигар ва худаш бошад [14, 199], ки манзараҳои «аввалия» ва «дувум»-ро дар бар мегирад (ниг. Ҷадвали 1):

*Ҷадвали 1. Инъикоси рефлексивии тарзи ҳаёт аз ҷониби инсон*

| **Олами моддӣ** | | |
|---|---|---|
| Тарзи ҳаёти фарди X | Тарзи ҳаёти фарди У | Тарзи ҳаёти фарди Z |
| Тарзи ҳаёти фарди V | Тарзи ҳаёти фарди *X* | Тарзи ҳаёти фарди X |
| Тарзи ҳаёти фарди Z | Тарзи ҳаёти фарди Z | Тарзи ҳаёти фарди У |

Аз расм аён аст, ки фардҳои X,Y, Z на фақат соҳиби тарзи худии ҳаётгузаронӣ мебошанд, балки тарзи ҳаёти одамони дигарро мефаҳманд, ки танҳо зимни мавҷудияти маҳорати рефлексии инкишофёфта имконпазир аст. Педагогикаи инсонгароёна ба он манфиатдор аст, ки дар инсон рефлексия ҳамчун механизми амалисозии «худ», таъмини мустақилият ва рушди ӯ дар асоси муносибатҳои арзишӣ вуҷуд дошта бошад. Ҳамаи ин ба қобилияту имконияти фаҳмидан, ҳис кардан, пешгӯӣ намудан, эҷод кардан ва ғайра - рефлексия вобаста мебошад. Ташаккули рефлексия дар синни ҷавонӣ дар таълифоти К.А.Абулханова-Славская, Л.И.Божович, Л.С.Виготский, И.С. Кон, Г.Ю.Литвинов, А.В.Мудрик, В.С.Мухина, О.А.Полишук,

А.С.Сухоруков, С.Л.Рубинштейн, В.И.Слободчиков, Д.Б.Элконин, Э.Эриксон ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Дар ин сурат *сохтори мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббача* дар баробари ҷузъҳои ангезишӣ - мақсаднок ва баҳодиҳӣ-натиҷавӣ ҷузъи рефлексивӣ-фаъолиятиро дар бар хоҳад гирифт. Таҳқиқи ин сохтор, ки зери он маҷмуи унсурҳо ва робитаҳои байни онҳо фаҳмида шуда, созмони онҳоро дар объекти омӯхташаванда ва муносибати байни онҳоро таъйин менамояд, коркарди сатҳу меъёрҳои мусоидати педагогиро ба мутаносибгардонии арзишии *муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро* имкон медиҳад. Агар худидоракунӣ (ҳамчун меъёр) бо ҷузъҳои сохтории мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда муқоиса карда шавад, ҷанбаи протсессуалии муносибатҳои арзиширо муқаррар кардан мумкин аст.

Рушди бомуваффақияти маҳорату малакаҳоро В.А.Метаева [117] бо муаммои муваффақияти касбии омӯзгор алоқаманд мекунад. Суҳбатҳо бо педагогҳо нишон медиҳанд, ки донишҳои онҳо дар бораи рефлексия муассир нестанд. Ин моро *барои тафсири педагогии донишҳо дар бораи равандҳои рефлексивӣ дар мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда* водор намуд.

Робитаи мутақобили худмуайянкунӣ ва рефлексия ба сифати сатҳи махсуси олии шуур аз ҷониби Д.Локк муқаррар кардааст: шуур «дар ҷустуҷӯи маънои ҳастӣ, ҳаёт, фаъолият худро ба ҳар сӯй мезанад: меёбад, гум мекунад, хато мекунад, боз меҷӯяд, маънии навро ба вуҷуд меорад» [136, с.19], тарзи ба худ хоси ҳаётро дар асоси интихоб бунёд менамояд. Рефлексия омили низомофарандаи худмуайянкунӣ мебошад, зеро муаммои муайянкунии *тарзи ҳаёти худро* ҳал менамояд. Набудани рефлексияи инкишофёфта таҳдиди фоҷиаи антропологиро ба миён меорад, ки решаҳои он ба ақидаи В.А.Лефевр ва В.Г.Богин дар амалияи омехтани некӣ ва бадӣ, қобил набудан ба мусолиҳа ҷой доранд. Сабабҳо бо мавҷудияти ду навъи низомҳои иҷтимоӣ алоқаманданд. Дар низоми навъи «тамаддун» (ниг. расми

6) образҳои дувумини олам мавҷуданд, муоширати инсонӣ пайдо шуда метавонад, арзишҳои маънавӣ ба миён меоянд. Дар низоми навъи «мӯрчахона» ба ҷойи гуногунфикрӣ ва вариативнокӣ, мавҷудияти муштарак, қабул кардан ва якҷоя рушд намудан ақида оид ба манзараҳои «нодурусти» олам, ки бояд маҳкум ва маҳв карда шаванд, ба вуҷуд меоянд.

Ба ғайр аз ин, маърифати арзишҳо пешбинӣ менамояд, ки инсон ҳаётро мушоҳида карда, барои ошкор намудани хусусияти «Ман»-и худ кӯшиш намояд. Рефлексия ҳамчун яке аз навъҳои маърифат на танҳо дар камфаъолона «ҷаббидани» иттилоот, балки дар барпокунии робитаҳо, мазмунҳо, фаъолияти ҳамгирокунанда зоҳир мешавад. Он фароҳудуд (трасендентӣ) гардида, шуурро бо робитаи акс таъмин менамояд ва инсон арзишҳоро офарида метавонад. Чунин хулосаҳоро мо дар асоси ғояҳое баровардем, ки дар таълифоти А.Я.Болшунов, В.А.Молчанов, Н.М.Трофимов [32], Х.Хекхаузен [194] ифода шудаанд. Азхудкунӣ ва офаридани арзишҳо - таҳлил ва синтез, таҷрид (абстраксия) ва ҷамъбаст аст. Дар дохили ин фаъолият воситаҳои робита, тарзҳои истифодаи онҳо дар вазъияти амалӣ [116] ба хотир гирифта шуда, барои рушди донишҳо ва таассурот рефлексияи раванд ва натиҷаҳои маърифат заруранд.

Дар дарки нақши рефлексия дар худмуайянкунии мактаббачагони синфҳои боло мо ба ҷудокунии марҳалаҳои рефлексия [33], ҳамчунин ба амсилаи В.А.Лефевр, ки рефлексияро ҳамчун низом нишон додааст, такя намудем. Дар раванди рефлексия дар сарҳади арзишҳои воқеӣ ва маҷозӣ (виртуалӣ), муқаррар кардани фарқи байни онҳо субъект оид ба тарҳрезии чунин муносибат ба онҳо ё тағйир додани онҳо кор бурда метавонад, ки дар натиҷа монеаҳои худмуайянкунӣ бартараф мешавад. Ин чӣ тавр рӯй медиҳад?

Рефлексия, ки раванди мутаҳаррики тафаккур аст, аввал дар шакли баҳоҳо ва пешниҳоди вариантҳои ҳалли муаммо ба мақсадгузорӣ ҳамроҳ мешавад. Минбаъд он вазифаи назорати равандҳои ноилшавӣ ба ҳадафро иҷро карда, бо дарки имкониятҳо алоқаманд мешавад. Он гоҳ субъект барои

бошуурона пешгӯӣ кардани маҳсули мустақим ва номустақими фаъолият тавассути навъҳои гуногуни рефлексия қобилият дорад. *Рефлексияи зеҳнӣ* ба созмони равандҳои маърифатӣ равона гардида, сабабгори тағйири мундариҷаи ашёӣ-амалии фикр дар раванди ҷустуҷӯи ҳалли муаммоҳо, тағйири дониш дар бораи объект ва воситаҳои амал мегардад [104]. Рефлексияи шахсиятӣ (дохилишахсӣ, инфиродӣ) бо дарки кирдорҳо, образҳои «Ман» ҳамчун фардият алоқаманд аст; он ба худи хонандаи синфи боло нигаронида шудааст, ки дар ҳолати ҷустуҷӯ қарор дорад, ӯро ба дубора андешидани арзишҳо меорад. Рефлексияи байнишахсӣ (интерсубъектӣ, иртиботӣ) аз ҷониби Д.А. Леонтев [102], В.И Максакова [114], И.С. Молкин [122], Н.С. Пряжников [137], Г.К. Селевко [163], Н.Ф Тализина [180], С. Фукуяма [190], В.И. Четвериков [196] омӯхта шудааст ва аз он ҷиҳат муҳим аст, ки хонандаи синфи боло тасаввуротро дар бораи арзишҳои субъектҳои дигар, сабабу натиҷаҳои кирдорҳоро муайян карда, бо онҳо арзишу кирдорҳояшро мувофиқ мегардонад. Робитаи мутақобили рефлексияи байнишахсиятӣ ва инфиродӣ дар он аст, ки шахсияти «ман» ва «МАН» дар муносибатҳо бо дигарон беҳтар ошкор шуда, аз ҷониби онҳо дақиқтар дарк мегарданд. Қобилияти дарки «Ман»-и шахсиятӣ ҳамчун *рефлексияи ахлоқӣ* муайян шудааст. Инак, рефлексия тарҳрезии муносибатро имкон медиҳад. Аммо на ҳама гуна муносибатро рефлексивӣ шуморидан мумкин аст. Он ҳамчун «воситаи махсуси бошууронаи фаъолияти худро фаро гирифтани инсон» зоҳир мешавад [284, с.70]. Қисми муҳимтарини психикии муносибат ҷузъи ангезишӣ-арзишӣ мебошад, ки дар бораи дараҷаи пайвастагии муносибат ба низоми арзишҳои инсон гувоҳӣ медиҳад.

Дар асоси таҳлили як қатор таълифот мо ба хулосае расидем, ки мутаносибгардонии арзишии *муносибатҳои омӯзгор ва хонанда* тавассути амалҳои рефлексивие, мисли таҳқиқ (таҳлил, муқоиса, ҷамъбасти арзишҳо), танқиди арзишҳо ва фаъолият, тарҳрезии нақшаи нави рафтору кирдор дар асоси арзишҳои инъикосшуда, офаридашуда амалӣ мегардад. Оид ба марҳалаҳои рефлексия нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Дар таҳқиқоти

мазкур рефлексия ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад, ки ивазшавии пайдарҳами амалҳоро дар бар мегирад: 1) *таваққуф* дар рефлексия, ки ҳангоми дарёфти ихтилоф дар худмуайянкунии арзишӣ рӯй дода, бо қатъ гардидани иҷрои фаъолият сурат мегирад; 2) *сабткунӣ*, ки маънои дарки ихтилофи мавҷударо дорад; 3) *дуршавӣ*, вақте ки мактаббачаи синфи боло кӯшиш мекунад, то сабабҳои ихтилофро дар арзишҳо ва рафтор таҳлил намуда, дар ин замина ба вазъият гӯё аз як тараф нигоҳ кунад, вариантҳои бартарафсозии ихтилофро ошкор намояд ва воситаҳои барои ҳалли ихтилоф зарурро муайян кунад; 4) *объективӣ намудан*, вақте ки қарори қабулшуда имкон медиҳад, то ба саволҳо ҷавоб дода шавад, меъёр, рафти амалҳо интихоб гарданд; 5) *баргардонидан*, ки тариқи худводоркунӣ дар асоси иттилоот, меъёр, нақша амалӣ мегардад, вақте ки мактаббачаи синфи боло дар заминаи арзишҳои шахсиятӣ ба созмони амалҳо шуруъ мекунад.

Натиҷабахшии азхудкунии амалиёти рефлексивиро аз ҷониби мактаббачагон аз он пайгирӣ метавон кард, ки онҳо ихтилофро дар вазъияти муаммовӣ-ҳаётӣ то кадом андоза самаранок бартараф карданд. Аммо А.С.Шаров тезисеро асоснок намудааст, ки омодагӣ ба рефлексия ҳоло маънои натиҷабахшии онро надорад. Мусоидати педагогогӣ дар фароҳам овардани мушкилот ва ё истифодаи вазъияти табиии ҳаёт (мактабӣ) зарур аст, ки сатҳи инкишофи рефлексияи мактаббачагонро баланд мебардорад [198].

Инак, фарогирии маҳорати рефлективӣ ба мактаббачагон азхудкунии маънои арзишҳо ва ба вуҷуд овардани мазмуни шахсиятии онҳоро имкон медиҳад. Бинобар ин, *махсусияти рефлексия, ки ба азхудкунии маънои арзишҳо ва ҷустуҷӯи мазмуни шахсиятии онҳо шарти зарурии мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда мебошад.*

Аммо барои мутаносибгаронии мусбати муносибатҳои байни омӯзгор ва хонанда фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон бо ёрии шуури рефлексиякунанда нокифоя аст. То ки пешгӯии А.Н.Леонтев дар бораи фарорасии давраи «қашшоқии рух дар ҳолати ғанӣ гардонидан бо

иттилоот» рост набарояд, худмуайянкунии арзишӣ дар амалияи ахлоқии хонандагони синфҳои боло амалӣ мешавад. Дар ин ҳолат арзишҳо мазмуни арзишии инсонгароёнаи шахсиятиро пайдо мекунанд. Методикаи «интиқоли таҷрибаи ахлоқии тайёр» чунонки амалияи мактаб дар даҳсолаи охир нишон медиҳад, натиҷа надод. Ба ақида психологҳо он метавонад боиси «эффекти нотавонии азёдшуда» гардад [102, с.12-13]. Дар он пайравӣ ба муқаррарот, даст кашидан аз ташаббус, тарсу ҳарос аз дигаргуниҳо арзишманд шуморида мешаванд; ангезаи асосии фаъолият «гурез аз нокомиҳо» мегардад.

Барои амалисозии интихоби арзишҳо мавҷудияти ҷанбаи *субъективии* интихоб - қобилияти шахсият барои интихоб, ҳамчунин мавҷудияти ҷанбаи *объективӣ* ҳамчун имкони интихоб зарур аст. Тавассути таъсироти мутақобили ақлонӣ, эмотсионалӣ ва амалӣ, ҷустуҷӯҳо, интихоби арзишҳои барои шахсият ва иҷтимоъ муҳим рафторҳо зоҳир мешаванд. Ба ақидаи мо, мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои мутақобил имконпазир мешавад, агар чунин вазъияти табиӣ ва махсус сохташудаеро дар бар гирад, ки мактаббача бо зарурат рӯ ба рӯ шуда, имконияти интихоби мустақилонаро ба даст меорад. Шароити зикршудаи *имконияти интихоб* маънои онро дорад, ки бартараф намудани хусусияти лафзии таълиму тарбия, дурии он аз ҳаёт зарур аст. Хар як интихоби инсон «сохтмони арзишии ботинӣ» аст, ки муайянии якмаънои ояндаи ӯро аз байн мебарад.

Аммо педагог ба ҷойи бачагон истихоб намекунад. Ӯ дар кушодани моҳият, мундариҷа, функсияҳои арзиш ёрӣ расонида, ба ин васила таъсироти ашёӣ-объектиро ба таъсироти мутақобили арзишӣ-субъектӣ табдил медиҳад, ки ҳамчун пур кардани ҳаёт бо муносибатҳои арзишӣ дар рафти ҳалли вазъияти проблемавӣ-ҳаётӣ (аксиологӣ) баррасӣ мешавад.

Вазъияти проблемавӣ-ҳаётии мундариҷаашон арзиширо Д.М.Гришин [54] пурмаҳсул таҳқиқ намуда, онҳоро ҳамчун методи фаъолгардонии мавқеи ҳаётии мактаббача дар интихоби тарзи рафтор баррасӣ кардааст. Вазъияти интихоб вақте ба вуҷуд меояд, ки ҳолати объективӣ якчанд вариантро (арзиш) пешбинӣ мекунанд ва шахс бояд яке аз онҳоро бар хилофи

вариантҳои дигар афзалтар донад. Он гоҳ интихоб ҳамчун амал якчанд «қадам»-ро дарбар мегирад: 1) пиндоштан; 2) пиндошти якум ва дувумро муқоиса кардан; 3) қасдан чунин кард, ки яке аз ду пиндошт мавҷуд бошад ва қасдан чунин накард, ки дигаре мавҷуд набошад. *Вазъияти аксиологӣ (арзишӣ)* дорои иқтидори бузург мебошанд, зеро интихоб ҳалқаи робита байни шуур ва кирдор буда, имкон медиҳад, ки фарқи байни андӯхтани одии таҷриба аз қарор, ҳадафмандӣ дар вазъияти проблемавӣ-ҳаётӣ фаҳмида шавад. Дар раванди интихоб ҷамъбасткунӣ, интиқоли эҷодии мазмунҳои инъикосшуда ва офаридашудаи арзишҳо дар вазъияти ҳаётӣ рӯй медиҳад. Барои интихоби мазмуни арзиш номуайянӣ ва имконияти ками вокунишҳои қолабӣ хос мебошад, бинобар ин, фаъолияти густурдае лозим аст, ки ҳар дафъа аз нав тарҳрезӣ мешавад. Навъҳо ва нақши вазъияти аксиологӣ чигунаанд?

З.И.Василева [74] дар вазъияти амалӣ чунин марҳалаҳоро фарқ мекунад: муҳокимаи кори дар пеш истода, гузоштани ҳадаф ва ба вуҷуд овардани ангезиш; ташкил ва гузаронидани кор; баррасии натиҷаҳо. Аз рӯйи хусусияти фаъолият ин муҳаққиқ вазъияти таълимӣ, меҳнатӣ ва ғайраро муайян кардааст; аз рӯйи мавҷудияти алтернатива ва интихоби мавқеъ, доираи муошират - дорои зиддият ва безиддият; аз рӯйи воситаи зоҳиршавии самтгирии шахсият - лафзӣ ва амалӣ, табиӣ ва лабораторӣ. Ба ақидаи мо, вазъияти лафзиро (вербалӣ) ҳал кардан осонтар аст, аммо онҳо метавонанд ба манфиатҳо, эҳтиёҷот, майлу кӯшишҳои хонандагони синфҳои боло бевосита дахлдор набошанд. Вазъияти ҳаёт, баръакс, хусусияти том дошта, амиқан шахсиятӣ мебошанд. Таҳқиқот [74, 149] нишон додаанд, ки мувофиқати вазъияти лафзӣ ва амалӣ пайвастшавии табиии асоси ҷаҳоншиносонаи тамоюли шахсиятро ба ангезаҳои даркшуда таъмин менамояд. Вазъияти аксиологӣ (ахлоқӣ) таснифот шудаанд [21]; методикаи истифодаи онҳо коркард ва вазифаҳояшон номбар шудаанд: дарк намудан, шинохтани моҳияти арзишии падидаҳо, бунёди тарзи ҳаёт, ҳосил намудани маҳорати баҳодиҳӣ, қарор ва интихоб, тарҳрезии кирдори ахлоқӣ, таҷрибаи

тасдиқи некӣ. Қайд бояд кард, ки барои ҳалли муаммоҳо дар вазъияти аксиологӣ танҳо амалҳои фикрие нокифоянд, ки бо таҷассуми арзишҳо дар фаъолияти ҳадафмандонаи одамон алоқаманд мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки корҳои неке заруранд, ки мактаббачагон иштирок карда, ихтилофҳоро ҳал мекунанд. *Дар мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда ду қатори вазъияти аксиологиро ба миён овардан зарур аст: лафзӣ (вербалӣ) ва амалӣ. Аз ҷониби мактаббачагон ҳал шудани муаммоҳо дар вазъияти аксиологӣ маҳорати таҳлил, баҳодиҳӣ, пешгӯӣ, қабули қарорҳо, интихоби варианти кирдору рафторро инкишоф медиҳад.*

Аммо интихоб падидаи муваққатӣ ва аксар вақт маҷбурӣ, на интиҳо, балки катакчаи ибтидоӣ ва сохтори ҳаматарафа аст, ки дар рафтор бо тамоми қисмҳояш: дар гузориши ҳадаф, қабули қарор оид ба воситаҳои мувофиқ ва иҷрои амалии қарор, татбиқи он дар амал, натиҷаи ба ҳадаф мувофиқ амалӣ мешавад.

Инак, мо муқаррар кардем, ки дар фаъолияту муошрати ташкилшуда ва худсозмоншуда оид ба ҳалли муаммоҳо дар вазъияти аксиологии мактаббачагон интихоби арзишҳо барои шахсият ва иҷтимоъ муҳим амалӣ мегардад. Интихоб дар рафтору кирдор татбиқ мешавад. Бидуни ин арзишҳои дарк ва азхудшуда фақат ҳамчун қоидаҳои лафзие боқӣ мемонанд, ки танҳо маънои самтгирии фаъолиятро доранд. *Интихоб бошад, самтгирии кирдорҳо, рафторро якмаъно тасдиқ менамояд*. Қоидаи лафзӣ дар вазъиятҳои манъкунӣ (амсилаи авторитарӣ, фармонравоёнаи таҳсилот) амал менамояд. *Дар парадигмаи инсонгароёна имконияти интихоби арзишҳои ҳам барои шахсият, ҳам барои иҷтимоъ муҳим ва тасдиқи ин интихоб дар кирдору рафтор шарти педагогии зарур аст*.

Амалисозии ҳар яке аз шартҳо баррасишуда ***дар мусоидати педагогӣ барои баландшавии сатҳи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда эҳтиёҷ дорад***, ки аз роҳбарӣ то ба ҳамроҳӣ, ёриву дастгирӣ инкишоф меёбад. Ҳангоми муайян кардани зарурати ин шарт мо ба ҳалли муаммои таъсироти мутақобили одамон дар илм такя мекунем.

Масъалаи муносибат ба инсони дигар ҳамчун арзиш (И.Кант, М.Шелер, Н.Гартман, В.С.Соловев, К.Н.Леонтев, Н.А.Бердяев, СЛ.Франк ва диг.) ва шарти «ба даст овардани умумияти қавмӣ» (Б.С.Братус) аз ҷониби Л.С.Виготский, П.Я.Галперин, В.П.Зинченко, А.Н.Леонтев, М.И. Лисина, В.Н.Мясишев, Б.М.Теплов ва дигарон ба таври кофӣ омӯхта шудааст.

Вобаста ба характери муносибатҳои инсонӣ аксари психологҳо мавқеи умумии шахси калонсол (В.Г. Ананев, А.А. Бодалев, Л.И. Божович, П.П. Блонский, Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, А.В. Запорожетс, А.Н. Леонтев, А.Р. Лурия, В.Н. Мясишев, А.В. Петровский ва диг.) ва хусусиятҳои алоҳидаи мундариҷавии онро (Н.П. Аникеева, И.В. Дубровина, В.А. Кан-Калик, Г.А. Ковалева, И.Б. Котова, Ю.Н. Кулюткин, Н.В. Кумина, А.Г. Лидерс, А.К. Маркова, Л.М. Митина, А.Б.Орлов, Л.А. Петровская, Л.В. Регуш, Е.В. Рогов, Г.С. Сухобская ва диг.) таҳқиқ намудаанд. Ба фаҳмиши мо таърифи мавқеи шахси калонсол, ки Л.С. Рубинштейн пешниҳод кардааст, наздик аст: тарбия кардан, пеш аз ҳама, маънои ҳаёти ҳақиқии худро ба сар бурдан ва ба он ҷалб намудани онҳоест, ки тарбия карда мешаванд [164, 170, 201, 211]. Чунин мавқеъ барпо кардани муносибати педагог ва мактаббачаро тақозо менамояд.

Маълум аст, ки таъсироти мутақобил робитаи мутаҳаррикест, ки дар раванди он тағйироти тарафҳо рӯй медиҳад. Азбаски таъсироти мутақобили педагог ва мактаббача дар худмуайянкунии арзишӣ аз мавқеи дидгоҳи субъектӣ, иштироки тамоми субъектҳо дар он баррасӣ мешавад, таъсироти мутақобили педагогиро ҳамчун низоми дар замон ва фазо инкишофёбанда шуморидан мумкин аст, ки омили рушди шахсияти субъектҳо мегардад. Амалӣ кардани худмуайянкунии арзишӣ маънои онро дорад, ки таъсироти мутақобили иштирокчиёни он ҳамчун низоми инкишофёбанда тавассути мутаносибгардонии робитаи қисмҳои таркибӣ ташкил шуда, онҳо ба ноилшавии ҳадафҳои умумӣ равона карда мешаванд.

Сохтори «ҳамзистӣ»-ро ҳамчун шакли сетарафаи таъсироти мутақобил баррасӣ метавон кард: шуур, ҳамҳиссӣ ва мусоидат, ки бо натиҷаҳои сифатан

дигаргунаи таъсироти мутақобил мувофиқанд: мушоҳидавӣ-тавзеҳӣ, эвристӣ, муассиру дигаркунанда [176]. Чунонки мебинем, *якҷоя амал кардан* - ҷанбаи ҳамзистӣ аст, ки аз амалҳои якҷоя ҳамчун навъи инкишофёбандаи таъсироти мутақобил иборат аст. Натиҷаи он навъи муассиру дигаркунандаи донишҳо ҳамчун воситаи ҳаматарафаи ҳалли якҷояи муаммоҳои ҳаёт дар асоси бунёди низоми арзишҳои шахсиятӣ мебошад. Мусоидат ҳамчун иштироки фаъолона дар кори ягон кас бо мақсади ёрӣ, дастгирӣ дар ягон фаъолият фаҳмида мешавад. Он дар сурати мавҷудияти муаммо зарур аст.

Мушкилоти кӯдак ҳамон вақт ба миён меоянд, ки захираҳои ӯ барои тағйироти зарурӣ нокифояанд, яъне чизҳое, ки бояд то ин синну сол бояд ташаккул ёбанд, ҳоло нокифоя ташаккул ёфтаанд, ё он чизе вуҷуд надорад, ки «тимсоли ояндаи матлуб» номидан мумкин аст. Гузориши муаммо метавонад бо ташаббуси ягон иштирокчии таъсироти мутақобил дар асоси принсипи бисёрмантиқӣ (имконияти баробар бо салоҳияти иштироки ҳар кас) сурат гирад. Амалиёти якҷоя - иштироки фаъолонаи тарафҳо бо мақсади ҳалли муаммоҳои ба миён омадаи худмуайянкунии арзишӣ дар асоси падидаҳои нави синнусолии мактаббачагон мебошад. Муаммоҳо дар раванди ташаккули омодагии мактаббача ба муносибати арзишӣ ошкор мегардад, ки нақшаи умумии он бо такя ба таҳқиқоти психологҳо (В.Ф.Сафин), педагогҳо (А.П.Тряпитсин, Н.Е.Шуркова) муайян карда шуд. Он ҳамчун занҷирест, ки сохтори ҷузъҳо, механизми муносибатҳои арзишӣ ва нишондиҳандаҳои худидоракунии ин фаъолият: худташхис - худтаҳлилкунӣ - худнақшагирӣ - худсозмондиҳӣ - худназорат - худтанзимкуниро фаро мегирад.

Дар асоси ин занҷир вариантҳои ҷараёнгирии раванди ташаккули омодагӣ ба муносибатҳои арзишӣ таъйин мегарданд. Он дар навбати худ стратегия ва тактикаи мусоидати педагогиро муайян мекунанд, ки ба гузариши тадриҷӣ аз роҳбарӣ ба ҳамроҳӣ, ёрӣ ва дастгирии ташаббуси мактаббачагон асос ёфтааст.

Аз ин ҷо, барои муносибатҳои арзишӣ ҳамчун навташкила мусоидати педагогии шахси калонсол зарур аст. *Мусоидатро* мо ҳамчун иштироки

фаъолонаи педагог (омӯзгор, педагог-психолог, мураббӣ, педагогӣ-иҷтимоӣ) мефаҳмем, ки дар раванди он дар асоси роҳбарӣ, ҳамроҳӣ, ёрӣ ва дастгирии ташаббуси мактаббача сатҳи омодагии ӯ ба муносибати арзишӣ баланд мешавад.

Омили муҳимми мусоидат ба муносибатҳои арзишии мактаббачаҳо сатҳи инкишофи ин раванд дар педагогҳо мебошад. Мо сифатҳои педагогро, ки дар тавсифномаҳои омӯзгорон мактаббачагон, волидайн ва роҳбарони мактабҳо сабт шудаанд, муттаҳид карда, натиҷаеро ба даст овардем. Он воқеияти мактаби муосири оммавиро инъикос менамояд (ниг. расми 2).

**Расми 2. Сифатҳои шахсияти педагоги муосир.**




Чунонки аз расми 2 бармеояд, сифатҳои маънавӣ (70% аз миқдори умумӣ), на ин ки сифатҳои ахлоқии шахсияти педагогҳои муосир афзалият доранд. Сатҳи инкишофи сифатҳои маънавӣ ба талаботи беруна, инкишофи сифатҳои ахлоқӣ - ба сатҳи талаботи ботинии омӯзгор нисбат ба худаш мувофиқ аст. Корбарии амиқ оид ба ташаккули арзишҳои ахлоқии педагогҳо зарур аст.

Муаммои этикаи омӯзгор, хусусияти муносибатҳои ӯ бо бачагон дар таълифоти бисёр намояндагони барҷастаи педагогика, аз ҷумла К.Д.Ушин-ский, А.В. Луначарский, Н.К.Крупская, А.С.Макаренко, П.П.Блонский, П.Ф.Лесгафт, К.Н.Вентсел, Л.Н.Толстой баррасӣ шудааст. Замони муосир муаммои симои маънавӣ-ахлоқии омӯзгорро мубрам гардонд (Е.В. Бондаревская, С.В. Кулневич, Л.М. Митина, И.И. Риданова, Л.Л.Шевченко).

Таълифоти Л.В. Ведерникова, Т.И. Гончарова, А.Ю. Гордин, С.Б. Елканов, В.М. Момов, И.Я. ва В.И. Писаренко, И.И. ва В.Н.Чернокозовҳо ба этикаи педагогӣ бахшида шудаанд.

Аз қобилияти педагог барои амалӣ намудани мусоидати беҳтарини психологию педагогӣ, ки ба қонунияти эътирофшуда асос ёфта, дар шароити номуайянӣ сурат мегирад, ба андозаи зиёд эҳтимолияти «ҷунбиш» (истилоҳи Л.С.Виготский) дар муносибатҳои арзишии мактаббача вобаста мебошад. Чунин навъи фаъолиятро мутаносибгардонанда номидан мумкин аст. Мусоидати педагогӣ ба муносибати арзишии мактаббачагон инкишофи аксиосоҳаи педагогро (Н.А.Асташова) тақозо менамояд, ки дар ташаккули шахсияти дорои сатҳи баланди фарҳанги умумӣ, касбӣ ва шахсӣ ифода ёфта, ядрои онро арзишҳои маънавию ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Деонтологияи педагогӣ (А.Г.Асмолов, В.А.Сластенин, В.Д.Шадриков ва диг.) арзишҳоро ҳамчун «танзимкунандаи ботинии аз ҷиҳати эмотсионалӣ азхудшудаи фаъолияти педагог, ки муносибати ӯро ба олами атроф ва худаш таъйин карда, мундариҷа ва хусусияти фаъолияти касбиашро тарҳрезӣ менамояд» [17, с.6].

Тасодуфӣ нест, ки мафҳуми касбияти педагогӣ аз он дидгоҳ баррасӣ мешавад, ки то кадом андоза педагог иқтидори субъективии хонандагонро инкишоф дода, шароити рушди шахсии онҳоро таъмин карда метавонад (В.В. Давидов, В.А.Коротов, Н.Д.Никандров, А.В.Мудрик, Ю.Б.Орлов, В.А.Сластенин, И.С.Якиманская). Муҳаққиқони муаммои салоҳиятнокии касбӣ (В.А.Болотов, В.В.Краевский, Ю.В.Сенко, В.В.Сериков, В.А.Сластенин, А.В.Хуторской ва диг.) онро ҳамчун маҷмуи сифатҳои шахсӣ баррасӣ менамоянд. Қисми таркибии муҳимми салоҳиятнокии педагог сифатҳои ахлоқӣ мебошанд. Ядрои онҳоро мавқеи касбӣ-шахсиятии инсонгароёна ташкил медиҳад. Он фарогирии «мазмуни инсонии» касб, арзишҳои маънавию ахлоқӣ, эътирофи афзалияти каси дигар, муколамапазирӣ, тафоҳум, муносибати инсониро ба кӯдак дар бар мегирад (Ш.А.Амонашвили, Е.В.Бондаревская, К.Н.Вентсел, П.Ф.Каптерев,

А.К.Маркова, Л.М.Митина, В.А.Сухомлинский, Е.Н.Шиянов ва диг.). Ҳамчунин дубора ва рефлексивӣ муайянкунии амалҳо ва мавқеи худ, қабул кардан ва маҳорати амал дар вазъияти таҳсилотии номуайян зарур аст (А.В.Хуторской). Ин ба шарте имконпазир аст, ки инкишофи шахсиятии кӯдак ба рисолати фалсафӣ-педагогии омӯзгор ҳамчун фарҳанги инсонгароёна дохил мешавад (А.И.Арнолдов, А.С.Запесотский, С.И.Иконникова, Н.Б.Крилова, О.В.Немирович, И.М.Орешников, В.А.Сластенин, Е.Н.Шиянов, Е.И.Шулёва). Педагог на танҳо соҳиби сифатҳои ахлоқӣ, балки маҳорати амалӣ мебошад. Ӯ муҳити худмуайянкуниро фароҳам меорад, ки дар он ҳар як мактаббача арзишҳои зиндагиро азхуд карда метавонад (Ман субъекти интихоб, инсони озод, ки барои ҳар як амали интихоб шахсан масъул мебошам). «Ҳифз кардани кӯдак, мусоидат ба инкишофи қобилияти ӯ, муносибати ғамхорона ба бачагон ва ғ.» зарур аст [133, с. 17]. Ин афзалияти мавқеи фаъолонаи инсонгароёна дар муносибат бо бачагон, инкишофи иқтидори ниҳони мактаббача, маҳорати «коркард ва амалисозии лоиҳаҳои инсонпарварона» мебошад [211].

Дар ташаккули фарҳанги аксиологӣ барномаҳои баланд бардоштани маҳорати педагогӣ, салоҳиятнокии психологӣ (И.А.Зязюн, Е.К.Лютова, Л.М.Митина, Г.Б.Монина, Л.А.Петровская, В.Родионов ва диг.), худинкишофи ахлоқӣ кумак мерасонанд [280]. Ин фаъолиятро ҳалли нокифояи муаммои ташхиси сифатҳои ахлоқӣ-педагогӣ дар илм душвор мегардонад, ҳарчанд ки муаммои ташхиси педагогӣ (И.Ю.Гутник, В.И.Зверева, А.И.Кочетов, С.В.Шмачилина, Н.А.Эверт ва диг.) хеле бомуваффақият таҳқиқ шудааст.

Инак, омодагӣ ба муносибатҳои педагогӣ барои амалисозии маҷмуи шартҳои муқарраршуда мусоидат мекунад. Самтгирии муносибатҳои арзиширо барои фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон педагог тавассути азхудкунӣ ва офаридан дар вазъияти аксиологӣ таъмин менамояд. Бо мақсади муносибати арзиши педагог самти аз ҷониби мактаббачагон фарогирии маҳорату малакаҳои рефлексивиро ба

сӯйи ҷустуҷӯи мазмуни шахсии арзишҳо бармегардонад. Ин самти маъниофаранда ва ҳаётбахш шакли андӯхтан ва тамаркузи иқтидори инсон аст, ки ба андозаи амалишавии арзишҳои алоҳидаи рушди инсон ва инсоният сарф мешавад. Педагог ба мактаббачагон имконияти интихоби арзишҳо ва татбиқи онҳоро дар рафтор, кирдорҳо, фаъолияту ҳаёт таъмин менамояд. Тавассути «интихоби мазмун» [198] дар раванди ҳалли муаммоҳо мактаббача ошкор намудани маънои ҳар яке аз алтернативаҳоро дар тарзи зиндагӣ ва тарҳрезии типи матлуби кирдорро аз унсурҳо меомӯзад.

Ба ғайр аз ин, шарти мусоидат барои омодагии мактаббача ба муносибати арзишӣ ба ҳар як шарти педагогӣ ворид шуда, онҳоро дар маҷмуъ алоқаманд мегардонад. Баландшавии омодагӣ барои фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон дар раванди ҳалли муаммоҳо дар вазъияти аксиологӣ барои табдили инъикоси ҳастӣ дар фаҳмиши «инсонии» он мусоидат мекунад. Дониши арзишмандии ҳастӣ барои инсон инкишоф меёбад, ки на танҳо қонунҳо, балки мазмунҳоро кашф менамояд. Баландшавии сатҳи фарогирии рефлексия аз ҷониби мактаббачагон ба онҳо ёрӣ медиҳад, ки бо мақсади азхудкунии маънои арзишҳо ва офаридани онҳо амалиёти мантиқии тафаккурро бо ҳаракати шахсият, бо ҳиссиёт ва иродаи ӯ муттаҳид намоянд. Баландшавии сатҳи омодагии мактаббачагон барои интихоб ва амалисозии арзишҳо дар муносибатҳои мутақобил, рафтор, кирдор, тарзи ҳаёт ёрӣ медиҳад, ки самти муносибати арзишӣ дарёфт гардида, устувор шавад. Аз ин ҷо, шарти мусоидати педагогӣ ба баландшавии омодагии мактаббачагон ба муносибати арзишӣ зарур мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи назариявии шартҳои педагогии ошкоргардида нишон медиҳад, ки онҳо барои самаранокии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда заруранд. Якҷоя онҳо маҷмуи шартҳои педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро ташкил медиҳанд. Дар ин матлаб мо ба фаҳмиши муносибати мутақобил ҳамчун раванди интериоризатсияи арзишҳои аз берун пешниҳодшаванда, офаридани мазмунҳо такя мекунем, ки

бояд ботинӣ шаванд, ба сифатҳои шахсияти мактаббача табдил ёбанд. Натиҷаҳои муносибатҳои мутақобил экстериоризатсия мешаванд - арзишҳои ботинан қабулшуда дар рафтор, кирдор, муносибат таҷассум меёбанд. Дар таҳқиқоти мо ин ду раванд ҷой доранд. Ҷанбаи маънавӣ-ахлоқии муносибати арзишӣ муайян карда шуд, ҳамгироии он бо соҳаҳои фардияти мактаббача амсиласозӣ гардид, ки майдони таъсироти мутақобили субъектҳои онро таъйин менамояд. Тавассути тамоми ҷузъҳои муносибатҳои арзишӣ дар фаъолияти ахлоқӣ ва муошират фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ ба роҳ монда мешавад. Аз ин ҷо, маҷмуи ошкоршуда мутаносибкунанда аст, ки бо андозаи шартҳои педагогии зарурӣ ва кофии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон таъйин мегардад.

Дар баробари ин, мо тарафдори дидгоҳи фаъолиятмандӣ ва принсипи инсонгароӣ дар педагогика мебошем, ки таҳқиқи низоми мутаносиб-шавандаи муносибатҳои арзишии омӯзгор ва мактаббачагонро бо натиҷаи матлуб ифода менамояд.

Натиҷаҳои муносибатҳои арзишии омӯзгор ва мактаббачагон, меъёрҳо ва методикаи омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии онҳо баррасии махсусро тақозо менамоянд.

### 1.3. Маҷмуи методикаҳои омӯзиш ва меъёрҳои баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибати омӯзгору хонанда

Истилоҳи «натиҷа» ба мафҳумҳои «самаранокӣ», «муваффақият», «камолот», «маҳсулнокӣ» наздик буда, меъёри марказии этика аст. Тамоми баҳсҳо дар бораи натиҷабахшӣ аз муқоисаи арзишҳо ва кирдорҳои мактаббачагон иборатанд. Дар аксиология, асосан, баҳоҳои навъи фазоӣ истифода мешаванд, ки муайян кардани масофаҳои аксиологӣ ва давомнокии байни ҳолати ибтидоӣ ва натиҷаи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагонро имкон медиҳад. Масъалаи натиҷабахширо дар ҷанбаҳои афзоиши миқдорӣ (экстенсивӣ) ва бошиддат (интенсивӣ) баррасӣ кардан

мувофиқи мақсад аст. Дар ҷанбаи экстенсивӣ азхудкунии арзишҳое, ки ба инсонгароёна ва иҷтимоӣ намудани муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон мусоидат мекунанд, дар ҷанбаи интенсивӣ - фарогирии арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро аз ҷониби онҳо, ҷамъбасти мазмунҳои шахсии арзишҳоро (ҷамъбаст ва зоҳиршавии устувор дар низоми кирдорҳо) баррасӣ менамоем. Зери натиҷаи умумии падидаи таҳқиқшаванда мо болоравии мусбати сатҳ ва самтгирии худтатбиқнамоии неруи шахсии рушди мутаносиби мактаббачагонро мефаҳмем.

Воситаи муассири омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон методика мебошад. Бунёди маҷмуи методӣ - натиҷаи *лоиҳакашии педагогӣ* ҳамчун раванди амалисозии нияти ҳалли ягон муаммо мебошад. Ба масъалаҳои лоиҳакашӣ таълифоти зиёди муҳаққиқони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ: В.И.Безруков, Ю.В.Громико, Д.Джонсон, Е.С.Заир-Бек, В.С.Лазарев, В.А.Луков, Е.И.Машбитс, А.М.Моисеев, Д.А.Новиков, М.М.Поташник, В.Е.Радионов, А.П.Тряпитсина, В.Д.Шапиро ва диг. бахшида шудаанд. Ҷузъи лоиҳакашӣ барои ҳама гуна раванди педагогӣ зарур аст.

Ба назар гирифтани тавсияи М.И.Шилова дар бораи таҳқиқи қабат ба қабати равандҳо амалисозии ҳадафи моро имкон медиҳад. Тамоми қисмҳои таркибии мутаносибгардонии омӯзгор ва мактаббачагонро қабат ба қабат омӯхта ва дониши том ҳосил карда, мо онро таҳлил, баҳогузорӣ намуда, натиҷаҳоро ислоҳ карда метавонем. Методикаи омӯзиши натиҷаҳои раванди таҳқиқшаванда бо назардошти он интихоб гардид, ки якум, арзишҳои барои шахсият ва иҷтимоъ муҳим ҷудо карда шаванд, ки дар натиҷаи инъикос ва офарида шудан ба сифатҳои шахсиятӣ табдил меёбанд. Дувум, методика имкон диҳад, ки аз рӯйи нишонаҳои ташаккулу инкишофи ин сифатҳо динамикаи мутаносибшавии муносибатҳои байни омӯзгор ва мактаббачагон пайгирӣ шуда, ҳамчунин ҷунбишҳо дар худамалисозии иқтидори шахсият дар рафтору муносибатҳои мактаббачагон аз рӯйи индикаторҳо муқаррар гардад. Маҷмуи методҳо контент - таҳлилро (методи сифатию миқдории сабт

ва таҳлили воҳидҳои раванди омӯхташаванда) дар бар мегирад, ки унсурҳои он методи мушоҳида ва худмушоҳида, суҳбатҳо, таҳқиқи иншоҳо, тест, анкетагирӣ, ченкунии иҷтимоӣ (сотсиометрия), рейтинг, методи баҳодиҳии коршинос ва худбаҳодиҳӣ буданд [208].

Таҳлили амалия ва муқоисаи он бо натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ имкон дод, ки асоси меъёрии омӯзиши натиҷабахшии раванди педагогии мутаносибшавандаи муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон муайян гардад. Ин меъёрҳо кадомҳоянд?

*Меъёри натиҷабахшии* муносибатҳо «тарзи ҳаёт-и» мактаббача ҳамчун идеали ӯ мебошад. Он ҷузъи ҳамгирои сохтори шахсият буда, кӯшиши бартараф кардани ихтилофи байни умумӣ ва инфиродиро танзим менамояд ва нақши омили мутаносибкунандаи ҷанбаҳои таҷассумёфта ва маънавии идеалро иҷро мекунад. Чунин нақши онро мо дар ҳудуди фарҳангшиносӣ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология ва педагогика ошкор намудем.

Суқрот оид ба озодии инсон дар тарҳрезии ҳаёт сухан ронда, ин мафҳум ва истилоҳи тарзи ҳаётро ба забон ворид кард. Баррасии ин муамморо дар асрҳои миёна ва давраи Эҳё Н.Кузанский, Э.Роттердамский, Т.Мор, Т.Кампанелла, М.Монтен идома доданд. Афкори бадеӣ-фалсафӣ, ки дар асарҳои Данте, Микеланҷело, Рабле, Шекспир ифода ёфтааст, муаммои тарзи ҳаётро дар маркази таваҷҷуҳ гузошт. Файласуфони давраи маорифпарварӣ ва асри XIX (Волтер, Гегел, Кант, Фейербах), сипас Ж.-П.Сартр, П.Тейяр де Шарден, В.Франкл, Э.Фромм, М.Хайдеггер, К.Ясперс ва асосгузори «фалсафаи зиндагӣ» Ф.Нитше, муаллифи назарияи «эҳтиром пеши ҳаёт» А.Швейтсер, ҳамчунин олимони рус М.М.Бахтин, Н.А.Бердяев, С.Н.Трубетской, П.А.Флоренский, С.Л.Франк самтеро асос гузоштанд, ки инсонро ҳамчун субъекти ҳаёти худаш баррасӣ менамояд.

Категорияи арзишии тарзи ҳаёт дар адабиёти илмӣ чунин муайян шудааст: воситаи устувори такрор ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ [138]; қисми таркибии сохти ҷамъиятию иқтисодӣ инъикоси он дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавии ҳаёт (В.П.Синитсин); маҷмуи шаклҳои

рафтори ҳаррӯзаи одамон ва гурӯҳ (Л.А.Гордон, Э.В.Клонов); шаклҳои типии фаъолияти ҳаётӣ, шароити меҳнат ва маишати одамон характери таъсироти мутақобил (Г.Глезерман); типи муайяни худсобиткунӣ, худамалисозии шахсияти алоҳида, гурӯҳи иҷтимоӣ, табақа дар ҷомеа (А.М.Бутенко); воситаи фаъолияти ҳаётии субъект, ки онро дар асоси низоми арзишҳои дар шароити муайяни объективӣ шаклгирифта интихоб мекунад (А.И.Титаренко); маҷмуи воситаву шаклҳои фаъолияти ҳаётӣ, ки ба ин ё он шахсият хос мебошад (Е.С.Рапатсевич).

Дар таълифоти файласуфон ва психологҳо Л.А.Арутюнян, Е.А.Ануфриев, И.В.Бестужев-Лада, Л.П.Буева, А.Г.Здравомислов, И.С.Кон, М.С.Каган, Л.А.Микешкина, К.Роджерс, А.И.Титаренко, В.П.Тугаринов, И.Т.Фролов фаҳмиши тарзи ҳаёт ба аксиология асос меёбад, ки барои таҳқиқоти мо муҳим аст. Психологияи инсонгароёна муаммои тарзи ҳаёти инсонро аз дидгоҳи қобилияти ӯ барои субъект будан (В.Н.Дружинин, В.И.Ковалев, А.А.Кроник, Д.Миллер, С.Л.Рубинштейн ва диг.) таҳқиқ мекунад. Механизмҳои психологии ташаккули тарзи ҳаёт аз ҷониби субъект идрок, тасаввурот ва ҳадаф (Г.А.Берулава, А.А.Деркач, Е.А.Климов) мебошанд. Зимни мавҷудияти тарзи ҳаёти ташаккулёфта шахсият ҳамчун мабдаи эҷодиест, ки олам ва худашро меофарад [30]. Дар байни типҳои муқарраршудаи ин падида тарзи ҳаёти *мутаносиб* фарқ карда мешавад, ки дар он тамоюлҳои зоҳирӣ ва ботинии зиндагӣ мувофиқат дошта, якдигарро дастгирӣ мекунанд [3].

Ҷомеашинос А.З.Хурамшина тарзи ҳаётро ҳамчун омили иҷтимоишавии шахсият баррасӣ менамояд. Богданова Т.П., Булаев В.М. тарзи ҳаётро бо фаъолнокии шахсият; Е.А.Ануфриев, А.А.Еришев, К.И.Журавлева, А.М.Задворний - бо тарзи ҳаёти шӯравӣ, Н.А.Аксютенко, С.Н.Бердишев, О.В.Рихтер, И.В.Сапелникова, М.В.Бутенко, С.М.Каракотова, Л.М.Овчаренко, С.А.Чайников ва дигарон бошанд, бо тарзи солими ҳаёти инсон алоқаманд мешуморанд.

Педагогҳои барҷаста Я.А.Коменский, Ҷ.Локк, Ж.-Ж.Руссо. К.А.

Гелветсий, И.Г.Песталотси, Ф.Гербарт, ҳамчунин П.Ф.Каптерев, Н.И.Пирогов, Л.Н.Толстой, К.Д.Ушинский, А.С.Макаренко, В.А.Сухомлинский дар асоси тасаввуроту дидгоҳи худ оид ба тарзи ҳаёти инсон назарияҳо бунёд кардаанд. Афкори педагогии муосир озодии интихоб, худфаъолият, баҳодиҳӣ, рефлексия, худтатбиқнамоии инсонро ҳамчун ҷанбаҳои тарзи ҳаёт таъкид менамояд.

Меъёри тарзи ҳаёти ташаккулёфтаро В.М.Коротов, Э.И.Моносзон [123], В.С.Овчинников, Ю.В. Сенко [165] ақидаҳои устувори шахсият оид ба олам ва ҷойи худ дар он меноманд, ки дар ҷаҳоншиносии тамоми ҳаёт ва фаъолияти ӯро фарогиранда ифода ёфтааст. Тарзи ҳаёти ташаккулёфта боиси он мегардад, ки муҳит ба рушди кӯдак таъсири тақдирсоз намерасонад [198].

Дар ташаккули тарзи ҳаёти мактаббача на танҳо ба воситаи тафаккур, балки ба тағйири фарҳанги таассуроти эмотсионалӣ ва самтҳои арзишӣ, ҳамчунин воситаҳои фаъолият ҳам дар миқёси инфиродӣ, ҳам ҷамъият таъкид карда мешавад. Ба назарияи тарбия истилоҳи «тарзи ҳаёти сазовори инсон» ворид шудааст, ки маънои он қобилияти пешгӯии вазъи ояндаи рушди зиндагии шахсият ва ҷомеаро дар маҷмуъ аст. «Рушди шахсиятӣ тарҳрезии тарзи ҳаёти кӯдакро дар муҳити муайяни фарҳангию ҳамзистӣ пешбинӣ менамояд» [58, с.22].

Инак, *тарзи ҳаёти* мактаббача ҳамчун омили мутаносибгардонанда таассуроти мутаҳаррик, таҷридӣ оид ба ҳаёти матлуб (идеал) мебошад, ки зери таъсири таҷрибаи иҷтимоию фарҳангии ӯ тавлид гардида, ба мундариҷа ва баҳодиҳии ҳаёти тарҳрезишаванда таъсир мерасонад. Он таъсироти мутақобили устувори мактаббачаро бо воқеияти атроф, аз ҷониби ӯ дарк гардидани образи оламе, ки педагог интиқол медиҳад, дарки гуногунии тарзҳои ҳаёт, тарҳрезӣ ва амалисозии низоми арзишҳо ва муносибатҳои худ, ҳадафҳо ва азхудкунии низоми фаъолиятро оид ба дигаргунсозии олам пешбинӣ менамояд.

Амсилаи мундариҷавии тарзи ҳаёт ҳамчун меъёри ҳамгирокунандаи натиҷабахшии мутаносибгардонии муносибгардонии омӯзгор ва хонанда ду

қисмро дар бар мегирад: аксиологӣ (арзишӣ-маъноӣ) ва фаъолиятӣ (низоми навъҳои фаъолият). Қисми аксиологӣ самти мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро, ҷанбаи фаъолиятӣ бошад, сатҳи онро инъикос менамояд. *Меъёри сатҳи* мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро динамикаи рушди худидоракунии мактаббачагон дар фаъолият ташкил медиҳад. *Меъёри самтгирии он* сатҳи рушди арзишию маъноӣ ҳамчун раванди ташаккули сифатҳои шахсият, кирдорҳо, рафтори мактаббачагон мебошад. *Меъёри протсессуалиро* динамикаи тағйироти зерин ташкил дода метавонанд: дар сатҳи дарки мафҳумҳои арзишӣ, ҳиссиёти бартаридошта, шавқу рағбат, ҳолати ангезиш, маҳорати рефлективӣ, муносибатҳои ахлоқӣ, маҳорати иртиботӣ ва навъҳои кирдорҳои мактаббачагон; андозаи мусоидати педагогӣ барои баланд шудани омодагии онҳо барои муносибатҳои мутақобил.

Аввал ҷудо кардани худидоракунии фаъолиятро ба сифати меъёри сатҳи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда асоснок менамоем.

Дар бораи натиҷабахшии раванди мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда сухан ронда, олимон аз ҷониби мактаббачагон дарёфтани мавқеи худро дар олам меъёри он мешуморанд. Онҳо онро бо муносибати мактаббачагон ба муаммоҳои асосии инсоният ва арзишҳо; бо маънидоди вазифавӣ-нақшпазири мавқеи иҷтимоӣ аз ҷониби мактаббачагон; бо ташаккули ядрои арзишӣ-маъноии шахсият алоқаманд мекунанд [83, с.13]. Як қатор психологҳо дар асоси таҳқиқоти Швартс ва Билски созмони сохтори беихтилофи шахсият ё гурӯҳро меъёри муносибатҳои мутақобил мешуморанд. Аксари психологҳо, педагогҳо, ахлоқшиносон ба сифати нишондиҳандаҳои муносибатҳои мутақобил инҳоро номбар кардаанд: худтаҳлилкунӣ, худнақшагирӣ, худсозмондиҳӣ, худназорат, худтанзимкунӣ, ки ҳамзамон функсияҳои худидоракунии фаъолият мебошанд [17, 49, 51]. Фаҳмиши онҳоро оид ба муносибатҳои мутақобил ҳамчун фаъолият тарафдор шуда, мо чунин мешуморем, ки бар хилофи ҳайвонот, ки интихоби

рафтори онҳоро ғаризаи (инстинкт) фоиданокӣ таъйин мекунад, дар инсон худмуайянкунӣ воситаи беруназирсии худидоракунии фаъолият, интихоби озодонаи кирдорҳо аз доираи васеи рафтори имконпазир ва дастрас мебошад. Бинобар ин, ба ақидаи мо, ҳамчун *меъёри муносибатҳои мутақобил* инкишофи худидоракунии фаъолият хизмат карда метавонад. В.А. Караковский дуруст таъкид мекунад, ки инсон «ба озодӣ маҳкум шудааст», яъне тобеи воситаҳои арзишии идоракунии муносибатҳо, кирдор, рафтор аст [84].

Зимни баҳодиҳии сатҳи муносибатҳои мутақобил мо ба фаҳмиши худмуайянкунӣ ҳамчун падидаи дохилишахсии равонӣ такя намудем. Ин нишона дар марҳалаи муайян анҷом ёфтани мубориза и ангезаҳо, самтҳои арзиширо инъикос намуда, дар рафтору кирдор ҳамчун натиҷаи рушди сифатҳои шахсияти мактаббачагон дар асоси худмуайянкунии онҳо зоҳир мегардад. Бо назардошти он, ки муносибатҳои мутақобилро бевосита чен кардан номумкин аст, натиҷабахшии онро мо тавассути таҳқиқи хусусиятҳои зоҳиршавии он дар қобилият ва омодагии мактаббачагон ба идоракунии фаъолият пайгирӣ намудем. Бидуни қобилият, омодагии кофӣ барои муносибатҳои мутақобил инсон имконияти фарогирии фарҳанг, имконияти татбиқ намудани худро ҳамчун мавҷуди ба худ хос аз даст медиҳад. Зери ин қобилият дар пайравӣ ба Н.С.Лейтес, А.Н.Леонтев, А.А.Мелик-Пашаев, К.К.Платонов, С.Л.Рубинштейн, В.Э.Чудновский мо хусусиятҳои инфиродӣ-психологии шахсиятро мефаҳмем, ки шарти иҷрои бомуваффақияти фаъолияти муайян мебошанд [157, с.373]. Барои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда ба ақидаи мо қобилияти асосие, ки бо эҳтиёҷоти онҳо мутаносибанд [134], инҳоянд: 1) қобилияти фарогирии малакаҳое, ки амалисозии фаъолиятро дар асоси эҷодкорӣ имкон медиҳанд; маҳорати сарфаҳм рафтан ба шаклҳои гуногуни шуур ва эҳтиёҷ ба меҳнат, ки ҳамчун асосҳои ҷаҳоншиносии илмӣ ва шаҳрвандӣ хизмат мекунанд; рефлексияи инкишофёфта, ки муносибати бошууронаву танқидӣ ба худ ва оламро таъмин менамояд; 2) қобилияти азхудкунии воситаҳои барпо кардани муносибат, муошират ва эҳтиёҷ ба он. Ҳамбастагӣ, ҳамдигарро ғанӣ

гардонидани онҳо тавозуни қобилият, мувофиқати онҳоро ба эҳтиёҷоти афзуншавандаи шахсият ба вуҷуд меорад.

Падидаи омодагиро дар психология ва педагогика И.А.Зимняя, Л.А.Кандибович, В.А.Крутетский, Р.Д.Санжаева, В.А.Сластенин, Д.Н.Узнадзе ва дигарон таҳқиқ кардаанд. *Омодагӣ* барои муносибатҳои мутақобил ҳамчун фаъолият аз ҷониби К.В.Бардин, Л.А.Венгер, Е.Е.Кравтсова, В.С. Мухина, Г.Г.Петроченко шарҳ ёфтааст: «ҳолати сафарбаркунии тамоми низомҳои психикию физиологии инсон, ки иҷрои самараноки амалҳои муайянро таъмин мекунад» [157, с.78]. Сохтори омодагӣ ба мутаносибгардонии муносибатҳо чунин ҷузъҳоро дар бар мегирад: 1) ангезишӣ, ки муносибат ба арзишҳо ва фаъолият оид ба муносибатҳои мутақобилро пешбинӣ менамояд; 2) зеҳнӣ, ки сатҳи баланди инкишофи равандҳои маърифатиро (идроки тафриқавӣ, диққати ихтиёрӣ, бахотиргирии бошуурона, тафаккури аёнӣ-образнок ва мантиқӣ) пешбинӣ мекунад; 3) иртиботӣ ҳамчун мавҷудияти муошırати ихтиёрӣ-қаринавӣ бо шахси калонсол ва муошırати муштараку мусобиқавӣ бо ҳамсолон; 4) фаъолиятӣ-иродавӣ ҳамчун маҳорати мустақилона (ё мувофиқи намуна) амал кардан ва назорат бурдан.

Барои баҳодиҳии динамикаи қобилият ва омодагии омӯзгорон ва мактаббачагон ба мутаносибгардонии муносибатҳо мо методи баҳои коршиносро истифода бурдем, зеро ченкунӣ дар аксиология «на ҳамчун амали техникӣ, балки баҳодиҳанда, коршиносӣ баррасӣ мешавад» [83, с.36]. Бо мактаббачагон коршиносон оид ба баҳодиҳии ҳолати мутаносибшавии муносибатҳо кор мекунанд, ки дар қобилият ва омодагӣ ба худидоракунии фаъолият ***тавассути худтаҳлилкунӣ, худнақшагирӣ, худсозмондиҳӣ, худназорат, худтанзимкунӣ*** зоҳир мешавад. Коршиносон мушоҳида ва баҳогузориро дар вақти иштирок ба дарс, корҳои тарбиявӣ, дар танаффусҳо анҷом дода, сипас баҳоро дар асоси мубодилаи афкор муайян мекунанд. А.К.Маркова пешниҳод менамояд, ки ҳамчун коршинос миқдори зиёди одамон (маъмурият, ҳамкорон, хонандагон, волидайн) ҷалб карда шаванд.

Зимнан боэътимодии натиҷаҳои ташхис тариқи баровардани ҳисоби миёнаи баҳоҳо; объективнокии таҳқиқот - бо омодагии коршиносон, салоҳиятнокии касбии онҳо таъмин мешавад. Дар ин кор ба талаботи И.И. Корягина нисбат ба таҳқиқоти коршиносӣ ва воситаҳои санҷиши методикаҳои таҳқиқот такя метавон кард. Баҳои коршинос се бор такроран, масалан, дар моҳи сентябр, декабр ва майи ҳар соли таҳсил гузаронида шуда, барои ҳосил кардани дониши педагогӣ оид ба динамикаи қобилият ва омодагии омӯзгор ва хонанда барои мутаносибгардонии муносибатҳо имкон медиҳад [96].

Барои коркарди маълумоти ҳосилшуда, муқаррар намудани вобастагиҳои миқдории байни падидаҳои омӯхташуда, баҳодиҳии натиҷаҳо, гирифтани хулосаҳои боэътимод, ки барои ҷамъбастҳои назариявӣ замина фароҳам меоранд, методҳои математикии сабт, дараҷабандӣ, таснифотро истифода бурдан мумкин аст. Асоси методҳои миқдории таҳқиқи самаранокиро мувофиқати рушди олам бо қонунияти бунёдии мутаносибӣ ташкил медиҳад, ки дар анъанаи аврупоӣ тамоюли дарки онро ҳамчун падидаи ҳисобшаванда ба вуҷуд овардааст. Ғояи пайравони Пифагор оид ба имконияти ифодаи мутаносибии ҷисмҳои осонӣ тавассути таносубҳои ададии окатаваи мусиқавӣ аз ҳамин матлаб бармеоянд. Ба ин ғоя ҳамчунин таъкиди «санҷидани мутаносибӣ бо ёрии алгебра» (А.С.Пушкин дар бораи Салери), ҳисобкунии математикии дурнамо дар рассомӣ, кӯшишҳои намунаофарӣ дар ҳайкалтарошӣ ва ғайра такя менамояд. Ба самаранокии истифодаи методҳои математикӣ дар этика В.А.Канке ишора карда буд. Низоми ҳисобкунии баҳоҳои маънавӣ маълум аст, ки олими амрикоӣ Томас Саати коркард кардааст [448]. Методи квалиметрияро дар назорати сатҳи тарбиятдидагии хонандагон В.А. Метаева истифода бурдааст. Дар рафти таҳлили худмуайянкунии арзишӣ бо такя ба методҳои оморӣ, бо истифодаи меъёри аломатҳо ва меъёри Фишер [309] мо матлаб оид ба боэътимодии тағйироти мусбати маҳорати худидоракунии фаъолияти мактаббачагонро месанҷем [117].

Дар асоси ташхис ҷадвали ҳисоби тағйироти мусбат, манфӣ, сифрии

маҳорати муносибатҳои хонандагони ҳар як синф тартиб дода мешавад. Дараҷаи робитаи мутақобили тағйирот аз рӯйи коэффитсиенти мувофиқати дараҷагии Симменс [76] муайян гардид, ки оид ба мавҷудияти робитаҳои байни нишондиҳандаҳо, динамикаи тағйирот гувоҳӣ медиҳад.

Сипас, ҷамъи тағйироти мусбат ва манфӣ дар ҳар як маҳорати мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббачагон ҳисоб карда мешавад. Он бо ёрии меъёрии нишонаҳои ғайритасодуфӣ будани тағйироти мусбат дар ҳар як фунсияи маҳорати худидоракунии фаъолият санҷида шуд. Ҳамин тавр, маълумоти коркарди омории натиҷаҳо оид ба тағйироти (мусбат, сифрӣ, манфӣ) вазъи мутаносибшавии муносибатҳои мактаббачагон гувоҳӣ хоҳанд дод.

Баҳои коршинос бо худбаҳодиҳии динамикаи худидоракунии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон бо истифодаи методикаи В.И.Андреев пурра карда мешавад, ки аз ҷониби мо мутобиқ гардонида шуд. Худбаҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дониши педагогӣ пурра карда шавад, дар баробари ин, ҳамкории коршиносон ва мактаббачагон оид ба баҳогузории натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон барои коркарди меъёрҳо, методҳо ёрӣ медиҳанд [5].

Азбаски барои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон ***рефлексия*** муҳим мебошад, динамикаи сатҳҳои онро таҳқиқ намудан зарур аст. Омӯзиши таълифоти психологию педагогӣ имкон дод, ки методикаҳои зерин ошкор карда шавад: викторинаи С. Фукуяма [189], методикаи тестии О.С. Анисимов оид ба муайянкунии сатҳи рефлексия [6]. Дар асоси методикаи ташхиси сатҳи рефлексияпазирии синни наврасӣ, ки А.В.Карпов, В.В.Пономарёва, Е.В.Илина [155] пешниҳод кардаанд, мо пурсишномаро тартиб додем, ки тасдиқи он бо назардошти вазъияти эҳтимолии таҳрикдиҳандаи рефлексияи мактаббачагон интихоб шудаанд. Маҷмуи матлабҳо имкон медиҳад, ки натиҷабахшии рефлексияи мактаббачагон аз рӯйи ҷанбаҳои зерин баҳо дода шаванд: муошират ва таъсироти мутақобил бо педагог ва ҳамсинфон, мушкилотро бартараф

намудани мактаббачагон, дарк ва баҳодиҳии арзишҳо ва сифатҳои шахсӣ, рафтору кирдори худ ва дигарон. Методика (ниг. замимаи 3) имкон медиҳад, ки сатҳи рефлексияи мактаббачагон дар воҳидҳои шартӣ тариқи ҷамъкунии холҳо баҳогузорӣ шавад. Тасдиқоти пурсишнома дар мувофиқат бо фаҳмиши рефлексия ҳамчун раванди зеҳние интихоб шуданд, ки барои бартараф намудани мушкилот ва носаҳеҳӣ дар мутаносибгардонии муносибатҳо бо роҳи дарк, бознигарӣ мусоидат намоянд. Онҳо ба таснифоти рефлексия мувофиқанд.

Баҳодиҳии боэътимодии методика оид ба устувории натиҷаҳо баъди гузаштани вақт тариқи тестгирии такрории хонандагон (тамоми методика пешниҳод шуд; баъди ду ҳафта - нисфи аввали он; баъди ду ҳафтаи дигар тасдиқи нисфи дигари методика пешниҳод гардид) санҷида мешавад. Аз рӯйи коэффитсиенти мувофиқати дараҷаноки Спирмен [101, 309] холҳои ҷамъбастии ченкунии якум ва дувум, ҳамчунин фарқи байни холҳо ҳисоб карда мешавад, ки барои нисфи якуми методика дар ду ченкунӣ ба даст оварда шудаанд. Зимни муайянкунии эътимоднокии методика мо ба матлабе такя намудем, ки инкишофи қобилияти рефлексивӣ бо сатҳи зеҳн маҳдуд мегардад. Эътимоднокии ботинии методика тариқи ҳисоб кардани коэффитсиенти мувофиқати дараҷаноки Спирмен байни маълумотҳое муайян карда мешавад, аз рӯйи методикаи А.И Титаренко оид ба ченкунии сатҳи зеҳн ва тести Айзенк ба даст омадаанд [182]. Эътимоднокии методика истифодаи онро барои ошкор кардани тағйирот дар сатҳи рефлексияи мактаббачагон имкон медиҳад. Ташхиси педагогии динамикаи рефлексияпазирӣ бо худташхиси мактаббачагон пурра гардида, баъди таҳлил дар матнҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, матрисаҳо, графикҳо сабт мешавад.

Ҳамин тавр, методикаҳое интихоб ва корбаст шуданд, ки таҳқиқи рушди худидоракунӣ ва рефлексияро ҳамчун нишондиҳандаҳои динамикаи қобилият ва омодагӣ ба мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда имкон медиҳанд.

Ҷузъи дувуми баҳодиҳии натиҷабахшии мутаносибгардонии

муносибатҳои омӯзгор ва хонанда ошкор кардани динамикаи самтгирии он мебошад.

Барои муайян кардани самтгирии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда барнома ва методикаи коркардаи М.И.Шилова оид ба шинохтан ва ченкунии сатҳҳои тарбиятдидагии мактаббачагон тағйир дода шуд [208]. Ба он меъёрҳое илова карда шуданд, ки рушди иқтидори шахсӣ, пайвастагиро ба равандҳои маъниофарии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгору хонанда: сатҳи рушди арзишӣ-маъноӣ ва худсозмондиҳии шахсият, қобилияти худтанзимкунии ахлоқии муносибатҳоро ошкор мекунанд [57, 58, 59, 60].

Индикаторе, ки оғоз кардани таҳқиқи динамикаи самтгирии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро имкон медиҳад, самтгириҳои арзишии онҳо мебошад - «майли умумии баҳодиҳӣ-ҳукмфармои шуури ахлоқӣ, ки ягонагии амали он, ҳадафмандии танзими рафторро таъмин менамояд» [183]. Ин «дастгоҳи» ба худ хоси дарёфти мазмуни муайяни арзишӣ дар интихоби маънавӣ-ахлоқӣ мебошад.

Мо ба он такя кардем, ки самтгирии арзишӣ ҳамчун навташкила ақаллан ***ду ҷузъро*** фаро мегирад [129]. Ҷузъи якуми самтгирии арзишӣ - категорияҳои арзишӣ ҳамчун маҷмӯи аломатҳо, ки вобаста ба онҳо арзишҳо ҳамчун тартиби арзишҳои (ниг. 2.2.) «муодили ҳамдигар» [Ҷ.Бруннер, 1977] гурӯҳбандӣ мешаванд. Онро тариқи таҳлили мундариҷаи арзишҳои интихобкардаи мактаббачагон ошкор метавон кард. Ҷузъи дувуми самтгирии арзиширо меъёрҳои баҳодиҳии объект ташкил медиҳанд, ки инсон истифода мебарад. Меъёрҳоро бо роҳи таҳлили тасаввурот, мулоҳизаҳои инсон дар бораи объекти самтгирии арзишии ӯ дарёфтан мумкин аст. Таҳқиқи меъёрҳои баҳодиҳӣ нишон медиҳад, ки дар кадом асос мактаббачагон арзишҳоро барои худ муҳим мешуморанд, ҷадвали инфиродии баҳодиҳии онҳо ва мундариҷаашон дар субъектҳои гуногун чӣ гуна аст.

Таҳлили ҷузъи ангезишӣ-эҳтиёҷӣ имкон медиҳад, ки дар самтгириҳои ҳаётии мактаббачагон арзишҳои барои шахсият ва иҷтимоъ муҳим кадом

мавқеъро ишғол мекунанд. Ҳамчун асос варианти мутобиқшудаи методикаи М.Рокич гирифта шуд, ки боэътимодии онро таҳқиқоти махсуси Келли, Силвермен ва Кохрейн муқаррар намуданд. Мутобиқгардонии методикаро Семёнов, В.А.Ядов анҷом дода, онро Д.А.Леонтев пурра кардааст [176, 183]. Ин вариант дар мавқеи ба ҳамдигар наздик шудани таҳқиқоти психологӣ ва ташхиси педагогӣ бунёд гардидааст. Дар асоси гурӯҳбандии арзишҳо ислоҳҳо дароварда шуданд. Ба назар гирифта шуд, ки тестҳои вуҷуддошта дараҷаи гуногуни ифодаи ҳадафҳо, сифатҳо ва «маҷму»-и мушаххаси онҳоро дар бар мегиранд, ки моро қонеъ намегардонад. Барои якрангтар кардани номгӯи арзишҳо байни мактаббачагон ва омӯзгорони бо методика шинос пурсиш гузаронида шуд. Дар натиҷа бо роҳи истиснои шаклҳои синонимӣ аз номгӯи сифатҳо ҷойивазкунӣ анҷом дода шуд: маърифат ва ҳассосиро мо ба арзишҳо-воситаҳо, тарбиятдидагӣ ва масъулият - ба арзишҳо-ҳадафҳо мансуб донистем. Чунонки кори минбаъда бо методика нишон дод, ин боиси якрангии номгӯй ва баланд шудани зарфияти иттилоот ва боэътимодии методика гардид.

Барои интихоби варианти ташхиси самтгирии арзишӣ мо бо таҳқиқоти махсуси методҳои стандартикунонидаи омӯзиши арзишҳо: дараҷабандӣ, сафбандии (ранжирование) бевосита ва муқоисаи ҷуфт шинос шудем [Саганенко, 1969] ва ошкор намудем, ки ду методи охир, хусусан, муқоисаи ҷуфт натиҷаҳои бештар боэътимодро имкон медиҳанд. Аммо ин метод моро аз он ҷиҳат қонеъ нагардонд, ки истифодаи он боиси хасташавии озмудашавандагон мешавад, зеро номгӯй барои 18 арзиш 153 муқоисаро тақозо мекунад. Бинобар ин, мо методи сафбандии бевоситаро интихоб кардем. Норасоиҳои дар боло зикршудаи методикаҳо имкон намедиҳанд, ки онҳо ба гурӯҳи методҳои лоиҳакашӣ ворид карда шаванд, ки ҳамчунин боиси даровардани ислоҳ гардид. Ин имкон дод, ки ҷавобҳои ғайрисамимӣ кам шуда, ҳадафи интихоб ва экспертиза амалӣ гардад.

Эътимоднокии методикаро устувории он ба тести дубора баъди фосилаҳои вақт аз 3 ҳафта то 10 моҳ таъйин мегардад. Ҷиҳатҳои хуби

методикаи пешниҳодкардаи мо инҳоянд: ихчамӣ, вақти кам барои гузаронидани он ва коркарди натиҷаҳо, ҳаматарафа будан (барои ҳайати гуногун пешбинӣ шуда, вазифаҳои гуногунро иҷро карда метавонад); имконияти тағйир додани номгӯй ва дастур, ки иттилооти иловагиро дастрас мегардонад. Норасоии он дар якмаъно набудани сафкашонӣ ифода меёбад. Бо мақсади кам кардани оқибатҳои ин норасоиҳо мо пешниҳоди С.Р.Пантилеевро истифода бурдем: баъди анҷомёбии сафбандӣ пурсидашудагон дар ҷадвали аз 50 то 100 қайд мекунанд: то кадом андоза эътимод доранд, ки зимни сафкашонии такрорӣ айнан ҳамон тартибро тасдиқ мекунанд. Баъди силсилаи асосӣ мактаббачагон ба саволҳои зерин ҷавоб дода, арзишҳоро саф мебанданд: ба кадом тартиб, ба кадом дараҷа (бо %) арзишҳои мазкур дар муносибатҳои шумо татбиқ шудаанд? Шумо ин арзишҳоро чӣ тавр ҷойгир менамудед, агар ҳамон хел шавед, чӣ орзу мекунед? Инҳоро аксарияти одамон ба кадом тартиб мегузоранд? Панҷ сол пеш арзишҳоро чӣ тавр ҷойгузорӣ мекардед? Арзишҳоро ҳамсолони наздикатон чӣ тавр дараҷабандӣ мекарданд?

Ба мактаббачагон ду рӯйхати арзишҳо пешниҳод мешавад, ки ҳар яке иборат аз 18 номгӯй аст. Инҳо арзишҳо - ҳадафҳо (ниҳоӣ) ва арзишҳо-воситаҳо мебошанд, ки бояд вобаста ба аҳаммияти субъективиашон барои мактаббача сафбандӣ шаванд. Ба арзишҳои ниҳоӣ (терминалӣ) мо инҳоро мансуб донистем: таҷридӣ, мушаххас, ахлоқӣ ва худтатбиқнамоӣ. ***Арзишҳои ниҳоиро*** мо ҳамчун ақидаҳое баррасӣ менамоем, ки ягон ҳадафи ниҳоии муносибати инфиродӣ аз нуқтаи назари шахсӣ ва ҷамъиятӣ сазовор аст, ки барои он кӯшиш карда шавад. ***Арзишҳои воситавӣ*** - ақидаҳои инсон оид ба он, ки чунин тарзи муносибатҳо дар ҳама гуна вазъият аз нуқтаи назари шахсӣ ва ҷамъиятӣ афзалиятнок аст. Ба онҳо арзишҳои алтруистӣ, муошират, кор, худсобиткунӣ мансубанд.

Таҳлили самтгирии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро мо аз рӯйи меъёру нишондиҳандаҳои меҳварӣ анҷом додем. Дар адабиёти психологию педагогӣ тавсияҳо ҷой доранд, ки барои ин меъёрҳои

зерин истифода шаванд: муносибати мактаббача ба педагог, ҷомеа, фаъолияти меҳнатӣ, одамони алоҳида (В.А.Яковлев, А.С.Белкин ва диг.), мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ (Т.Н.Малковская, Н.Ф.Родионова), фаъолнокии ҷамъиятӣ (Г.И.Шукина), самтгирии шахсият (Л.И.Божович, Т.Е.Конникова, З.И.Василева, А.В.Зосимовский ва диг).

Олимон Е.В.Бондаревская [34], Л.Н. Ванеева [40] *дидгоҳи меъёрӣ-сатҳдорро* ҷонибдоранд, яъне омӯзиши раванд аз рӯйи меъёрҳо дар сатҳи рушди ҳиссиёти ахлоқӣ, муносибатҳо, ангезаҳои устувор ва самтгирии шахсият, дар сатҳи ҷаҳоншиносӣ, кирдорҳо. Зоҳиршавии ин ҷузъҳоро дар муносибатҳои мутақобил онҳо ҳамчун меъёрҳои тарбиятдидагии ахлоқӣ баррасӣ мекунанд. Бо вуҷуди гуногунии дидгоҳҳо муҳаққиқон ҳамчун меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои умумӣ сифатҳои шахсиро натиҷаи ошкоршавии иқтидори шахсӣ, имконияти маънавии шахсият, ифодаи ҷамъбастии муносибатҳои устувор, фаъолият, рафтору кирдори ӯ мешуморанд. Аз рӯйи моҳияти психологӣ онҳо синтез дар шуури ахлоқии шахсият, «хӯлаи барои ин сифат хоси ангезиш ва шаклу воситаҳои рафтор» [54], эҳтиёҷ ва ангезиш, ҳамчун муносибати собит ва одатии таъйинкунандаи рафтори устувори инсон дар ҳама гуна вазъияти тағйирёбанда, ҳамчун «ҳолати устувори фаъолият» [159] мебошанд.

Аз рӯйи кадом сифатҳои шахсияти мактаббачагон дар бораи муносибгардии мусбати муносибатҳои онҳо хулоса баровардан мумкин аст? Ин саволи одӣ нест, зеро психологҳо 1500 сифату хислатҳои гуногуни шахсиятро муайян кардаанд. Танҳо сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ истилоҳро дарбар мегиранд. Чунонки мо пештар муайян кардем, арзишҳои маънавию ахлоқӣ арзишҳои дигарро фаро мегиранд, робитаи ботинии мабдаъҳои зоҳириро (фард ва ҷомеа) мутаносиб мегардонанд, ки дар он «тарафҳои мухолиф муттаҳид мешаванд, аз чизҳои зид мутаносибии зеботарин ба вуҷуд меояд» (Гераклит). Аз ин ҷо, ***сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии*** «инсони пешраванда», ки самтгирии инсонгароёна ва иҷтимоиро дар олами арзишҳо таъмин мекунанд, бояд дар таҳқиқоти мо меъёри самтгирии

мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро ташкил диҳанд. Ҳамгироии сифатҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ғояи И.С.Маренко, И.Ф.Харламов ва дигаронро дар бораи хусусияти ҳамгирои ташаккули сифатҳои шахсият инъикос менамояд. Аксарияти ин сифатҳо бо он сифатҳое мувофиқанд, ки муҳаққиқони дигар (Е.В.Бондаревская, Н.Ф.Ефременко, А.И.Кочетов, Н.И.Монахов, В.С.Ханчин, М.И.Шилова ва диг.) пешниҳод кардаанд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки маҷмуи сифатҳои муайяншуда воқеияти объективиро инъикос менамояд.

Муҳимтарин сифатҳои маънавию ахлоқии шахсият инсонпарварӣ ва коллективизм мебошанд. Дар «этика баҳоҳои ададӣ хеле кам истифода мешаванд, бинобар ин, фосилаи этикӣ бо тағйирёбандаҳои забоншиносӣ муайян карда мешавад» [156] бо такя ба таҳқиқоти М.Н.Аплетаев [11] онҳоро дақиқ мекунем.

Инсонпарварона будани муносибатҳо дар чунин зуҳурот ифода меёбад: 1) некӣ: муносибати хайрхоҳона, ҳассос, ғамхорона, беғаразона ба одамон; 2) адолат; 3) эҳтиром ба худ ва дигарон, эътирофи мустақилияти онҳо дар андеша ва рафтор; 4) сахтгирӣ ба худ ва дигарон зимни иҷрои уҳдадориҳо; 5) муносибати оштинопазир ба он чизе, ки хилофи инсонгароӣ аст: бетарафӣ ба ҳолати равонӣ ва мушкилот, дағалӣ, эҳтиром накардани иззати нафси дигарон, бадхоҳӣ; 6) мубориза бо зуҳуроти худписандӣ.

Коллективизм дар чунин ҷанбаҳо зоҳир мегардад: 1) майлу кӯшиш барои воридшавӣ ба фаъолияти коллективии таълимӣ ва беруназдтаълимӣ, маҳорати муқоисаи имконияти худ бо комёбиҳои одамони дигар; 2) хоҳиши ба одамони дигар интиқол додани донишҳои худ; 3) ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигар; 4) кӯшиш ва маҳорати мувофиқ кардани манфиатҳои шахсӣ бо манфиатҳои рафиқон, гурӯҳ, коллектив; 5) иштироки фаъолона ва пешниҳоди ташаббуси худ дар ҳалли муаммоҳо, дар маҳорати гӯш кардан ба маслиҳату хоҳишҳои одамон; 6) мувофиқати маҳорат ва омодагӣ барои ташкили фаъолияти гурӯҳ ва дар айни замон иҷрокунандаи хуб будан; 7) муносибати оштинопазир ба худписандӣ, бемасъулиятӣ, бетарафӣ, сустӣ дар

ҳалли муаммоҳо, хоҳиш надоштан барои мувофиқ намудани манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ, коллективӣ.

Устуворшавии инсонпарварӣ, коллективизм тариқи механизмҳои виҷдон ва масъулиятшиносӣ амалӣ мегардад.

Масъулиятшиносӣ дар чунин амалҳо ифода мешавад: 1) дарки дурусти иҷрои вазифаҳое, ки назди шахсият ва ҷомеа гузошта шудаанд; 2) эътиқод ба зарурати иҷрои уҳдадориҳои худ, мувофиқати онҳо ба манфиатҳои ҳаётӣ; 3) ҳисси вазифашиносӣ, дарки манфиатҳои ҷамъиятӣ ва муносибати худ ба онҳо, ки дар асоси донишу ақидаҳо пайдо шуда, дар кӯшиши иҷрои беҳтарини уҳдадориҳои таълимӣ-маърифатӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ ифода меёбад; 5) сифатҳои иродавии ҳадафмандӣ, ҷасорат, суботкорӣ, интизоми корӣ; 7) одати рафтори матлуб; 8) иҷрои барзиёди уҳдадориҳо.

Адолат дар чунин ҷанбаҳо зоҳир мешавад: 1) қобилияти амалӣ кардани худназорати кирдорҳо; 2) қобилияти мустақилона барои худ ифода кардани уҳдадориҳо ва талаби иҷрои онҳо; 3) қобилияти анҷом додани худбаҳодиҳии маънавию ахлоқӣ ва худтанқидкунии фаъолият ва кирдорҳо; 4) оштинопазирӣ ба камбудиҳои худ.

Аммо сифатҳои ташхисшаванда ҳангоми таҷассум ёфтан дар *муносибатҳо, кирдор ва рафтор* зоҳир мешаванд. Ҷустуҷӯи меъёри самтгирии мутаносибшавии муносибатҳо ҳамчун падидаи ахлоқию равонӣ зарурати таҳлили кирдорро ба миён овард, зеро олами инсон, пеш аз ҳама, олами кирдорҳои ӯ мебошад.

Низоми кирдорҳо дар таҳқиқоти мо ҳамчун сифати шахсият меъёри мутаносибгардонии муносибатҳо мебошад, зеро кирдор ҷузъи ғанитар, аксиологитар (В.П.Зинченко ва Е.Б.Моргунов), нисбат ба сухан (Г.Г.Шпет), рафтор (О.Г. Дробнитский ва диг.), предмет (П.А.Флоренский) мебошад, чунки «фаъолияти ахлоқии инсон маҳз дар кирдорҳо амалӣ мешавад, кирдор бошад, амали муҳимтарини ин фаъолият, шакли асосии объективӣ гардидани он аст» [23, с.40]. бо анҷом додани кирдор инсон мавқеи муайянро ишғол мекунад, ки рафторро дар ҷанбаҳои зоҳирӣ ва ботинӣ ба ҳаракат ифода

мекунад. Маҳз кирдор асоси амиқи мутаносибиро инъикос намуда, аз мутаносибии бардурӯғу зоҳирии рафтор фарқ мекунад; «мутаносибии ниҳонӣ аз мутаносибии дидашаванда беҳтар аст» (Гераклит). Таҳқиқотро оид ба ***кирдор*** омӯхта, мо муқаррар кардем, он ***кирдор барои зоҳиран мушоҳидашаванда гардидани раванди ботинии муносибатҳои мутақобил имкон медиҳад, инсонро иштирокчии ҳастӣ, ҳаёти ӯро руҳафзо, ғанӣ мегардонад***. Сабабҳои чунин нақш доштани кирдорро баррасӣ менамоем. Ба андешидани кирдор таълифоти махсуси файласуфон, фарҳангшиносон, ҷомеашиносон (М.М.Бахтин, Г.Л.Тулчинский, И.С.Кон, В.С.Библер), ахлоқшиносон (Г. И. Акуленко, С.Ф.Анисимов, В.А.Блюмкин, В.П.Болотов, Г.Н.Гумнитский, А.А.Гусейнов, О.Г.Дробнитский, А.И.Титаренко), психологҳо (К.К.Платонов, С.Л.Рубинштейн, П.В.Симонов, А.Н.Леонтев, В.П.Зинченко) бахшида шудаанд. Ҷанбаҳои ташаккулу инкишофи кирдорро педагогҳо (М.Н.Аплетаев, О.С.Богданова, Д.М.Гришин, Е.В.Бондаревская, Н.Е.Шуркова) омӯхтаанд.

Дар асоси таҳлили таҳқиқи кирдори ахлоқӣ ҳамчун падидаи ахлоқию педагогии инкишофи шахсият, ҳадаф, восита ва натиҷаи ба вуҷуд омадани инсон мо ба хулосае расидем, ки кирдорро танҳо бо «амал-амалиёт» маҳдуд набояд кард, зеро он на танҳо аз амал, балки худдорӣ аз он иборат буда метавонад, ҳамчунин дар «падидаҳои маънавии» ба худ хоси муоширату фаъолияти одамон таҷассум ёбад. Ин амалест, ки дар натиҷаи интихоби бошууронаи инсон аз имконияте сурат мегирад, ки арзиш дар лаҳзаи муайян барои ӯ пешниҳод мекунад. ***Кирдор самтгирии худмуайянкунии арзишӣ*** - муносибати муайяни шавқмандонаи инсонро ба арзишҳо инъикос менамояд.

Муаммои ***рафтор*** аз ҷониби Г.И.Акуленко, С.Ф.Анисимов [6], М.Н.Аплетаев [12], В.Г.Асеев [16], А.Г.Асмолов [17], В.А.Блюмкин [26, 47], Л.Н.Буева, В.К.Вилюнас, Г.Н.Гумнитский [55, 16], А.А.Гусейнов [57], В.И.Ковалев [89] А.Н.Леонтев [102], К.К.Платонов, С.Л.Рубинштейн [157], П.В.Симонов [167], В.И.Слутский, Х.Хекхаузен [194], Ш.Н.Чхартишвили, П.М.Якобсон ва дигарон таҳқиқ шудааст. Барои асоснок намудани нақши

пешбари кирдор ҳамчун меъёри мутаносибгардонии муносибатҳо фарқи байни категорияҳои «***рафтор***» ва «***кирдор»***-ро муқаррар мекунем.

Дар истилоҳоти анъанавии таърихӣ-ахлоқӣ ***кирдор*** ин муносибати ангезиш ва оқибатҳои он мебошад. «Буҳрони муосир моҳиятан буҳрони кирдор аст. Байни ангезиши кирдор ва маҳсули он варта ба вуҷуд омадааст» [37], аммо дар натиҷа маҳсули он низ таназзул меёбад, зеро аз решаҳои онтологӣ канда шудааст. Кирдори аз ҷиҳати техникӣ дуруст ва беиллат ҳоло маънои арзишмандии ахлоқии онро надорад. Фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар соҳаи кирдори озод ва «инфиродию масъулиятшиносона» сурат мегирад, ки танҳо дар ягонагии рефлексия, мутаассиршавӣ, интихобу қарори озодона амалӣ мешавад. Тасдиқи ин андешаро мо дар таълифоти олимони маъруф А.А.Ухтомский, А.Ф.Лесгафт, И.П.Павлов ва П.К.Анохин меёбем. Онҳо дар сатҳи физиологӣ ва психологӣ матлаберо асоснок карданд, ки тамоми амали рафтори инсонӣ қаблан дар шуури ӯ мувофиқи барномаи ботинии ӯ дар асоси арзишҳои шахсӣ амсиласозӣ мешаванд. Ин механизми психологиро Л.Ф Анн [7], А .Я. Болшунов [32] тавсиф намудаанд. В.П.Горленко [99] онро заминаи «рафтори андешидашуда» меномад, ки, ба ақидаи мо, нисбат ба истилоҳи «рафтори бошуурона» дақиқтар аст, ки, танҳо нисбат ба рафтори дар гузашта ё ҳозир амалишуда метавонад истифода шавад.

Аммо рафтор ва кирдор айни чиз нестанд. Наздикии онҳоро таъкид карда, мутахассисони соҳаи этика ба фарқи муҳимми онҳо ишора мекунанд: рафтор, аз он ҷумла, рафтори ахлоқӣ ҳадафгузории бошууронаи инсонро дарбар намегирад ё на ҳамеша дарбар мегирад. Рафтор «аз берун ба дарун» реактивӣ ангезиш мешавад, механизми он меъёр аст. Кирдорҳо бошанд, фаъолонаанд, ба ҳадафгузории озодонаи инсон, ба ташаббуси инсонпарваронаи ӯ асос меёбанд, «аз дарун ба берун» ангезиш меёбанд.

Рафтор метавонад аз ҳаёти ботинии маънавии инсон ҷудо бошад, дар кирдор ин ҷудошавӣ бартараф шудааст. Он гоҳ «инсон ба ногузирии вазъият тобеъ намегардад, балки қарори бошууронаро ҳосил мекунад, яъне ҳадафи

амалҳои худ, натиҷаи интизорӣ ва оқибатҳои онҳоро дақиқ тасаввур менамояд» [23, с.56]. «Кирдорҳое, ки зери партави шуур қарор гирифтаанд чунин кирдорҳое мебошанд, ки мо озодона анҷом медиҳем, яъне зимнан медонем, ки дигаргуна кирдорро анҷом дода наметавонем» (Л.Н.Толстой). Рафтор - зуҳуроти зоҳирии фаъолиятро мо бо ташаккули самтҳои арзишӣ, меъёрҳои ҷомеа муқоиса мекунем, ки азхудкунии онҳо ҳамчун шарти худмуайянкунии мактаббача дар асоси арзишҳои ахлоқӣ зарур аст.

Вазифаҳои «миёнравӣ»-и фаъолиятро дар маҷмӯъ (А.Н.Леонтев, А.В.Запорожетс, П.Я.Галперин ва диг.), аз он ҷумла, фаъолияти ахлоқиро таҳлил карда, мо чунин мешуморем, ки ***кирдор*** амалест, ки дар қабати рефлексивии шуур дар «Ман-консепсияи инсон» шакл мегирад [135.] Кирдор дар асоси худмуайянкунии инсон амалӣ гардида, дар ҳолати идеалӣ ягонагии ангезиш, воситаи амалисозии он ва натиҷа аст. Шароити иҷтимоӣ ва вазъиятӣ ба кирдор ҳамчун шароити объективӣ дохил мешаванд, шароити психологӣ бошанд, асоси субъективии онро ташкил медиҳанд. Мантиқи кирдор бо таҷрибаи таъсирот ба равандҳои тақсимкунӣ мусаллаҳ гардонида, онҳоро пурра бартараф намекунад, аммо омилҳои якборагӣ ва нобасомонии амалҳои инсонро ба назар мегирад, ки дар онҳо имконияти таҷдид ва рушд мавҷуд аст.

Мазмуни кирдор бо арзишмандии он таъйин мешавад, ки дар раванди маънидоди кирдорҳо аз рӯйи меъёри «некӣ-бадӣ» ошкор ва баҳо дода мешавад, ки фарқ кардани арзишҳои ба истилоҳ «кафкмонанд» ва умумиинсониро имкон медиҳад. Мазмун ба фикр мансуб аст. Агар арзиш фикр бошад, воситаи кирдорҳо (амалҳо) гардидани он, ба кирдорҳо маънии ҳамроҳ, мазмун мебахшад. Аммо арзиш - на танҳо фикр, балки гуфтор аст. Аз ин ҷо, ***кирдор «тавзеҳдиҳанда»и арзиш мебошад***. Ба ғайр таносуб байни ҳадафу меъёрҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ, кирдор ҳамчун миёнрави байни шахсият дар муносибатҳо бо мазмунҳои шахсиятии дар шуур ҳосилшаванда ва олами беруна хизмат мекунад. Кирдори маънавӣ дар асоси ақлоният анҷом меёбад, кирдори ахлоқӣ бошад, ба фард имкон медиҳад, ки худро

ҳамчун шахсият татбиқ намояд, мутаносибии иқтидори инсонгароёна ва коллективии инсонро амалӣ кунад. Меҳвар ва таҳкурсии кирдори ахлоқӣ қобилияти инсонро барои амал кардан дар асоси иродаи озод ва имконияти ақлро барои фарқ намудани некӣ аз бадӣ ташкил медиҳад. Асоси кирдори ахлоқиро механизми виҷдон ташкил медиҳад (З.Бербешкина, В.Днепров, Г.Селиверстова). Дар сатҳи олитарини субъектӣ дар низоми кирдорҳо характери таъсироти мутақобили шахсият бо олами беруна зоҳир мешавад, ки дар натиҷаи он самтгириҳои арзишӣ ҳосил мешаванд. Дар сатҳи умумият дар асоси низоми кирдорҳо субъект таъсироти мутақобилро байни шахсият ва ҷузъҳои қабати рефлексивии шуур ба роҳ мемонад.

Ба типологияҳои кирдорҳои ахлоқӣ, ки мутахассисони илми этика (Г.И.Акуленко, С.Ф.Анисимов, Г.Н.Гумнитский, А.А.Гусейнов, М.С.Каган, А.И.Титаренко, Г.Л.Тулчинский) коркард ва муназзам (М.Н.Аплетаев) шудаанд, ҳамчунин ақида оид ба зоҳиршавии арзиш дар «кластери кирдорҳо» [14, с.30] такя намуда, мо чунин мешуморем, ки *меъёри самтгирии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда* типҳои зерини кирдор шуда метавонанд:

- «мутаносиб», ки бошуурона, бо назардошти тамоми ҷузъҳои вазъият, бо қабули масъулияти шахсӣ барои амалҳои худ сурат мегирад;

- «ақлонӣ» ба баҳодиҳии оқилона асос ёфта, аз кирдори мутаносиб бо он фарқ мекунад, ки дар ин маврид зоҳиршавии ҳиссиёт ҳамчун монеаи кор инкор мешавад, дар сохтори он водоркунӣ вуҷуд надорад;

- «аффектӣ», ки дар он ҳиссиёт бар ақл ғолиб омада, интихоби воситаҳо аз рӯйи принсипи матлубнокӣ сурат мегирад;

- «иртиботӣ», ки зери таъсири муошират амалӣ мегардад ва маъмулан такя ба нуқта назари одамони дигар, одат, тақлид ангезаи амал мебошанд [11, с.43-47].

Бо назардошти сохтор ва тавсифи вариантҳои зикршуда метавон гуфт, ки *меъёри фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқии муносибатҳо аз ҷониби омӯзгор ва мактаббачагон низоми типҳои мутаносиб ва ратсионалии*

*кирдор мебошад*. Навъи ратсионалии кирдор сатҳи иҷтимоишавии шахсияти омӯзгор ва мактаббачаро инъикос менамояд; кирдори мутаносиб сатҳи инсонгароёнаи онҳоро нишон дода, манбаи навсозии навъҳои аҷлонӣ, аффектӣ, иртиботии кирдор мебошад.

Навъҳои мутаносиб ва аҷлонии кирдор ҳамчун меъёрҳои самтгирии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳо аз нуқтаи назари ангезиш ва оқибатҳо, ниятҳо ва корҳо, ҳадафҳо ва воситаҳо таҳқиқ мегардад. Кирдори мутаносиб пешбинӣ менамояд, ки унсурҳои он самтгирии арзишӣ доранд. Дар типи аҷлонии кирдор ин унсурҳо самтгирии маънавӣ доранд.

Таҳқиқи комбинаторикаи унсурҳо дар сохтори кирдор аз рӯйи се меъёр амалӣ мегардад: пуррагии ҳайати унсурҳо ва устувории робитаи онҳо дар сохтори кирдор; мувофиқати он ба меъёрҳои маънавиёт ва принсипҳои ахлоқ; таносуби ангеза ва оқибатҳо. Он имкон медиҳад, ки ҳар як типи кирдор, динамикаи зоҳиршавии онҳо, ҷойи кирдори мутаносиб ва аҷлонӣ дар байни типҳои дигар муқаррар гардад. Инак, сифатҳои шахсият, низоми кирдорҳо, рафтор меъёрҳое мебошанд, ки бо кадом арзишҳо худмуайян шудани муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро нишон медиҳанд, ки иқтидори шахсии маънавию ахлоқии рушди мутаносиби худро амалӣ менамояд.

Дар аксиология баҳо ченаки кирдор ё ҳолати баъди он пайдошуда аст, ки дар натиҷаи маънидоди арзишии он ҳосил шудааст. Азбаски тавсифҳои аксиологӣ дорои андоза мебошанд (онҳоро бо холҳо, пунктҳо ва ғайра шуморидан мумкин аст), натиҷаҳои микдорию сифатии зоҳиршавии динамикаи мутаносибшавии муносибатҳои омӯзгор ва хонандаро ошкор менамоем. Натиҷаҳои ташхиси педагогӣ ва худташхисро дар ҷадвал сабт намуда, таҳлил кардан мумкин аст. Дар сутунчаи якуми ҷадвал сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсиятро номбар мекунем [47]. Дар сутанчаҳои дигар дараҷаҳои аҳаммиятнокии ин сифатҳоро барои мактаббачагон сабт менамоем, ки «моҳиятан баҳоҳои на ченшаванда, балки сифатӣ мебошанд» [128, с.135]. Маълумоти ҷадвал дар бораи динамика мутаносибшавии нишонаҳои инсонгароӣ ва коллективизм гувоҳӣ медиҳанд, ки бояд дар

афзалияти онҳо, ба мавқеъҳои баландтар баромадани онҳо ифода ёбад.

Бо истифодаи ҷадвали «Омӯзиш ва лоиҳакашии ҳолати нишондиҳандаҳои самтгирии мутаносибгардии омӯзгор ва хонанда» (замимаи 1), ки асоси онро методикаи М.И.Шилова [208], ки М.Н.Аплетаев [11], С.В.Шмачилина [212] тағйир додаанд, ташкил медиҳад, динамикаи ин нишондиҳандаҳоро таҳқиқ кардан мумкин аст. Маълумот аз рӯйи методикаи мазкур дар рафти иштирок ва таҳлили дарсҳо ва корҳои тарбиявӣ аз ҷониби педагог ва маъмурият, худташхискунии мактаббачагон ба даст оварда мешаванд. Натиҷаҳоро дар ҷадвал инъикос намуда, таҳлил метавон кард.

Инак, маҷмуи методии ташхис, таҳлил ва баҳодиҳии раванди таҳқиқшаванда бунёд карда шуд. Он имкон медиҳад, ки арзишҳои барои шахсият ва иҷтимоъ муҳим муайян гарданд, ки интероризатсия шуда, дар муносибатҳои омӯзгор ва хонанда ба сифатҳои шахсӣ табдил меёбанд. Маҷмуи бунёдшуда ёрӣ медиҳад, ки аз рӯйи нишонаҳои ташаккулу инкишофи ин сифатҳо динамикаи мутаносибшавии педагог ва хонанда пайгирӣ шавад. Он сабти тағйиротро дар рушди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонанда имкон медиҳад.

## Хулосаи боби якум

Муаммои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонанда мубрам аст. Мутносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун таъсироти мутақобили байнисубъектӣ ва диалогии «инсон-олам» зоҳир шуда, барои худинкишофдиҳии шахсият, мутаносибгардонии равандҳои инсонгароёна ва иҷтимоишавии онҳо мусоидат менамояд.

Мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонанда аз таъмини мувофиқат, ҳамдигарро пурра ва якҷоя амал кардани сохтор, вазифаҳои ҷузъҳои он: ҳадаф, мундариҷа, методҳо, шаклҳо, шартҳо иборат буда, зимни муносибатҳои субъект-субъектӣ, инсонгароёнаи педагог ва мактаббачагон, муоширати ихтиёрӣ ва гуногунсатҳи онҳо амалӣ мегардад. Бо ҳадаф (рушди мутаносиби шахсият дар асоси фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз

ҷониби мактаббачагон) мувофиқат доштани ҷузъҳо, вазифаҳои раванди педагогии дигаргуншавандаро бо роҳи «нарм» (дар асоси механизмҳои ҳамгирой, ҳамдигарро пурра кардан) худсозмондиҳии онро таъмин менамояд.

Асоси фалсафии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандаро - андозаи мувофиқати озодӣ ва масъулияти педагогҳо ва мактаббачагон; асоси иҷтимоии онро - ҳамдигарро пурра кардани равандҳои инсонгароёна, иҷтимоӣ, мутобиқшавӣ таъйин мекунад. Асоси психологиро созгории механизмҳои интероризатсия, офаридан ва экстреоризатсияи арзишҳо, инъикос ва тавлиди мазмуни арзишҳо; асоси педагогиро - ҳамдигарро пурра намудани консепсияҳои инсонгароӣ ва иҷтимоишавии инсон ташкил медиҳанд.

Махсусияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонанда аз инҳо иборат аст: а) худмайянкунӣ фаъолнокии мактаббачагонро дар худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ барангехта, дар ин замина ба худифодакунӣ, худсобиткунӣ, худтатбиқнамоӣ, худтанзимкунӣ дар олами арзишҳо ҳидоят намуда, барои воқеӣ шудани мавқеи субъектии ҳаётӣ мусоидат менамояд; б) худмуайянкунӣ дар арзишҳо дар ду марҳала сурат мегирад. Дар марҳалаи якум самтҳои арзишӣ ташаккул меёбанд, ки дар муносибатҳои педагог ва мактаббачагон татбиқ мешаванд. Дар марҳалаи дувум раванди худмуайянкунӣ дар низоми арзишҳо пурра амалӣ мегардад, ки асосан дар низоми типи мутаносиб ва ратсионалии муносибатҳо сурат мегирад; в) ҷузъҳои муносибатҳои педагог ва мактаббачагон, ки бо ҳам алоқаманд буда, таъсири мутақобил доранд, дорои нишондиҳандаҳои муайян ва сатҳҳои зоҳиршавӣ мебошанд. Ин сабаби амалисозии муносибатҳои арзишии педагог ва мактаббачагонро дар сатҳҳои гуногун мешаванд: ибтидоӣ, пешрафта (ки бояд то охир муайян гарданд) ва баланд (муносибатҳои арзишӣ).

Таҳлили манбаъҳои илмӣ тасдиқ менамояд, ки мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон ҳамчун навташкила падидаи марказии синни мактабӣ мебошанд. Ба самаранокии мутаносибгардонии

муносибатҳои педагог ва мактаббачагон маҷмӯи шартҳои педагогие мусоидат мекунанд, ки зарур ва кофӣ ҳастанд. Сабаб дар он аст, ки дар тамоми ҷузъҳо: ақлонӣ, эмотсионалӣ ва рафторӣ раванди амсиласозӣ дар фаъолият, муошират, ҳамкорӣ барои дарк, муассиршавӣ, баҳодиҳӣ, ҷустуҷӯ ва қабули арзишҳо, интихоби ҳадафҳо ва воситаҳои расидан ба онҳо, амалисозии кирдору рафтор дар асоси фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ равона гардидааст. Натиҷабахшии мутаносибгардонии муносибатҳои педагогу мактаббачагон ба мутаносибии мавқеи субъектии онҳо ва мусоидати педагогӣ барои баландшавии омодагии онҳо ба муносибатҳо вобаста мебошад.

Меъёр ҳамгирокунандаи натиҷабахшии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон «тарзи ҳаёт» аст. Он ду ҷанбаро фаро мегирад: арзишӣ (самтгирии муносибатҳо) ва фаъолиятӣ (сатҳи натиҷабахшии муносибатҳо). Меъёри сатҳи натиҷабахшии муносибатҳо худидоракунии фаъолият аст, нишондиҳандаҳои он чунинанд: сатҳи худтаҳлилкунӣ, худнақшагирӣ, худсозмондиҳӣ, худназорат ва худтанзимкунии фаъолияти онҳо оид ба худмуайянкунӣ дар самти арзишҳо. Меъёри мутаносибгардонии муносибатҳо, ки татбиқи иқтидори шахсиятро инъикос мекунанд, сифатҳои шахсият ва низоми кирдорҳо мебошад. Нишондиҳандаҳои он ҳадафгузорӣ ва ангезиш, интихоби воситаҳо, амал кардан ё накардан, натиҷа ва оқибат мебошанд, ки самтгирии маънавию ахлоқӣ доранд.

Хулосаҳои назариявиро бо тавсифи стратегия ва тактикаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон пурра намудан мумкин аст, ки дар боби дувум сурат мегирад.

## БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ МУТАНОСИБГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ ОМӮЗГОР ВА МАКТАББАЧАГОН

***Ҳадафи*** ин боби диссертатсия ошкор намудани амалияи мутаносибгардонии раванди педагогии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон дар фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ мебошад. ***Амалия*** (практика - юн. кор, фаъолият, кирдор; фаъолманд) - мафҳуми фалсафӣ, ки дар қаринаҳои гуногун истифода мешавад. Аз маънои васеъ ҳамчун «воситаи ҳаматарафаи муносибати инсон ба олам, ки ирода, кӯшишҳои ақл, самтгирӣ ба оянда, ҳадафгузорӣ ва лоиҳакаширо пешбинӣ намуда, дар назардошти воситаҳои ба ҳадаф мувофиқ ва барои гирифтани натиҷаи матлуб равона шудааст» [106] то маънои маҳдуд: фаъолияти мутахассиси амалкунанда истифода мешавад.

Амалияи мутаносибгардонии раванди педагогии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ аз соли 2019 дар пойгоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22, гимназияи №4 шаҳри Хуҷанд, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №15, 24 ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд.

Амалияи маҳрукҳои инфиродӣ-шахсиятии мутаносибгардонии раванди педагогии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон ба ғояҳои инсонгароӣ, ҷудошавии шахсият зимни муносибатҳо дар низоми арзишҳо мувофиқ аст. Амалияи татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар тарзи ҳаёти онҳое, ки дар низоми муносибатҳо худмуайянкуниро анҷом медиҳанд, ба зарурати иҷтимоишавӣ ва инсонпарвар гардидани шахсият созгор мебошад. Якҷоя онҳо ба руҳияи вақт ҷавобгӯ буда, гузаришро «ба фазои ғоявии дигар»-и (Н.А.Бердяев) мутаносибгардонии тазодҳоро тақозо менамояд. Онҳо «фарҳанги фоидаоварӣ ва фарҳанги шаъну шараф» [112] оштӣ дода, ба ташаккули инсонгароӣ ва иҷтимоишавӣ дар асоси ваҳдат, якдигарро ғанӣ намудани маънавиёту ахлоқ ҳамчун ҷиҳатҳои маъниофарандаи муносибатҳо, фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ мусоидат менамоянд.

## 2.1. Худташхис ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибагардонии педагог ва мактаббачагон

Барои ҷомеа, ҳам барои шахси алоҳида худшиносӣ шарти ҳама гуна пешрафт аст. Худро шинохтани инсон, ки бо маърифати инсони дигар пурра гардидааст, ҳамчун воситаи худинкишофи маънавӣ ва солимгардонӣ аз ҷониби академик В.П.Казначеев вазифаи муҳимтарин номида шудааст. Худшиносӣ - дарки сифатҳои худ, тасаввурот оид ба «Ман»-и воқеӣ, талаботи ҷомеа, худбаҳодиҳии онҳо ядрои мундариҷавии худмуайянкуниро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки мактаббачаро ҳамчун шахсияти инкишофёбанда, фард, субъекти худмуайянкунии арзишӣ баррасӣ бояд кард. Бинобар ин, дар баробари ташхиси педагогӣ, таҳлил ва баҳодиҳии натиҷабахшии мутаносибгардонии педагог ва мактаббачагон худташхис ва худтаҳлили вазъи он зарур аст.

Дар худташхис вазифаи ташхискунии педагог амалан бо мактаббача тақсим карда мешавад. Бо такя ба таҳқиқоти Б.П.Битинас, Н.К.Голубев, В.И.Зверева, А.П.Тряпитсина ва дигарон чунин ***вазифаҳои*** (функсияҳо) худташхисро дар амалияи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон номбар мекунем:

- пешгӯикунӣ, ки муайянкунии дурнамои инкишофи муносибатҳоро пешбинӣ менамояд: ангезишӣ-водоркунӣ, ки барои назардошти ҷанбаи фаъолиятӣ ва муносибатҳоро бо педагогҳо, ҳамсолон ва калонсолон ёрӣ мерасонад;

- робитаи акс, ки идоракунии фаъолиятро тавассути дарёфти варианти беҳтарин, назорати амал бо ёрии маълумоти дастрасшуда имкон медиҳад;

- иттилоотӣ, ки пешниҳоди натиҷаҳои ташхисро ба тамоми тарафҳои манфиатдор бо мақсади дастгирии онҳо имконпазир мегардонад;

- иртиботӣ ва созанда, ки ба дарки нақши хусусиятҳои инфиродӣ-типологӣ дар муоширати байнишахсӣ асос ёфтааст;

- баҳодиҳии натиҷабахшӣ дар асоси муқоисаи натиҷаҳо бо меъёрҳо.

Барои мактаббача худташхис вазифаи ҳамроҳии педагогиро иҷро

намуда, ӯро ба таъмини кифоягии захираҳои худмуайянкунии арзишҳо дар муносибатҳо равона месозад. ***Педагог*** бояд мушкилоти мактаббачаро бо мақсади ёрӣ додан ҷиҳати бартарафсозии онҳо ва баланд кардани омодагии ӯ ба муносибатҳои самаранок ошкор намояд. Дар маҷмуъ, худташхис ба тарҳрезии мувофиқ ва амалисозии раванди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача равона гардидааст.

***Принсипҳои*** худташхис ба ақида мо, инҳоянд: маҷмуъ (комплексӣ) будан, муттасилӣ, мутаҳаррикӣ, асоснокӣ. Хусусияти ***маҷмуи*** худташхис дар он ифода меёбад, ки якбора якчанд методҳои гуногун истифода мешаванд, ки ҳамдигарро пурра намуда, барои санҷиши тарафайни маълумот замина фароҳам меорад, ки объективӣ ва боэътимодии худташхисро баланд мебардорад. ***Муттасилии*** худташхис имкон медиҳад, ки маълумоти ҳамин лаҳза ба даст омада бо маълумоти қаблӣ муқоиса шуда, натиҷаҳои ояндаи он лоиҳкашӣ шаванд. Хусусияти ***мутаҳаррики*** (динамикӣ) худташхис бо назардошти маҷмуи муносибатҳои дохили раванди мутаносибгардонии педагог ва мактаббачагон дар ҳаракати ин раванд, дар тағйирпазирии муҳити беруна ифода меёбад. ***Асоснокии*** худташхис дар он аст, ки падидаҳо, фактҳо ва шартҳои мушаххаси муносибатҳои педагог ва мактаббачагон омӯхта шуда, зимни зарурат ивазшавии амалҳои ташхис рӯй медиҳад.

***Методҳои*** асосии худташхиси мактаббачагонро мо бо назардошти корбасти якҷояи методҳои парадигмаҳои муосири инсонгароӣ ва табиӣ-илмӣ интихоб намудем: худмушоҳида, худҳисоботдиҳӣ (мактуб, иншо, рӯзнома), мушоҳидаи ҳамроҳ, суҳбат, методи шарҳиҳолӣ, худтаҳлилкунии маҳсули фаъолият.

Худташхис ва худтаҳлили мактаббачагон бо мақсади мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон «ҳалқавор», бо такя ба тавсияҳои педагогҳо ва психологҳо оид ба алгоритми пурра, «доираи таҳқиқоти ташхисӣ» (Л.С.Виготский) амалӣ гардид. Ин ҷамъоварии иттилоот, ифодаи муаммоҳо ва ҳалли онҳоро имкон медиҳад. Худташхис ва худтаҳлили мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон,

қобилият ва омодагии мактаббачагон ба муносибатҳо дар асоси маҷмуи методикаҳо сурат мегирад [46].

Қадами аввалин дар худташхис *ошкор кардани самтгириҳои арзишии мактаббачагон* мебошад. Арзишҳо тасаввуроти возеҳ ё ноаёнро оид ба сифати матлуби шахсият инъикос менамоянд, ки ба интихоби вариантҳо, типҳои имконпазир, воситаву ҳадафҳои амалҳо таъсир мерасонад. Дар айни замон арзишҳо бо мазмуни зиндагии инсон алоқаманданд. Мазмунҳое ҳастанд, ки дар тули таърихи одамони зиёд тарафдори онҳоянд. Ин мазмунҳо ҳамон чизҳое мебошанд, ки ҳамчун арзиш фаҳмида мешаванд. Пеш аз ҳама, баррасӣ мекунем, ки мактаббачагони муосир кадом ҳадафҳо - арзишҳоро (ниҳоӣ) афзалтар медонанд. Барои ошкор намудани самтгириҳои арзишии мактаббачагон дар раванди муносибатҳо маҷмуи методҳо истифода шуд. Натиҷаҳои сафбандии арзишҳои ниҳоӣ аз ҷониби 264 мактаббачи синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар ҷадвали 2 инъикос ёфтанд.

**Ҷадвали №2.**

**Натиҷаҳои сафбандии арзишҳои терминалӣ аз ҷониби мактаббачагон дар раванди муносибатҳо**

| Номгӯи арзишҳо | **Миқд. интихоб** (бо %) |
|---|---|
| 1. Ҳусни таваҷҷуҳ | 80 |
| 2. Эҳтиром | 90 |
| 3.Маҳорати гӯш кардан | 95 |
| 4. Дӯстӣ (мавҷудияти дӯстони хубу содиқ) | 75 |
| 5. Масъулият (вазифашиносӣ, бовиҷдонӣ, маҳорати ба қавли худ содиқ будан, ихтиёран зиёд кардани уҳдадориҳои худ) | 60 |
| 6. Озодӣ (мустақилият, аз ҷумла, дар мулоҳизаронӣ ва амалҳо) | 50 |
| 7. Эътироф дар ҷомеа (эҳтироми педагог, рафиқон, атрофиён) | 70 |
| 8. Фаъолнокӣ (бо фаъолнокӣ пур будани ҳаёт) | 80 |
| 9. Боварӣ ба худ (озод будан аз ихтилофҳои ботинӣ) | 85 |
| 10. Тарбиятдидагӣ (ташаккули сифатҳои инсонгароёна) | 75 |

Чунонки аз ҷадвал бармеояд, барои мактаббачагон чунин арзишҳо муҳимтаринанд: эҳтиром, маҳорати гӯш кардан, ҳусни таваҷҷуҳ, боварӣ ба худ, тарбиятдидагӣ.

**Расми 3. Интихоби арзишҳо аз ҷониби мактаббачагон**




Арзишҳое, ки аҳаммияташон камтар дониста шуданд: озодӣ, масъулият, эътироф дар ҷамъият. Дар ҳоле ки арзишҳои мазкур дорои неруи бузурги эҷодӣ буда, ба ҳар як шахсият бояд хос бошанд.

Маълум гардид, ки муаммои арзишҳо барои мактаббачагон мубрам аст. Онҳо ба худсобиткунӣ майл доранд, ба ҷустуҷӯи ҳалли муаммои арзишҳо ва таҷассуми интихоб дар амалӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки барои инсонгароёна шудани муносибатҳо хеле муҳим аст, зеро 95% мактаббачагон хоҳиши иштирок дар ташхисро нишон дода, шавқу рағбати худро дар рафти иҷрои он тасдиқ намудаанд. Мактаббачагон дар сатҳи зеҳн ва ангезиш барои азхудкунии арзишҳо дар муносибатҳо кӯшиш мекунанд. Дар баробари ин, муайян шуд, ки онҳо дар мустақилона азхудкунии арзишҳо мушкилӣ доранд. Сабаби ин ба ақидаи мактаббачагон норасоии воситаҳои амалисозӣ ва тасдиқи интихоби арзишӣ аст, ки калонсолон пешниҳод мекунанд.

Дар инсонгароёна намудани муносибатҳои педагог ва мактаббачагон интихоби воситаҳои расидан ба ҳадафҳо нақши муҳим доранд. Бинобар ин, интихоби арзишҳо-воситаҳоро аз ҷониби онҳо таҳқиқ намуда, даҳ арзиши бештар афзал донистаи онҳоро муқаррар кардем (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали №3.**

**Натиҷаҳои сафбандии арзишҳои воситавӣ барои муносибатҳои мукаммал аз ҷониби мактаббачагон**

| Арзишҳо-воситаҳои муҳимтарин | Миқ. инт., бо % | Арзишҳо-воситаҳои аҳаммияташон камтар | Миқ. инт. бо % |
|---|---|---|---|
| Бодиққатӣ | 33,1% | Дархостҳо | 31,0% |
| Соҳибмаълумотӣ | 33,6% | Оштинопазирӣ ба норасоиҳои худ ва дигарон | 28,1% |
| Зиндадилӣ | 28,1% | Таҳаммулпазирӣ | 24,3% |
| Мустақилият | 28,1% | Софдилӣ | 24,3% |
| Ҳаёти хушбахти оилавӣ | 21,5% | Иҷрокунандагӣ | 18,1% |
| Ратсионализм | 13,8% | Иродаи қавӣ | 14,3% |
| Худназорат | 12,5% | Ҳассосӣ | 12,5% |
| Дархостҳо | 11,9% | Самаранокӣ дар корҳо | 11,9% |
| Иродаи қавӣ | 10,6% | Густурдагии доираи ақидаҳо | 10,6% |
| Таҳаммулпазирӣ | 10% | Мустақилият | 9,4% |

**Расми 4.**



**Расми 5.**




Сафбандии арзишҳои воситавӣ нишон дод, ки 31% мактаббачагон нисбат ба ҳаёт дархости на он қадар баланд доранд, 12,5% самимият, ростқавлӣ, ҳассосиро қадр намекунанд. 14,3 мактаббачагон иродаро, 28,1% - оштинопазирӣ бо бадиро, 25,6% қобилияти мусоҳила ва ҳамдигарфаҳмии одамонро арзиш намешуморанд. Ба ғайр аз ин, интихоби арзишҳои терминалӣ ва воситавиро анҷом дода, мактаббачагон афзалияти охиринро муқаррар карданд. Сабаби чунин интихоби ғайримутаносиб дар чист?

Бо мақсади омӯзиши амиқтари самтгирии шуури мактаббачагони муосир бо методҳои анкетагирӣ ва суҳбат интихоби сифатҳои шахсият ошкор гардид, ки мактаббачагон ҳамчун арзишҳои мутаносибгардонии муносибатҳо дарк мекунанд (ниг. ҷадвали 4).

**Ҷадвали №4.**

**Натиҷаҳои аз ҷониби мактаббачагон сафбандии сифатҳои шахсият, ки барои муносибатҳои мукаммал заруранд**

| Сифатҳо ҳамчун арзишҳо | Микд., бо % | Сифатҳо ҳамчун зиддиарзишҳо | Микд., бо % |
|---|---|---|---|
| 1. Некӣ | 94,4 | 1. Бераҳмӣ | 70,0 |
| 2. Шарафмандӣ | 81,0 | 2. Разилӣ | 60,0 |
| 3. Хайрхоҳӣ | 74,4 | 3.Худписандӣ | 53,3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. Адолат | 68,8 | 4. Беадолатӣ | 47,7 |
| 5. Садоқат | 48,8 | 5. Худхоҳӣ | 35,5 |
| 6. Бовиҷдонӣ | 36,6 | 6. Бевиҷдонӣ | 26,6 |
| 7. Инсонгарой | 31,1 | 7. Дурӯягӣ | 23,3 |
| 8. Меҳнатдӯстӣ | 20,0 | 8. Бетарафӣ | 21,1 |
| 9. Сипосмандӣ | 17,8 | 9. Дағалӣ | 20,0 |
| 10. Масъулиятшиносӣ | 14,5 | 10. Тамаллуқкорӣ | 17,8 |

Сифатҳои барои шахсият ва ҷомеа муҳимро ҳамчун арзишҳои муносибатҳо таҳлил намуда, мактаббачагон муқаррар карданд, ки на ҳамаи ҳамсолони онҳо ба сифатҳои ахлоқии шахсият рӯй овардаанд. Дар ин бобат ҷавобҳо ба саволи «Кадом ҷиҳатҳои характерро шумо дар муносибатҳои одамон, аз ҷумла, педагогҳо бештар қадр мекунед ё номақбул мешуморед?» гувоҳӣ медиҳанд. Дар маҷмуъ 156 истилоҳ пешниҳод шуд, ки муҳимтарин арзишҳо ва зиддиарзишҳоро ифода менамоянд [25, с.35-41]. Ҷавобҳои хаттӣ дар рафти сухбат пурра ва дақиқ гардиданд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда афзудани фаҳмиши мактаббачагонро дар бораи худ ҳамчун шахсияти арзишманд ва субъекти муносибатҳо нишон медиҳанд. Фақат 9,5% пурсидашудагон ба ёрии давлат, педагогҳо, калонсолон умед мебанданд, дар ҳоле ки 78,6% сифатҳои шахсиятро афзал медонанд. Ин гувоҳи он аст, ки ҷойи руҳияи падаргароиро дарки зарурати кӯшишҳои шахсӣ, фаъолона мегирад. Ба ақидаи 52,8% пурсидашудагон барои худифшои инсон ҳамчун арзиши олӣ хизмати ӯ ба одамон бештар мусоидат менамояд. «Хизмат ба худ» -ро танҳо 11% пурсидашудагон қайд карданд. Дар расми №6 даҳ сифати сафбандишудаи шахсият оварда шудаанд, ки 264 мактаббача дар қатори арзишҳои муҳимми муносибатҳо номбар карданд. Мувофиқати байни арзишҳо - мутазодҳо (некӣ-бераҳмӣ, адолат - беадолатӣ, хайрхоҳӣ - бетарафӣ), ки дар ҷавобҳо зикр гардиданд, барои боэътимод донистани ин натиҷаҳо кофӣ мебошанд.

**Расми №6.**




Ин маҷмуи сифатҳо барои хулосаҳои пешакӣ замина фароҳам меоранд. Таъкид метавон кард, ки майли мактаббачагон ба арзишҳои ахлоқӣ кам нашудааст. Байни сифатҳои номбаршуда некӣ (94,4%), ҳисси иззати нафс (81%), хайрхоҳӣ (74,4%) ва адолат (68,8%) арзишмандтарин мебошанд. Ҳамчунин садоқат (48,8%), бовиҷдонӣ (36,6%), инсонгароӣ (31,1%) аз ҷиҳати омор дар сафи пешанд. Аз рӯйи ҷамъбаст доираи сифатҳои арзишманд васеъ аст: аз мушаххас, вазъиятӣ (хайрхоҳӣ) то категориалӣ (инсонгароӣ). Ин ё он сифати нек ё номатлубро ҷудо карда, мактаббачагон ихтиёрӣ ё ғайриихтиёр иқтидори шахсиятро ошкор мекарданд, нишон медоданд, ки аз кадом мавқеъ онҳо арзишҳои муносибатҳоро баҳогузорӣ мекунанд, шуури онҳо ба чӣ равона гардидааст.

**Расми 7.**



Сифатҳои номатлубе, ки пурсидашудагон зиддиарзишҳо номиданд, инҳоянд: бераҳмӣ (70%), разилӣ (60%), худписандӣ (53%), беадолатӣ (47,7%). Хайрҳоҳӣ ва бетарафӣ дар ҷавобҳои мактаббачагон мутаносибан 53%, некӣ ва бераҳмӣ - 24%, адолат ва беадолатӣ - 21%, бовиҷдонӣ ва дурӯягӣ - 13%, садоқат ва разилӣ - 11%-ро ташкил медиҳанд. Нокифоягии мутаносибии ҷавобҳо оид ба арзишҳои мутазод оид ба ноустувории мулоҳизаҳои мактаббачагон гувоҳӣ медиҳад. Худхоҳӣ, беиродагӣ, «бефаъолиятии шахсият» (Р.Миле)-ро танҳо 13,7 %, тамаллуқкориро - 17,8%, бепринсипиро - 2,3% номатлуб мешуморанд. Аз даҳ зиддиарзиш танҳо яктоаш - беадолатӣ дар сатҳи баланди ҷамъбастӣ қарор дорад ва онро 995 нафар мактаббача (74,3%) инкор мекунанд.

Баъди таҳлили интихоби сифатҳо ҳамчун арзишҳо ва зиддиарзишҳо мактаббачагон муайян карданд, ки дар рӯйхати арзишҳои муҳим чунин сифатҳо: хоксорӣ, ростқавлӣ, мардонагӣ, коллективизм, фидокорӣ, қаҳрамонӣ, маънавият ҳузур надоранд. Миқдори ночиз - аз 2 то 21%-ро интихоби арзишҳои «нав» ташкил дод: руҳияи мусобиқа, бахил набудан, меҳнатдӯстӣ, озодии интихоб, худинкишофдиҳӣ, мутаносибӣ. Хушбахтона, мактаббачагон ба арзиши «марҳалаи андӯхтани сармояи аввалин» саргарм нашуданд. Онҳо худписандӣ, бемасъулиятӣ, бетафовутӣ ба одамон, дағалӣ/фармонравоиро хеле кам (2-7%) интихоб карданд. Ин сифатҳое мебошанд, ки ба ақидаи К.Д.Ушинский ва Н. А.Бердяев боиси ташаккули худхоҳӣ мегарданд, ки монеаи рушди шахсият аст. Сифатҳои боқимонда ҳамчун арзишҳо ва тазодҳои онҳо 0,8-2% ҷавобҳоро фаро гирифтанд.

Мактаббачагон муайян карданд, ки нисбат ба арзишҳое, мисли ҳисси якдилӣ ва рафоқат, раҳмдилӣ, хоксорӣ, шармгинӣ бетафовутанд. Г.П.Синитсина ин сифатро чунин тавсиф намудааст: «Шарм - ҳисси маънавие, ки дар он маҳкумшавии инсон амалҳо, ангезаҳо, сифатҳои худро ифода менамояд. Инсон мустақилона ва дар шакли эмотсионалӣ зиддиахлоқӣ будани онҳоро дарк мекунад ё зери таъсири сарзаниш аз тарафи каси дигар ба худ иқрор мешавад» [168, с.112-113]. Фаҳмидани он, ки ҳисси

шарм механизми муассири танзими кирдору рафтор дар бобати сатҳи баланди дарки ин арзиши маънавӣ гувоҳӣ медиҳад. Мавҷуд набудани интихобҳои «виҷдон», «шармгинӣ» ҳамчун арзишҳо ба хулосае водор менамояд, ки онҳо ба сохтори самтгириҳои арзишии муносибатҳои мактаббачагон дохил намешаванд. Ин имконияти ангезишӣ ва танзимкунандаи соҳаи ахлоқро паст карда, механизми ахлоқию психологии тавассути онҳо худназорат ва худтанзимкунии муносибатҳо ва кирдорҳоро суст мегардонад. Ба ин васила, имконияти муносибатҳои арзишӣ маҳдуд мегарданд. Чунин бетафовутиро мактаббачагон нисбат ба зиддиарзишҳо: бемасъулиятӣ, беназобатӣ, бераҳмӣ, ғурур, худситоӣ ва ғайраҳо нишон доданд. Ин дар бораи зарурати ба субут расонидани худмуайянкунии мактаббачагон дар татбиқи арзишҳои маънавию ахлоқии шахсиятӣ ва иҷтимоӣ гувоҳӣ медиҳад.

Марҳалаи мазкури ташхис натиҷаҳои марҳалаи аввалро тасдиқ намуд: самтгириҳои арзишӣ мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача дар сатҳи миёнаи ҷамъбастӣ қарор дошта, то сатҳи категорияҳои этикӣ ва принсипҳо (инсонгароӣ, коллективизм) баланд нашуданд. Сохтор ва дараҷабандии арзишҳоро мактаббачагон нокифоя дарк намудаанд. Кори амиқ оид ба дақиқ кардани интихобҳои арзишии педагогҳо ва мактаббачагон дар мутаносибгардонии муносибатҳои онҳо зарур аст.

Маълумоти ҳосилшуда нишон медиҳанд: мактаббачагони имрӯза мисли пештара бераҳмӣ, разилӣ, худписандиро номатлуб мешуморанд. Дар баробари ин, арзишҳои пештар матлуби хоксорӣ, мардонагӣ аз ҷониби пурсидашудагон интихоб нашуда, меҳнатдӯстӣ, бовиҷдонӣ ва «силоҳи» шуури ахлоқӣ - поквиҷдонӣ нисбатан камаҳаммият эътироф гардиданд. Аммо бидуни виҷдон ахлоқи ҳамида вуҷуд надорад, зеро он мурофиаи судие мебошад, ки инсон болотар аз худ мегузорад. В.Днепров дуруст қайд мекунад. Касе, ки виҷдонаш барои азоб қобил нест, аз ҷиҳати ахлоқӣ берун аз инсоният қарор дорад. Дар байни сифатҳои дар замони мо аз ҳама камтар арзишманд разилӣ зикр нашуд, беҷасоратӣ, ҳирс, бетарафӣ камтар

нафратангез дониста мешаванд.

Зимни таҳлили натиҷаҳои ҳар ду марҳалаи таҳқиқоти самтгириҳои арзишӣ оид ба мутаносибгардонӣ аз рӯйи методикаи мазкур мактаббачагон ба он таваҷҷуҳ зоҳир намуданд, ки пурсидашудагон арзишҳоро аз рӯйи асосашон чӣ гуна гурӯҳбандӣ намуданд: воситавӣ ва ниҳоӣ; мушаххас, таҷридӣ, худтатбиқнамоӣ, этикӣ, муошират, корӣ, инфиродӣ, конформистӣ, алтруистӣ, худинкишофдиҳӣ, коллективона ва ғ. Ҳадаф аз он иборат буд, ки қонунияти инфиродии самтгирии арзишии мактаббачагон дар асоси тасаввурот оид ба шахсияти мутаносиб дарёфт шавад. Таҳқиқоти самтгирии арзишӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳо дар шакли сафбандӣ бо методи суҳбат бо ҳамсолон, роҳбарони синфҳо ва волидайн, таҳлили иншоҳо, методи мушоҳида, инчунин баҳои коршинос пурра ва дақиқтар карда шуд. Ба хусусиятҳои ду сатҳи ташхис [210] такя карда, дар марҳалаи якум маълумоти таҷрибавӣ (эмпирӣ) ҷамъоварӣ шуданд, дар марҳалаи дувум коркарди иттилоот, ошкор намудани моҳияти объекти омӯхташаванда, муқоисаи маълумоти ҳосилшуда бо амалия, тақсимоти сатҳҳо дар асоси сафбандӣ амалӣ гардид. Чунин тақсимот мувофиқи мақсад ба назар мерасад, зеро зимни худташхиси муносибатҳо воситаҳо ва тартиби амалҳоро ошкор менамояд.

Инак, дар мактаббачагон низоми самтгирии арзишӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳо шакл гирифт. Зимнан дар байни арзишҳои интихобкардаи онҳо чунин арзишҳое камтар вомехӯранд, ки бояд муҳимтарин сифатҳои шахсиятро таъйин кунанд. Инҳо «инсонгароӣ» ва «коллективизм», «масъулият» ва «вазифашиносӣ» ва «шарафмандӣ», инчунин арзишҳои дигаре, ки заминаи хушахлоқии муносибатҳоро инъикос менамоянд.

«Интизомнокӣ»-ро ҳамчун арзиш танҳо 20% пурсидашудагон зикр намуданд, «коллективизм» - 14%, «вазифашиносӣ ва масъулият» - 15,4%, «инсонгароӣ» - 27%, «виҷдон ва шарафмандӣ» мутаносибан 9,4 ва 14% интихоб карданд. Мувофиқи фаҳмиши аксари хонандагони синфҳои боло

«Инсонгарой чунин маъно дорад: дӯст доштан ва эҳтиром кардани одамон, кӯшиши фаҳмидан, ҳамҳиссӣ бо онҳо». Дар баробари ин, ҳар се нишонаи «инсонгарой»-ро ҳамчун арзиш танҳо 90 нафар аз 264 пурсидашуда номбар карданд. Нишонаи якум - «некӣ»-ро қариб тамоми мактаббачагон; нишонаи дувум - «адолат» - 35%; нишонаи севум - «оштинопазирӣ бо бадӣ» (бераҳмӣ, бетарафӣ ва ғ.) - танҳо 42% зикр карданд. Дар рафтор ин нишонаҳо аз рӯйи 1-2 меъёр аз се дар 85% мактаббачагон; аз рӯйи ҳар се меъёр - танҳо дар 12% зоҳир гардид. Ин чунин маъно дорад, ки онҳо то дарки инсонгарой ҳамчун арзиши густурда, ҳамгиро расида, дар маҷмуъ ба тасаввуроти арзишии инсонгароёна содиқ мемонанд, аммо раванди худмуайянкунӣ, ҷамъбасти арзишҳо, сифатҳои шахсият ҳоло ба анҷом нарасидааст. Некиро мактаб-бачагон аксар вақт (дар 84%) бо ҳамҳиссӣ алоқаманд медонанд. Он дар самтгириҳои арзишӣ хусусияти мушоҳидавӣ дорад, фаъолнокиро пешбинӣ наменамояд. Натиҷаи таҳлил фарзияе гардид, ки «инсонгарой» ҳамчун арзиши умумиинсонӣ метавонад сифати шахсияти мактаббачагон гардад, агар мактаббача роҳи фарогирӣ, офаридан ва аз сар гузаронидани ин ар-зишро тай кунад. Ин дар муносибатҳои инсонгароёна дар коллектив зимни фаъолияти ахлоқӣ, тавассути пайвастшавӣ ба онҳо ва мавқеи ишғолкардаи мактаббача, ҳамчунин бархӯрди амалӣ бо зуҳуроти зидди инсонгарой амалӣ мешавад.

«Вазифа» (долг)-ро ҳамчун арзиши маънавӣ 82% мактаббача бо уҳдадории беруна, на балки эҳтиёҷи ботинӣ монанд мекунанд: «Ин зарурати иҷрои кор, ҳатто агар он маъқул нест» (Парвина У.); «Ман ба хизмати ҳарбӣ рафтан намехоҳам, аммо комиссариат маҷбур мекунад» (Даврон И.). Сабаб дар он аст, ки дар мактаб ва оила аксар вақт мавзуи қарз, на ин ки масъулият ба миён гузошта мешавад ва он «ҳамчун падидаи нохуше фаҳмида мешавад, ки бо майлу хоҳишҳои шахсият алоқаманд набуда, ба ӯ аз берун фишор меорад» [21, с.8].

Ба мафҳуми «шарафмандӣ», «виҷдон» ҳамчун арзишҳо мактаббачагон аксар вақт (27%) мундариҷаеро мансуб медонанд, ки хоси он нест:

«Шарафмандӣ - маҳорати пешгирии таҳқири худ дар ҳама гуна вазъият» (Заррина А.). Онро ҳамчун ҳимояи ному обрӯ фаҳмида, мазмуни ахлоқии онро заиф дарк мекунанд. Аммо шарафмандӣ бо ростқавлии инсон вобаста буда, он такягоҳи ахлоқиест, ки ҳангоми гум кардани он дар муносибатҳои ҷамъиятӣ шахсият «пароканда гардида, тира мешавад» (К.Д.Ушинский). «Виҷдон» аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун «виҷдон дар бораи мутаносибӣ ва номутаносибӣ дар руҳи инсон» (Дилрабо В.), «овози ботинӣ, ки аз бадӣ ба фоидаи корҳои нек ҳимоя мекунад» (Ҳасан Т.). Зимнан аксари мактабба-чагон механизмҳои шаклгирӣ (ё гум кардани) виҷдонро намедонанд.

Мактаббачагон кӯшиш карданд, ки арзишҳои афзалиятдоштаро баҳо диҳанд: оё онҳо шахсият ё аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳиманд. Барои муқаррар кардани он, ки мактаббачагон дар баҳогузорӣ кадом меъёрҳоро истифода бурданд, аз онҳо хоҳиш карда шуд, ки ба як қатор саволҳои анкета ҷавоб диҳанд. Ҳангоми коркарди анкетаҳо ба параметрҳое такя кардем, ки дар мундариҷаи ҷавобҳо ҷой доштанд. Ҷавобҳои наздикмаъно гурӯҳбандӣ шуданд. Дар маҷмуъ, параметрҳое муайян шуданд, ки ҷанбаҳои зеринро инъикос менамоянд:

а) дарки маънои мафҳуми «арзиши объекти муносибатҳо» аз ҷониби мактаббачагон;

б) мундариҷаи образи шахсиятии инсоне, ки дар муносибатҳо арзишҳоро соҳиб аст;

в) тасаввурот дар бораи вазифаҳо ва нақши арзишҳои муносибатҳо дар ҳаёти ҷомеа;

г) фаҳмидани омилҳое, ки ба азхудкунӣ, тавлиди арзишҳои муносибатҳо таъсир мерасонанд.

Ҷавобҳоро дар алоқамандӣ бо параметрҳои муайяншуда баррасӣ менамоем. Савол оид ба фаҳмиши маънои мафҳуми «арзиши муносибатҳо» бо он сабаб, ки бевосита буду тавзеҳро тақозо мекард, аксаран ҷавобҳои қолабиро ба миён овард. Ба ин ё он дараҷа дар тамоми ҷавобҳо ба алоқамандии он бо аҳаммият, мазмун ишораҳо карда шуданд. Аммо қариб

тамоман ҷавобҳое мавҷуд нестанд (2%), ки нақши арзишҳои муносибатҳои мутақобилро ҳамчун мундариҷаи ҳаёти инсон инъикос менамояд: таассурот, андешаронӣ, амалҳо, кирдорҳо. Гуфторҳо дар он хусус каманд (7%), ки муносибатҳо арзишманд, бебаҳоянд: «Олигархҳои нав», ки аз боигарии бо роҳи ғорат ҷамъшуда бехуд шудаанд, на арзишҳо: меҳр, некӣ, истеъдод, донишҳо ва ғ., балки сароби онро мехаранд» (Нигора М.).

Бачагон ивазношаванда ва беинтиҳоии арзишҳои муносибатҳоро намебинанд. Дар онҳо тарзи ҳаёти инсонгароёнаи шахсияте, ки дар муносибатҳо, маърифат, меҳнат ва муошират, маънавиёт ва ахлоқ ба эҷодкорӣ қобилият дорад; шахсияте, ки дунёи маънавии бой дошта, барои таъмини худ бо воситаҳои рушд ва осудаҳолӣ қобил аст, нокифоя ташаккул гирифтааст.

Мактаббачагон самтгириҳои арзиширо дар муносибатҳо аз рӯйи пурсишномаҳои Е.Д.Божович [29] таҳлил намуда, ба дурустии чунин хулоса боварӣ ҳосил карданд, ки рушди шахсият дар самти фардият (45,8%), на балки коллективизм (40,8%) афзал дониста мешавад. Ин тамоюл нуфузи арзишҳои маънавӣ, аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро паст мекунад. Хатари бартарии прагматизм ба миён меоянд, ки боиси баландшавии сатҳи худписандӣ, бешармӣ, ифротгароӣ ва хушунат мегардад. Дар баробари ин, қайд бояд кард, ки дар байни пурсидашудагон ин тамоюл хушбахтона, инкишоф наёфтааст. Барои пешгирии инкишофи каҷравиҳо дар худмуайянкунӣ, чунонки мактаббачагон пешбинӣ намуданд, худинкишофдиҳии эҷодии шахсият дар фаъолияти гуногуни (пеш аз ҳама некхоҳона) барои ҷомеа муҳим, муносибатҳо ва муошират зарур аст. Нафаҳмидани механизми муносибатҳои арзишӣ ва нақши субъекти рефлексиякунанда дар ин раванд гувоҳӣ медиҳад, ки тафриқаи когнитивии мафҳуми «арзиш» дар сатҳи паст қарор дорад. Бинобар ин, аз ҷониби мактаббачагон фарогирии маҳорату малакаҳои рефлексивӣ барои мутаносибгардонии самараноки муносибатҳо зарур аст.

Инак, мактаббачагони имрӯза ба муаммои арзишҳои муносибатҳои

мутақобил таваҷҷуҳ доранд. Дар баробари ин, сохтор ва сафбандии арзишҳои муносибатҳоро онҳо нокифоя дарк кардаанд: дар интихоби арзишҳои муносибатҳо ва рафтор инкишофи шахсият дар самти инфиродигароӣ мушоҳида шуда, арзишҳое кам ба назар мерасанд, ки асоси ахлоқро инъикос менамоянд. Тарзи ҳаёт ва муносибати инсонгароёнаи шахсияте ташаккул наёфтааст, ки ба эҷодкорӣ дар маърифат, меҳнат ва муошират, маънавиёт ва ахлоқ қобилият дорад; шахсияте, ки маънавиёти бой дошта, барои таъмини худ бо воситаҳои осудаҳолӣ ва рушд қобилият дорад. Фаҳмиши механизмҳои муносибатҳо арзишӣ ва нақши субъекти рефлексияпазир дар ин раванд вуҷуд надорад.

Барои ҳосил кардани манзараи объективии иқтидори шахсиятии рушди мутаносиби муносибатҳои педагог ва мактаббачагон воридшавии онҳоро ба равандҳои мазмунофарӣ дар худмуайянкунии арзишӣ, сатҳи рушди маъноию арзишии муносибатҳо таҳқиқ бояд кард. Хулосаҳо оид ба худтаҳлили муносибатҳои арзишии онҳо бо худтаҳлили қобилият ва омодагии мактаббачагон барои худмуайянкунӣ дар низоми муносибатҳо пурра карда мешаванд.

Мактаббачагон омодагии худро барои муносибатҳо таҳқиқ намуда, дар омӯзиши падидаҳо дидгоҳи системавиро корбаст намуданд, ки мувофиқи он амалкард дар маҳорати дахлдор зоҳир мегардад, бинобар ин, онро тавассути қисмҳои маҳорат баҳо додан зарур аст. Мактаббачагон омодагии худро барои муносибати арзишӣ аз рӯйи раванди худидоракунӣ тариқи рефлексия, мақсадгузорӣ, худнақшагирӣ, худсозмондиҳӣ, худназорат, худтанзимкунии фаъолият омӯхтанд.

Азбаски маҳорати ***рефлексивӣ*** барои муносибати арзишӣ муҳиманд, ҳолати мавҷудаи онҳоро муқаррар бояд кард. Ҳолати рефлексия дар шакли тестгирӣ (ниг. замимаи 3) пайгирӣ шуда, бо пурсиши коршиносӣ пурра карда мешавад. Дар маҷмуъ, инкишофи рефлексияпазирии мактаббачагони синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ якхела нест ва дар фосилаи аз сатҳи дувум то ҳаштум ҷойгир мебошад. Давраи пурраи амалҳои рефлексивиро 5%

мактаббачагон иҷро мекунанд, 24% - баъзан, 41% - хеле кам, 30% - фақат бо ёрии ягон кас ин амалро анҷом медиҳанд. Дар бораи натиҷабахшии рефлексия аз рӯйи он баҳо додан мумкин аст, ки мактаббача чӣ тавр амалҳояшро танзим карда, хатоҳоро ислоҳ менамояд ва мушкилотро бартараф мекунад. Ин корро тез-тез 47% мактаббачагон анҷом медиҳанд, 37% - гоҳ-гоҳ, 26% - бо ёрии педагог ё ҳамсинфон иҷро мекунанд. Натиҷаҳо мактаббачагонро бовар кунонданд, ки инкишофи маҳорати рефлексивӣ дар муносибатҳо зарур аст.

Маҳорати ***худидоракунии*** муносибатҳои арзиширо ҳамчун фаъолият таҳқиқ намуда, мактаббачагон савол доданд, ки аз рӯйи кадом нишондиҳандаҳо ин корро иҷро метавон кард. Аз рӯйи дараҷаи азхудшавӣ таҳқиқшавандагонро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: онҳое, ки маҳорату малакаҳои муносибатро фаро гирифтаанд ва онҳое, ки онро фаро нагирифтаанд. Дар айни замон фарогирӣ ҳоло маънои онро надорад, ки худидоракунӣ дар вазъияти зарурӣ амалӣ шудааст. Нишондиҳандаҳо дар маҷмуи чунин қисмҳо зоҳир мешаванд (ниг. ҷадвали 5).

Дар ин ҳолат ҷадвали баҳодиҳӣ бо холҳои шартӣ чунин намуд дорад:

1 хол - мактаббача номустақил аст ва бо ёрии педагог ва мактаббачагон амал мекунад;

2 хол - мактаббача баъзан мустақил аст;

3 хол - мактаббача аксар вақт мустақил аст;

4 хол - мактаббача қариб ҳамеша мустақил аст.

Худташхис ва худтаҳлили нишондиҳандаҳое, ки ба маҳорати худидоракунии фаъолият дар муносибатҳо зимни раванди таълиму тарбия ва фаъолияти беруназдарсӣ 264 мактаббача амалӣ карданд. Дараҷаи робитаи мутақобили ин ченкуниҳо аз рӯйи коэффитсиенти мутаносибии дараҷаноки r=0,6 ташкил дод. Ин ба робитаи қавии параметрҳо ишора карда, боэътимодии натиҷаҳоро тасдиқ мекунад. Аз ин ҷо, ченкунии сатҳи худмуайянкунии мактаббачагон ҳамчун раванди ботинии сабтнашаванда тариқи нишондиҳандаи худидоракунии фаъолият дар муносибатҳо дуруст ва

дақиқанд.

Худнақшагирии фаъолият. Муқаррар гардид, ки 34% мактаббачагон фақат бо ёрии педагог мундариҷа, тартиби амалҳоро муайян карда, қоидаҳои санҷидан, баҳодиҳии муносибатҳоро ошкор намуда метавонанд;

13% дар рафти банақшагирии кор бо ёрии бевосита ва талаботи педагог ба муносибатҳои мутақобил ҳамроҳ мешаванд;

28% дар муайянкунии мундариҷа, пайдарпаии корро дар муносибатҳо баъзан мустақиланд.

38% дар ошкорсозии мундариҷаи маводи барои иҷрои супориш зарур, дар муайянкунии тартиб ва талабот ба кор, дар амалисозии муносибатҳо бо педагогҳо, мактаббачагон мустақилият, ташаббусро кам зоҳир мекунанд.

Рақамҳои ба даст омада гувоҳӣ медиҳанд, ки 13% мактаббачагон дар муносибатҳо худро муайян накардаанд, 12% - аксар вақт мустақилона муносибатҳоро ба нақша мегиранд. Беш аз 25% мактаббачагон фақат бо ёрии педагог ва талаботи ӯ дар рафти созмони муносибатҳо кӯшишҳои зеҳнӣ, иродавӣ, мустақилиятро дар иҷрои супоришҳо зоҳир мекунанд. Қариб 14% мактаббачагон бо педагог танҳо дар сурати кӯшишҳои водоркунӣ аз ҷониби ӯ муносибатро ба роҳ мемонанд. 33% мактаббачагон дар рафти иҷрои амалҳо дар муносибатҳо кӯшишҳои зеҳнию иродавиро кам мустақилият зоҳир менамоянд. Худифодакунӣ, худтатбиқнамоии 21% мактаббачагон ба ёрӣ ва дастгирии педагог вобастаанд; беш аз 36% онҳо дар муносибатҳо мустақилиятро кам зоҳир менамоянд; 30% мактаббачагон баъзан мустақиланд ва фақат 13% дар фаъолияти аксар вақт ташаббускор ва мустақиланд.

Худназорати фаъолият дар муносибатҳо. Маълумоти пурсиш, анкета ва тест чунин натиҷаҳоро ба миён оварданд:

28% мактаббачагон худназоратро ҳатто бо ёрии ҳамсинфон амалӣ карда наметавонанд;

**Ҷадвали №5.**

**Нишондиҳандаҳои худидоракунии фаъолият дар муносибатҳои педагог ва хонанда**




ХУДТАНЗИМКУНИИ ФАЪОЛИЯТ ДАР МУНОСИБАТҲО АЗ ҶОНИБИ МАКТАББАЧА
хатоҳоро ислоҳ мекунад
ҳангоми зарурат тартиби иҷрои корро тағйир медиҳад
тарзи дигари иҷрои корро муайян мекунад
ҳангоми зарурат баҳогузории корро тағйир медиҳад
барои ислоҳи кор дар муносибатҳо бо одамон ташаббус нишон медиҳад
ИНДИКАТОРҲОИ САТҲҲОИ ЗОҲИРШАВИИ НИШОНДИҲАНДАҲО ДАР МУНОСИБАТҲО
мактаббача маҳорати худидоракуни-ро дар муносибатҳо аксар вақт амалӣ намуда, ташаббускор аст
мактаббача маҳорати худидоракуниро дар муносибатҳо хеле кам зоҳир мекунад
мактаббача маҳорати худидоракуниро ҳамеша бо ёрии педагог,
мактаббача маҳорати худидоракуни-ро дар муносибатҳо баъзан амалӣ карда, на ҳама вақт ташаббускор

22% мактаббачагон онро фақат бо иштироки бевоситаи педагог ва калонсолони дигар амалӣ карда метавонанд;

33% - онро хеле кам амалӣ мекунанд;

29% - баъзан амалӣ мекунанд;

10% - аксар вақт амалӣ менамоянд.

Худтанзимкунии фаъолият зимни муносибатҳо. Муқаррар карда шуд, ки 26% мактаббачагон хатоҳоро танҳо бо ёрии педагог, ҳамсинфон ислоҳ мекунанд; 37% хатоҳоро хеле кам мустақилона ислоҳ мекунанд; 20% ин корро баъзан анҷом медиҳанд; 17% - аксар вақт иҷро мекунанд.

9% мактаббачагон ҳангоми зарурат тартиби иҷрои амалҳоро қариб ҳама вақт мустақилона тағйир медиҳанд; 28% - баъзан; 30% - хеле кам; 33% - танҳо бо ёрии каси дигар.

57% воситаи иҷрои амалҳоро бо ёрии педагог ё ҳамсинфон дармеёбанд; 17% - ин корро хеле кам мустақилона иҷро мекунанд; 26% - баъзан иҷро мекунанд.

2% мактаббачагон корро мустақилона баҳогузорӣ намуданд; 22% - ин корро баъзан; 36% - хеле кам; 40% - бо ёрии педагог ва ё ҳамсинфон анҷом дода метавонанд.

Маълумоти ҷамъбастии таҳлили натиҷаҳо дар ҷадвали 6 инъикос шудаанд.

**Ҷадвали № 6.**

| **Зуҳуроти фаъолият** | **Микд. ҷавобҳо (%)** |
|---|---|
| Фаъолияти худро аксар вақт таҳлил мекунанд. | **12** |
| Бо ёрии бевоситаи педагог ҳадаф, ангезаҳо, талабот, мундариҷа, тартиби фаъолиятро дарк мекунанд. | **20** |
| Дар дарки ҳадафҳо, фаъолият, талабот, ангезаҳо, зарурати муносибатҳо бо педагог ва мактаббачагон ташаббус, мустақилиятро кам зоҳир менамояд. | **35** |
| Ҳатто баъди гузориши мақсад аз ҷониби педагог мустақилона муайян карда наметавонанд, ки чиро бояд омӯзанд, бидуни ёрии беруна ҳадафи корро ифода карда наметавонанд. | **30** |
| Дар муносибат бо педагог, мактаббачагон ташаббус зоҳир намекунанд. | **10** |
| Мустақилона таҳлил намекунанд, дар бораи имкониятҳо, хусусиятҳои | **10** |

| | |
|---|---|
| худ, ки барои комёбӣ мусоидат мекунанд, андеша намеронанд ва ин корро танҳо баъди талаботи шахси калонсол иҷро менамоянд. | |
| Натиҷаи пешбинишавандаи корро дарк намекунанд. | **30** |

Мувофиқи маълумоти ҷадвал фақат аз шаш як ҳиссаи мактаббачагони таҳқиқшуда фаъолиятро мустақилона таҳлил мекунанд, аз се ду ҳиссаи онҳо малакаҳои ҳадафгузорӣ, худангезиш, муошират, нақшагирии фаъолият ва натиҷаҳои онро фаро нагирифтаанд. Ин рақамҳои изтиробангез зарурати такмили маҳорати онҳоро дар муносибатҳо тасдиқ менамоянд. Ҳамин тавр, *мактаббачагон барои худмуайянкунии арзишии муносибатҳо* қобилият доранд. Аммо худидоракунии фаъолиятро танҳо 11% мактаббачагони ташхисшуда амалӣ мекунанд. Дар хусуси ҳамин мактаббачагон таъкид метавон кард, ки маҳорати худидоракунии онҳо, ки омодагиро ба муносибатҳо ифода менамояд, кофӣ ташаккул ёфта, натиҷабахш мебошанд.

Дар асоси худташхис ва худтаҳлилкунӣ оид ба вазъи иқтидори шахсии мактаббачагон зимни муносибатҳо бо педагог чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

1. Инкишофи самтгириҳои арзишӣ сентезивӣ будани мактаббачаро барои муносибатҳои арзишӣ бо педагог тасдиқ мекунад. Самтгириҳои арзишии мактаббачагон дар сатҳи миёна қарор доранд. Сатҳи пасти ҷамъбастии самтгириҳои арзишӣ дар муносибатҳо барои 29% мактаббачагон хос мебошад. Дар интихобҳои онҳо руҳияи мусобиқа, ҳасад набурдан, меҳнатдӯстӣ кам вомехӯранд ва арзишҳое, мисли ҳисси шарм, рафоқат, масъулият, бовиҷдонӣ ҷой надоранд. Инсонгароиро ҳамчун арзиш бо ҳаҷми пурраи нишонаҳояш аз 2 то 21% пурсидашудагон зикр намуданд. Инсонгароӣ дар муносибатҳои онҳо аз рӯйи ҳар се нишона дар 12%, аз рӯйи як-ду нишона дар 85% мактаббачагон зоҳир мегардад. Мактаббачагон нақши худмуайянкунии арзиширо зимни муносибатҳо намебинанд, дар онҳо тарзи инсонпарваронаи ҳаёт ташаккул наёфтааст.

2. Ченкунӣ ва таҳлили қобилият ва омодагии мактаббачагон ба инсонгароёна кардани муносибатҳо (ҳамчун раванди ботинии

мушоҳиданашаванда) аз рӯйи меъёри худидоракунии фаъолият (ҳамчун раванди зоҳиран сабтшаванда) тавассути чунин нишондиҳандаҳо: рефлексияпазирӣ, худнақшагирӣ, худсозмондиҳӣ, худназорат, худтанзимкунӣ тасдиқ намуд, ки мактаббачагон барои худмуайянкунии арзишӣ дар муносибатҳо қобилият дошта, аз рӯйи ҷузъҳои зеҳнӣ ва ангезишӣ ба он омодаанд. Дар ҷузъҳои иртиботӣ ва иродавӣ омодагӣ ба муносибатҳои арзишӣ ташаккул наёфтааст. Ба ҳаҷми пурраи нишондиҳандаҳо худидоракунии фаъолиятро зимни муносибатҳо 11% мактаббачагон амалӣ мекунанд. Худтаҳлилкуниро аксар вақт 12% анҷом медиҳанд; дар 2/3 ҳиссаи мактаббачагон ин малака вуҷуд надорад. 13% мактаббачагон худнақшагирӣ ва худсозмондиҳии фаъолиятро зимни муносибатҳо аксар вақт амалӣ мекунанд; 10% - худназорати фаъолиятро ва 17% худтанзимкунии фаъолиятро анҷом медиҳанд.

3. Барои баланд бардоштани самаранокии раванди педагогии инсонгароёна намудани муносибатҳои педагог ва мактаббачагон мутаносибгардонии он бо назардошти натиҷаҳои худташхис ва худтаҳлилкунӣ зарур аст.

## 2.2.Тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача

Дар шароити амалкарди муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ мушкилоти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача меафзоянд. Сабаб дар он аст, ки меъёрҳои мавҷудаи баҳодиҳии таълиму тарбия ба самтгирии он барои худмуайянкунии арзишии мактаббачагон монеъ гардида, шаклу методҳои анъанавии кор амалисозии худмуайянкуниро дар низоми арзишҳо зимни муносибатҳо мураккаб мекунанд. Дар рафти озмоиш кӯшиши кам кардани ин норасоиҳо анҷом дода шуд. Ғояи марказии педагогие, ки моро ҳидоят мекард, тарҳрезӣ ва амалӣ намудани тактикае буд, ки зимни он механизми умумии худмуайянкунии арзишӣ дар раванди

педагогии мутаносибшаванда ба масири (маршрут) «саёҳати маънавӣ»- и мактаббача табдил меёбад. Ба таъкиди Л.С.Виготский, он имкон медиҳад, ки аз низомҳои бешахс ба тақдири ҳар як шахсият гузариш ба амал ояд. Дар баробари ин, мо дар вазъияте қарор гирифтем, ки ба тарҳрезӣ ва амалӣ намудани инсонгароёна кардани муносибатҳои педагог ва мактаббачагон ихтилофҳои дар мактаби оммавӣ вуҷуддошта монеъ мешаванд [46].

1. *Ихтилоф байни эҳтиёҷи мактаббача ба муносибати арзишӣ ҳамчун навташкилаи синни ҷавонӣ ва самтгирии раванди таҳсилот асосан ба фарогирии донишҳо, малака, маҳорати дар фанҳои таълимӣ «тақсимшуда».*

Ҳадафи худмуайянкунӣ дар муносибатҳо ғайримустақим буда, асосан ба шавқу рағбати касбии педагогҳо нигаронида шудааст. Фароҳам овардани шароит барои муносибатҳои арзишӣ зарур аст, ки он ҳамчун меҳвар қарор мегирад ва навъҳои дигари худмуайянкунӣ, тарбия ва таълими мактаббачагонро гирди он бунёд мешаванд.

*2. Ихтилоф байни зарурати амалисозии фаъолияти махсус оид ба азхудкунии низоми арзишҳои инсонгароёна кардани муносибатҳои педагог ва мактаббача. Меҳвари онҳоро фарогирии арзишҳо аз ҷониби мактаббачагон ташкил медиҳад, ки гирди он асосҳои инсонгароёна кардани муносибатҳои педагог ва мактаббача ҷамъ омада, ба ҳам мувофиқ ва муназзам мегарданд. Чунин низом мақсадофаранда мешавад, густариши онро эҳтиёҷи мактаббачагон барои фарогирии донишу маҳорати муносибатҳо таҳрик медиҳад.*

*3. Ихтилоф байни афзалияти шаклҳои кор, методҳои таъсирот ва тафовути инфиродӣ-шахсиятӣ дар самтгирӣ ва сатҳи инсонгароёна шудани муносибатҳои педагог ва мактаббача.*

Ошкор намудан ва ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ, шахсӣ дар бунёду амалисозии масири мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача дар асоси имкониятҳои шаклҳои инфиродӣ, инфиродишуда, микрогурӯҳӣ ва методҳои дутарафаи (бинарӣ) кор таъмин мегардад.

*4. Ихтилоф байни эҳтиёҷ ба ташаккули шахсияти инсонпарвар, масъулиятшинос, фаъоли шахсияти мактаббача ва амалияи маърифат-парварона, иҷрокунанда дар муносибатҳои педагог ва мактаббача.*

Мувофиқати азхудкунӣ ва бунёди донишҳо, маҳорату малакаҳо ҳамчун воситаи фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон бартараф кардани зоҳирпарастӣ, лафзбозиро имкон медиҳад, зеро дар кирдорҳо, дар гузаштани марҳалаҳои худмуайянкунии арзишӣ дар асоси иҷрои супоришҳо амалӣ мегардад ва «таассури мубрамиятро» ба миён меорад.

Ҳалли ихтилофҳои ошкоршуда моҳияти озмоишро ташкил медиҳад. Азбаски раванди педагогии анъанавӣ дар мактаб ба талаботи муосир мувофиқ нест, вазифаи фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқии муносибатҳоро аз ҷониби мактаббачагон дар сатҳи зарурӣ иҷро намекунад, муаммои бунёди раванди сифатан нави мутаносибкунандаи муносибатҳои педагог ва мактаббачаро дар асоси матлабҳои зерин ба миён меояд:

- мувофиқати ҳадафҳои тарбия бо таъкиди инсонгароёна кардани муносибатҳо (истифодаи дурусти фазои таҳсилоту тарбия);

- ягонагии беҳтарини эҳтиёҷоту арзишҳои мактаббачагон ва ҷомеа (таъсироти мутақобили гуногунсатҳ ва гуногунзамони муҳити дохилӣ ва беруна);

- тарҳрезӣ ва амалисозии масирҳои инсонгароёна кардани муносибатҳо дар асоси ошкор намудани хусусиятҳои инфиродӣ, шахсиятии мактаббачагон.

Пеш аз асосноккунии назариявӣ солҳои 2019-2023 дар мактабҳое, ки иштирокчии озмоиш буданд, таҳқиқоти ибтидоии (пилотӣ) раванди педагогии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон анҷом дода шуд. Пеш аз ҳама, маркази мусоидат ба инсонгароёна кардани муносибатҳои педагог ва мактаббача таъсис дода шуд, ки кори таҳия ва амалисозии барномаи мутаносибгардонии раванди педагогиро ҳамоҳанг мекард. Муносибати мусбати мактаббачагон ва педагогҳо ба ҳалли муаммои инсонгароёна

кардани муносибатҳо ба қайд гирифта шуд. Имконияту иқтидори коллективи педагогӣ барои ҳалли вазифаҳои инноватсионӣ ошкор гардид.

Муаммоҳое ошкор шуданд, ки рафти кори озмоиширо муайян мекунанд: набудани унсури низомофар дар худмуайянкунии мактаббачагон зимни муносибатҳо; номуназзам будани ташхиси хусусиятҳои инфиродӣ, шахсиятии мактаббачагон; омодагии нокифояи педагогҳо ба ҳалли муаммои тарҳрезӣ ва амалисозии масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ ва мусоидат ба муносибатҳои арзишӣ бо мактаббачагон.

Худмуайянкунии арзишии мактаббачагон дар раванди мутаносибшавандаи педагогӣ дар масири инфиродӣ-шахсиятӣ тарҳрезӣ мегардад. Мафҳуми «тарҳрезӣ» дар педагогика қонунӣ гардида, дар қаринаи худтатбиқнамоии шахсият баррасӣ мешавад [409], аммо дар мувофиқат бо масирҳои инсонгароёна густариш наёфт. ***Тарҳрезӣ*** дар Эксиклопедияи калони советӣ ҳамчун раванди бунёди лоиҳаи тимсоли намунавии объект, ҳолати пешбинишаванда ё имконпазир шарҳ дода шудааст. Тарҳрезии масири инфиродиро мо ҳамчун воситаи тағйироти сифатӣ дар дастовардҳои мактаббачагон дар раванди инсонгароёна кардани муносибат баррасӣ менамоем. Дар таҳқиқоти мо ин маҷмӯи амалҳои мақсадофаранда, муташаккилона, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад, ки ба худмуайянкунӣ зимни муносибатҳо дар масири инфиродӣ-шахсиятӣ равона гардидааст.

Ғояи тарҳрезии масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ дар раванди мутаносибшавандаи педагогии муносибитҳои арзишии педагогҳо ва мактаббачагон дар амалияи таҷрибавӣ-озмоишии мактаб тариқи як қатор самтҳо амалӣ мегардад, ки мо бо такя ба марҳалаҳои сохтани амсилаи «масир (маршрут)- и инфиродии хонанда» муайян кардем. Якум, дар асоси худташхис ва ташхис, худтаҳлил ва таҳлили хусусиятҳои инфиродӣ-шахсии ҳар як мактаббача зимни муносибатҳо тактикаи худмуайянкунии арзишии ӯ таъйин мегардад. Дувум, мактаббачагон тариқи тафриқабахшӣ ва инфиродигардонӣ бо назардошти қобилият, эҳтиёҷот, имконияти худ донишу таҷрибаи аксиологиро азхуд мекунанд. Севум, мактаббачагон дар асоси

иҷрои супоришҳое, ки ба самтгириҳо ва хусусиятҳои инфиродӣ мувофиқанд, маҳорати барои муносибатҳои арзишӣ зарурро фаро мегиранд ва ба ин васила омодагии онҳо ба инсонгароёна кардани муносибатҳо меафзояд.

Зимни муқаррар кардани хусусиятҳои инфиродӣ-шахсиятии мактаббачагон мо ба формулаи пешниҳодкардаи В.Ф.Сафин оид ба худмуайянкунӣ «мехоҳам - метавонам - вуҷуд дорад - талаб мекунанд» такя карда, онро бо ҷузъи «мекунам - ба даст меорам» пурра кардем. Ядрои мундариҷавии худмуайянкуниро инҳо ташкил медиҳанд: ангезаҳо (ки ба ҷузъи «мехоҳам» мувофиқ аст); худшиносӣ ҳамчун дарки сифатҳои худ (вуҷуд дорад), худбаҳодиҳии «Ман»-и воқеӣ (ҷузъи «метавонам»); меъёрҳои ҷамъиятӣ ва принсипҳои зиндагӣ (ҷузъи «талаб мекунанд») [128, с.71]; фаъолияти ахлоқӣ (ҷузъи «мекунам») ва натиҷа (ҷузъи «ба даст меорам»). Аз ин ҷо бармеояд, ки барои инкишофи «талаб карда мешавад - мекунам - ба даст меорам» мавҷудияти ҷузъҳои «мехоҳам-метавонам- вуҷуд дорад» зарур аст.

Аввал мактаббачагон худташхис ва худтаҳлили самтгирии арзишҳоро дар муносибатҳо, ҳолати қобилият ва омодагиро барои худмуайянкунии арзишӣ амалӣ карданд, ки ошкор намудани комёбиҳо ва мушкилотро имкон дод. Хусусиятҳои инфиродӣ-шахсиятии ҳар як мактаббача дар маҷмуъ таҳқиқ шуданд: ангезаҳо, эмотсияҳо, дараҷаи азхудшавии мафҳумҳо, мизоҷ, нимкураи бартарӣ доштаи мағзи сар, зуҳуроти лаёқатмандӣ, одатҳо, вазъи саломатӣ, тарсҳо (фобияҳо), афзалиятҳо ва ғ. (ниг. ҷадвали 7).

**Ҷадвали №7.**

**Таҳкурсии ташхисии тарҳрезии масири инфиродӣ-шахсиятии муносибатҳои арзишии мактаббача**

| Унсурҳои ташхис | Методикаҳои истифодашаванда |
|---|---|
| Самтгириҳои арзишӣ | Сафбандии арзишҳо (М.Рокич, В.А.Ядов, Д.А.Леонтев), навсозӣ дар асоси таълифоти В.А.Блюмкин, Г.Н.Гумнитский, Т.В.Сирлин; анкетагирӣ, суҳбатҳо |
| Самтгирии шахсият | В.Смекал, М.Кучер, Н.С.Пряжников |
| Омодагӣ ба муносибати арзишӣ | Ошкор намудани (анкетагирӣ) сатҳҳои худидоракунии фаъолият (В.И.Андреев); баҳои коршинос |
| Сатҳи рефлексия | Пурсишномаи дар асоси методикаи А.В.Карпов, |

| | |
|---|---|
| | В.В.Пономарев, Е.В.Илина таҳияшуда; тести О.А.Анисимов; викторинаи В.А.Лефевр, Ю.А.Шрейдер |
| Самтгирии эмотсионалӣ | Баҳодиҳии самтгирии эмотсионалии шахсият (А.С.Шаров); омӯзиши шахсияти мактаббача аз ҷониби омӯзгор (З.И.Василева) |
| Ангезиш | Ангезаҳои кирдорҳо (Л.Ф.Анн); дараҷабандӣ (О.С.Гребенюк); методикаи тағйирдодаи В.П.Шуман, мушоҳидаҳо ва буришҳо аз рӯйи пурсишномаи Д.Г.Левитес |
| Иртибот (коммуникатсия) | Таҳлили таъсироти мутақобил ва баҳодиҳии маҳорати иртиботӣ (П.И.Третяков, И.Б.Сенновский), воситаҳои аксуламал ҳангоми низоъ (К.Н.Томас) |
| Худбаҳодиҳии шахсият | Сафбандӣ (Б.А.Сосновский, В.Л.Мариук, Ю.М.Блудов и В.А.Плахтиченко), иншоҳо |
| Мизоҷ, канали идрок, инкишофи нимкураҳои мағзи сар, типи иҷтимоӣ | Тест бо мақсади муайянкунии типи иҷтимоӣ (В.Менгел, А.Овчаров, А.Аугустинявичуте); «Канали идрок»; маҷмӯи машқҳо «чап-рост» (АЛ.Шербаков). |

Таҳлили натиҷаҳои худташхис ва ташхиси вазъи иқтидори шахсиятии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача, хусусиятҳои инфиродӣ-шахсиятии ӯ, мувофиқати (номувофиқатии) донишҳо, маҳорати ӯ, ки барои муносибатҳои арзишӣ заруранд, дар варақаи омӯзгор «Худимуайянкунии арзишии мактаббача дар муносибатҳои мутақобил», дар рӯзномаи мактаббача «Худтакмилдиҳии шахсият дар муносибатҳо» сабт мегардад. *Худтакмилдиҳӣ* - «кӯшишҳои инсон, ки ба суръатбахшии таҳаввули маънавии худаш равона шудаанд» [69, 16-17], ки ҳадафи он рушди мутаносиби шахсият аст. Аз синфи панҷум кори омодагӣ анҷом дода шуд, ки зимни он мактаббачагон дар доираи барномаҳои «Худро бишинос», «Худро бисоз», «Ба худ омӯхтанро ёд бидеҳ», «Худро идора бикун», «Худро собит намо», «Худро дарёб», «Худро татбиқ бикун» ((Г.К. Селевко ва диг.) аз хусусиятҳои инфиродӣ-шахсияти худ огоҳ мешаванд, ки меҳварҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача ба шумор мераванд.

Дар ин замина масири ба неруи мактаббача мувофиқи инсонгароёна кардани муносибатҳо педагог ва мактаббача бунёд карда мешавад. Масир ба мактаббача иҷборан бор карда намешавад, балки бо назардошти омодагии ӯ ба ин фаъолият мусоидати педагогӣ дар таҳия, амалисозӣ ва ислоҳи он анҷом

меёбад. Интихоби масири инфиродӣ-шахсиятӣ нуқтаи тақсимшавии маҳрукҳои худмуайянкунии хонандагони синфҳои боло мегардад.

*Интихоби масири инфиродӣ-шахсиятии муносибати арзишӣ* амалҳои зеринро фаро мегирад:

- огоҳ кардани мактаббачагон, педагогҳои онҳо аз имконияти масирҳо;
- муаррифии натиҷаҳои таҳлили худташхис ва ташхиси вазъи муносибатҳо бо педагог дар варақаи иҷтимоӣ ва психологию педагогии ҳамроҳикунанда «Худмуайянкунии арзишии мактаббача дар муносибатҳои мутақобил» дар қисми «Соҳаи худмуайянкунии арзишӣ»- и рӯзномаи ӯ;
- таҳияи (вобаста ба марҳалаҳои аллакай азхудшудаи худмуайянкунии арзишӣ) барномаи шахсии худмуайянкунии арзишӣ дар муносибатҳо. Мустақилона ва ё бо иштироки педагогҳо муайян, мувофиқат, сабт кардани пайдарпайӣ, мундариҷаи ҳар як марҳалаи масир дар варақаи технологӣ.

Масири инфиродӣ-шахсиятии муносибати арзиширо интихоб карда, мактаббача ба амалисозии он шуруъ мекунад. Барои ин ӯ супоришҳои дахлдори ташхисӣ, инкишофдиҳанда, назоратиро иҷро мекунад, ки ба мактаббача дар варақаҳои ***бастаи инфиродии худмуайянкунанда*** (БИХ) пешниҳод мегарданд. Зимнан супоришҳо чунин тартиб дода шудаанд, ки ҳар як мактаббача бо онҳо бидуни тавзеҳоти иловагӣ кор карда метавонад. Дар варақаҳо нишон дода шудааст, ки супориши мазкур ба рушди маҳз кадом донишҳо, маҳорату малакаҳо нигаронида шудааст. Ин сатҳи бошуурии интихоб, иҷро, таҳлил ва баҳодиҳии корро зимни муносибатҳо баланд мекунад. Ҳангоми тарҳрезии супоришҳо БИХ принсипи ҳаракати табиии мактаббача аз сода ба мураккаб: аз шинохт ба тақлид, дар идома ба амалҳои эвристӣ ва эҷодӣ (В.П.Беспалко, 1995); аз шакли моддӣ ба таҷассумёфта, аз он ба шаклҳои гуфторӣ ва зеҳнӣ амалӣ мегардад [180].

Масалан, ба мактаббача дар *тақвияти ангезаҳои иҷтимоӣ* ёрӣ додан зарур аст. Барои ин шаклҳои гурӯҳӣ, коллективии иҷрои супоришҳои БИХ истифода мешаванд, ки натиҷаҳои онҳо барои ҷамъи мактаббачагон муҳиманд. Чунин супоришҳо ба мактаббача имкон медиҳанд, ки маънии

корро дарёбанд, аз фаъолият эҳсосоти мусбат гиранд, муҳиммияти онҳоро барои дигарон дарк намоянд. Барои инкишофи маҳорати пешгӯии оқибатҳои кирдорҳо зимни муносибатҳо, масалан, ҳангоми таҳияи маъруза (ахбор) мактаббача ҳадафи он ва воситаҳои бовар кунонидани шунавандагон ва шаклҳоеро зикр мекунад, ки бо ёрии онҳо шунавандагонро шавқманд намудан мумкин аст. Ӯ саволҳои ба маърузакунанда ва шунавандагон додашавандаро пешакӣ тайёр мекунад; мушкилоти дарки иттилоот ва роҳҳои бартараф намудани онро пешгӯӣ менамояд. Барои инкишофи маҳорати ***таҳлил ва синтез*** мактаббачагон бо мундариҷаи ин амалҳо шинос шуда, ҳалли муамморо машқ мекунанд: оё мафҳумҳои «мазмун» ва «маънӣ» баробаранд? Ба ақидае, ки шафқат ва раҳм кӯҳна шудаанд, чӣ гуна муносибат дорад? ва ғ. Барои инкишофи маҳорати амалисозии ***интихоби асосноки (ангезавӣ)*** арзишҳо мактаббачагон татбиқи онро дар вазъияти низоъ, мушкилот, мулоҳизаҳо, гуфторҳои мухолифи якдигар месанҷанд, мазмуни зарбулмасал, мақолҳо, ҳикматҳоро баррасӣ менамоянд. Масъалаи ***рушди шавқи асосиро*** бо пешниҳоди супоришҳои гуногуне ҳал мекунем, ки дар асоси муаммоҳои илмҳои гуногун, навъҳои гуногуни фаъолият, амалисозии робитаҳои байнифаннӣ таҳия шудаанд. Намунаи супоришро меорем, ки ба ***рушди маҳорати муқоисакунӣ*** мусоидат менамояд.

Муқоиса - муқаррар кардани монандӣ ва фарқи ашё, падидаҳои алоҳида тариқи ҷудо кардани аломатҳои сифатӣ ва миқдории онҳо.

***Машқи 1***: бо овардани мисолҳо фикрҳои зеринро шарҳ диҳед: «Бидуни муқоиса ҳастӣ вуҷуд надорад, зеро худи ҳастӣ муқоиса аст» (О.Манделштам); «Ба об сангчаҳо андохта, ба давраҳои гирдашон ҳосилшаванда нигоҳ бикун, вагарна чунин сангпартоӣ дилхушии беҳуда хоҳад буд» (К.Прутков).

***Машқ***: ба таҷрибаи фаъолият такя намуда, дар ҷадвал монандӣ ва фарқи ҷуфтҳои калимаҳоро нишон диҳед.

| **Монандӣ** | **Калимаҳо** | **Фарқ** |
|---|---|---|
| | Вазифа-масъулият | |

Мувофиқи қонуни робитаи акс назорати анҷомёбии раванди иҷрои супоришҳои БИХ зарур аст. Дар дафтари педагог «Худмуайянкунии мактаббачагон дар муносибатҳои мутақобил» рақами варақа ва натиҷаи иҷрои супоришҳо аз рӯйи шакли пешниҳодкардаи мо сабт мешавад (ниг. ҷадвали 8):

**Ҷадвали №8.**

**Шакли баҳисобгирии педагог**
**(иҷрои супоришҳо аз ҷониби мактаббачагон)**

| № б/т,<br>Насаб, ном | Варианти тактикаи<br>худмуайянкунӣ | Супоришҳо:<br>Рақами варақа | Натиҷаи кор |
|---|---|---|---|

Чунин шакли баҳисобгирӣ муфид аст, зеро ҳосилшавии донишҳо, маҳорату малакаҳои барои азхудкунии марҳалаҳои муносибати арзишӣ зарурро аз ҷониби мактаббачагон нишон медиҳад.

Дар рӯзномаи мактаббача «Худтакмилдиҳии шахсият дар муносибатҳои мутақобил» худнақшагирӣ, худназорат ва худбаҳодиҳии фарогирии донишҳо, маҳорату малакаҳои барои азхудкунии марҳалаҳои муносибатҳо зарурӣ аз рӯйи шакли коркарднамудаи мо амалӣ мегардад (ниг. ҷадвали 9).

**Ҷадвали №9.**

**Шакли баҳисобгирии иҷрои супоришҳо аз ҷониби мактаббача**

<table>
<tr><th colspan="2">№ модул</th><th colspan="3">№ варақа</th><th colspan="2">Мухлати иҷро</th></tr>
<tr><td rowspan="2">Чиро бояд донам</td><td rowspan="2">Медонам</td><td colspan="3">Кайд</td><td rowspan="2">Мушкилоти ман</td><td rowspan="2">Тавсияҳо</td></tr>
<tr><td>Азони ман</td><td>ҳамсинфам</td><td>педагог</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Кадом маҳоратро бояд фаро гирам</td><td>Метавонам</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

Чунин шакли баҳисобгирии иҷрои супоришҳо дар намуди варақаи технологӣ як навъ таҳрики фаъолият зимни муносибатҳо мебошад [402]. Он ба мактаббача имкон медиҳад, ки донишу маҳорати дар доираи модул азхудшавандаро пурра бинад, муносибатҳои арзиширо мустақилона ба нақша гирифта, ба роҳ монад, рафти иҷрои онҳоро назорат кунад, натиҷаҳоро таҳлил намуда, баҳо диҳад ва хатоҳоро ислоҳ кунад. Истифодаи якҷояи

варақаи педагог ва рӯзномаи мактаббача на танҳо сабти натиҷаҳо, балки тарҳрезӣ ва амалисозии таъсироти мутақобилро имкон медиҳад. Он барои ташаккули омодагӣ ба муносибати арзишӣ равона гардид, зеро ба педагог имкон медиҳад, то бо мактаббача комёбӣ ва нокомиҳоро муҳокима намуда, қадамҳои минбаъдаро ба нақша гирад, супоришҳои самарабахшро интихоб кунад. Дар сурати зарурат масири мактаббача бо ёрии мутахассисони маркази мусоидат барои инсонгароёна кардани муносибатҳо ислоҳ карда мешавад. Дар баробари ин, имконияти ба миён гузоштани ҳадафҳои мувофиқашуда, интихоби воситаҳо, шаклҳо ва суръати фарогирии мундариҷаи марҳалаҳо нигоҳ дошта шудааст.

Раванди фарогирии низоми арзишҳо дар масири инфиродӣ-шахсиятӣ тариқи фароҳам овардани рифоҳи психологӣ-педагогии ҳар як мактаббача амалӣ мегардад. Ин вазифа бо роҳҳои зерин ҳал шуд:

1. Ташкили фазои педагогии мутаносибкунандаи муносибатҳои арзишии мактаббачагон, ки ба ғояҳои Ш.А.Амонашвили, Е.В.Бондаревская, В.И.Загвязинский, А.Н.Тубелский ва дигарон асос меёбад:

- «ҳадафи душвор» (зоҳиршавӣ ва рушди масъулияти шахсӣ, боварӣ ба имконияти фарогирии донишҳо оид ба арзишҳо аз ҷониби мактаббачагон, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва низоми муносибатҳои барои шахсият ва иҷтимоъ арзишмандро таъмин менамояд);

- «қисмҳои калон» (муаммоҳои «ҳаматарафа»-и аксиологӣ азхуд мешаванд); «олами босуръати созгоршуда» (худмуайянкунии педагогҳо ва мактаббачагон дар майдони умумии аксиологӣ, проблемавӣ амалӣ шуда, боиси ташаккули низомҳои наздики арзишҳо мегардад);

- «такяҳо» ва «пешгузарӣ» (ба мактаббачагон имкон медиҳанд, ки марҳалаҳои муносибати арзиширо мустақилона тай кунанд);

- «вазъияти комёбӣ» (методҳои маҷбуркунӣ истисно шудаанд ва муколама, робитаи мустақим ва акс, интерактивнокӣ дар ҳалли муаммоҳои аксиологӣ бартарӣ дорад, ки хушҳолиро ба миён меорад);

- мувофиқати беҳтарини шаклҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, фронталии кор, аз он ҷумла бо ҳайати гуногунсин ва ивазшавандаи мактаббачагон.

2. Тавассути ҳамкории педагогҳо ва мактаббачагон дар инсонгароёна кардани муносибатҳо: коркард ва татбиқи барномаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ (ниг. замимаи 4), фаъолияти Маркази мусоидат ба инсонгароёна кардани муносибатҳо (ниг. замимаи 5), ёрии машваратӣ ва ғ.

3. Тавассути муҳити ашёӣ-фаннии мактаб (машғулиятҳо дар маҳфилҳо, факултативҳо ва ғайра дар нимаи дувуми рӯз; ҳафтаи кории панҷрӯза, рӯзи шашум барои «фурӯравӣ» ба худмуайянкунии арзишӣ дар муносибатҳо пешбинӣ гардидааст). Ороиши бино ва шароити маишии мактаб ба рифоҳ, тақвияти арзишҳои муносибати инсон нигаронида шудааст: ботартибӣ, тозагии утоқҳо, миқдори кофии оинаҳо, аквариумҳо, «гӯшаҳои табиати зинда», гулҷомҳо, намоишҳои расмҳои худ, плакатҳо, расмҳои ҳаҷвӣ, маснуот, ороиши ҷолиби аудиторияҳо ва ғ.).

Бо овардани се мисол нишон медиҳем, ки дар рафти муносибати арзишӣ мувофиқи масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ мактаббачагон имконияти шахсии рушди мутаносибро амалӣ намуда, арзишҳои маънавию ахлоқиро фаро гирифтанд.

***Мисоли 1***. Парвиз Н. - ҷавони миёнақад, харобандом, чашмсиёҳ, ки арзишҳоро бо назардошти инкишофи шахсият дар самти фардгароӣ интихоб кардааст. Барои Парвиз осудаҳолии молиявӣ, худтасбиткунӣ, фаъолнокӣ, пешоҳангӣ муҳимтарин сифатҳоянд. Комёбиро ӯ бо мавҷудияти пул, молу чиз, вазифа алоқаманд карда, ба даст овардани онҳоро ҳадафи зиндагӣ мешуморад. Ӯ ният дорад, ки дар оянда бонкдор шавад, ба ёрии давлат, калонсолон умед намебандад, балки сифатҳои шахсӣ ва кӯшишҳои фаъолонаро афзал медонад: барои дохил шудан ба мактаби олӣ тайёрӣ мебинад, дар семинарҳои гуногуни беруназдмактабӣ иштирок мекунад. Инкишофи маҳорати рефлексивии Парвиз дар сатҳи баланд (8-ум) қарор дорад. Маҳорати худидоракунии муносибатҳоро зуд-зуд амалӣ намуда, аксар вақт ташаббус зоҳир мекунад. Ӯ соҳиби малакаҳои ҳадафгузорӣ, худангезиш,

худнакшагирӣ ва худтанзимкунии фаъолият дар муносибатҳо бо педагог ва назорати натиҷаҳои он мебошад, аммо ба муоширатро рағбат надорад. Ӯ хуб таҳсил мекунад, дар оилаи ӯ вазъияти «ба кори якдигар дахолат накардан» ҳукмфармост: падараш бо соҳибкорӣ машғул аст, модараш - бо духтар. Ба писар онҳо барои ёрӣ дар корҳои хона ва комёбиҳо дар мактаб пул медиҳанд.

Масъулиятшиносӣ, дӯстиро ӯ арзишҳои камаҳаммият мешуморад. Аз Парвиз, ки дар дарсҳо мизи якумро ишғол кардааст, ҳамсинфи чашмонаш хира хоҳиш кард, ки бо ӯ ҷой иваз намояд. Парвиз ҷавоб дод: «Барои ман ин ҷой қулайтар аст» ва бо ҳамин бетарафиро ба ҳиссиёти ӯ зоҳир кард. Мактаббача ба вазъияти олам, оила ҳамчун арзишҳо бетафовут аст. Сафбандии арзишҳои воситавӣ нишон дод, ки мактаббача самимият, ростқавлӣ, ҳассосӣ, оштинопазирӣ бо бадӣ ва қобилияти муросоро арзишманд намешуморад. Парвиз худро ҳамчун субъекти зиндагӣ ва арзишманд дарк мекунад, аммо ба одамони дигар серталаб буда, ба онҳо бо чашми танқид менигарад. Тезсухан, мағрур аст.

Бераҳмӣ, «хизматгузорӣ» ба худ, бепринсипӣ, фармонравоиро падидаи замон шуморида, хоксорӣ, шармгинӣ, бовиҷдонӣ, шафқатро кӯҳнашуда меномад. Ба даъвати омӯзгор: «Илтимос, ба одамони атрофатон бодиққат бошед» бетафовут аст.

Педагогҳо, психолог вазифаи аз ҷониби Парвиз дуруст фаҳмидан ва амалӣ намудани арзишҳоро ба миён мегузоранд, ки заминаи ахлоқии муносибатҳоро ташкил медиҳанд. Онҳо дар раванди иҷрои супоришҳои БИХ хонандаро ба интихоби ахлоқӣ дар асоси донишҳо, дарки бетафриқа, томи арзишҳо тавассути «бознигарии тамоми зиндагӣ» ҳидоят мекунанд. Кори Парвиз инкишофи инсонгароӣ, коллективизм, масъулиятшиносӣ, бовиҷдониро тариқи муошират, рушди фаъолнокии некхоҳӣ, адолат ҳамчун арзишҳо пешбинӣ мекард.

Иртиботу муошират дар ҷаҳоншиносии Парвиз тағйирот ба амал оварда, боиси бедоршавии вокунишҳои эмотсионалӣ, баҳодиҳии ахлоқӣ ва тафаккур гардид, дарки дигаргунаи арзишҳоро таҳрик дод. Зарурати тавозуни

«неруи тахайюл ва неруи мантиқ, мабдаи интуитивӣ ва ақлонӣ» (А.М.Горкий) ба назар гирифта шуд. Дар асоси мувофиқати ҷузъҳои сохтори шахсияти мактаббача бо сохтори фаъолияти ахлоқӣ зимни муносибатҳо қабул кардани арзишҳои маънавию ахлоқӣ рӯй дод. Дар муносибати ӯ ба одамон ҷойи бепарвоӣ ва бегонагиро ҳамдигарфаҳмӣ, таваҷҷуҳ гирифтанд. Мактаббача иқрор шуд, ки аввал бо шарикаш барои он кор мекард, ки «дар супориш чунин гуфта шудааст» (вазифашиносӣ), сипас бо он сабаб, ки «ба ҳамсинф ёрӣ расонида, худаш малакаҳои муносибатҳои тарафайнро тезтар азхуд кард». Дертар муносибати мутақобил ба Парвиз қаноатмандии эмотсионалӣ меовардагӣ шуд. Ӯ худаш супоришҳоеро интихоб мекард, ки машварат, назорати ягдигарро пешбинӣ мекунанд, зеро ба гуфти худаш, фаҳмид ва ҳис кард, ки «якҷоя кору муошират кардан шавқовар ва осонтар аст; худтатбиқнамоӣ ва худсобиткунӣ на аз ҳисоби дигарон, балки дар ҳамкорӣ бо онҳо беҳтар аст». Зуҳуроти ивазшавии нуқтаи назарро оид ба арзишмандии дигарон Парвиз чунин шарҳ дод: «Он якбора дар руҳ тавлид меёбад, мисли рӯшноие, ки аз шароран ҷаҳида фурӯзон мешавад».

Баробарарзиш будани одамони дигарро фаҳмида, мактаббача муносибати худро ба онҳо тағйир дод: «Ман дидам, ки аксари бачагони синфи мо хеле ҷолиб, хайрхоҳ ва бодиққатанд». Муносибат кирдорҳои Парвизро ба миён овард: вақте ки ҳамсинфаш линзаи чашмашро ғалтонд, ӯ қатъ кардани муоширатро пешниҳод кард, дар вақти ҷавоб додани ҳамсинфи забонаш лакнатдор синфро ба хомӯшӣ даъват кард. Фаъолнокии эҷодкорона ва созандаи мактаббача афзун шуд. Дар мубоҳисаи «Будан ва доштан» ӯ мавқеи худро чунин ифода кард: «Муҳим он аст, ки ман дорам, аммо муҳимтар он чизест, ки бо ман рӯй медиҳад». Ҳамин тавр, супоришҳои БИХ барои баланд шудани тамоюли мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббача бо ҷомеа дар асоси мувофиқати интихобҳои арзишӣ мусоидат кард.

***Мисоли 2***. Рустам С. тануманд, бо тани варзишдида, бо мӯйҳои кӯтоҳи қайчизада, чашмонаш чуқур ҷойгиранд. Барои Рустам саломатӣ, озодӣ

бештар муҳиманд. Ӯ инкишофи сифатҳои шахсиятӣ, пеш аз ҳама, ҷисмонӣ, бартариро афзал медонад: «Мехоҳам, ки боқувват бошам ва ҳама аз ман тарсанд». Дар муошират дағал аст, дар муносибат бо ҳамсинфон беэҳтиромӣ зоҳир мекунад ва дар айни замон ба муносибати нофорам шикоят дорад. Боинтизомӣ, адолат, оштинопазирӣ, ҷасорат, фидокорӣ, қаҳрамониро ӯ арзишҳо мешуморанд, аммо нодуруст мефаҳманд. Мактаббача такрор мекунад, ки «Некӣ бояд муштдор бошад», суханҳои қабеҳ мегӯяд, занозанӣ мекунад. Ҳисси вазифашиносиро ӯ бо уҳдадории зоҳирӣ, на ин ки бо эҳтиёҷи ботинӣ, масъулият баробар мешуморад. Ӯ арзишҳо- ҳадафҳо ва воситаҳои расидан ба онҳоро омехта мекунад. Факти хушунат ва муносибат ба он ба «майдони маъноӣ»-и мактаббача ворид нест. Ӯ ивазнашаванда ва беинтиҳо будани арзишҳоро дарк намекунад. Дар ӯ образи ҷамъбастии шахсияти инсонгаро нокифоя ташаккул ёфтааст, ки дар маърифат, меҳнат ва муошират ба эҷодкорӣ қобилият дорад ва маънавиёти бою ҷисми қавӣ дорад. Муносибати мактаббача бо ҳамсинфон, волидайн ва омӯзгорон вайрон мебошанд, зеро парастиши баландро онҳо ҳамчун даъвогарӣ мефаҳманд.

Вақте ки ба нокифоягии сатҳи зеҳни ӯ ишора мекунанд, ӯ озурда шуда, ба хашм меояд. Вақте ки ҳамсинфаш ба Рустам гуфт: «Суханони аҳмақона нагӯй», ӯ сухани қабеҳ гуфта, тела дод. Аксар вақт Рустам амалҳои одитарини рефлексивии боздошт ва мустаҳкамкуниро иҷро мекунад. Дар муносибатҳо баҳои тамоми унсурҳои кирдорро асоснок карда наметавонад, якбора якчанд баҳо медиҳад, ки бо арзишҳои гуногун таъйин мегарданд. Дар муносибатҳои мутақобил маҳорати худидоракуниро кам амалӣ карда, ба малакаҳои ҳадафгузорӣ, худангезиш, муошират, банақшагирии фаъолият ва назорат, худбаҳодиҳии натиҷаҳои он соҳиб нест.

Супоришҳои БИХ ва кори инфиродии педагогҳо, психолог оид ба инкишофи рефлексияпазирӣ, маҳорати худидоракунӣ ба Рустам имкон доданд, ки аз комёбии худ хушҳол шавад. Ӯ дар баробари қаноатманд гардидан, сабабҳои низоъҳоро фаҳмид. Ӯ муносибати худро ба машқҳои ҷисмонӣ дақиқ намуда, ба фаъолияти маърифатӣ бознигарӣ кард, ки ба гуфти

худаш «пештар нигоҳ карда наметавонист». Комёбӣ дар маърифат нуқтаи назари ӯро ба фаъолияти зеҳнӣ тағйир дод. Мактаббача тафриқаи конгитивии мафҳумҳоро амалӣ намуда, механизми амалкарди арзишҳо, нақши субъектро дар ин раванд фаҳмид. Ӯ асоснок кардани мавқеи худ, пешбинии норозигии ҳамсуҳбатро ёд гирифта, маҳорати мувофиқ намудани арзишҳоро дар муносибатҳо инкишоф дод.

Чунин кор ангезиши ахлоқиро тақвият дода, интихоби на танҳо маҳруки худифшонамоӣ ва худтатбиқнамоӣ, балки ба роҳ мондани таъсироти мутақобилро бо ҳамсинфони пешрафта таҳрик бахшид, ки онҳоро Рустам, чунонки иқрор шуд, «пештар намефаҳмид ва таҳқир мекард». Дар натиҷаи муқоисаи арзишҳои худ бо арзишҳои одамони дигар ғайрати ин ҷавон барои пешоҳангӣ ба маҷрои созандагӣ дар асоси мутаносибшавии фаъолияти зеҳнӣ ва маънавӣ равона гардид. Аз рӯйи натиҷаҳои ченкунӣ бо истифодаи методикаҳои объективӣ баландшавии қабули арзишҳои одамони дигар, мустақилият ва паст шудани сатҳи назорати беруна, афзудани сатҳи пешрафт, иртиботпазирӣ (коммуникабельность) ва рейтинг дар синф ба қайд гирифта шуд. Вақте ки як ҳамсинфаш духтараки ҳампартаро тела дод, Рустам гуфт: «Дар вақти танаффус барои рафторат узр пурс». Ҳамин тавр, дар заминаи мувофиқ гардонидани арзишҳои меҳнати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ нишонаҳои мутаносибгардонии шахсият бо худаш ва ҷомеа пайдо шуданд.

***Мисоли 3***. Наргис Р., духтари мӯйҳояш тиллоранг, хушҳолу хайрхоҳ, ки дар тамоми фанҳо пешрафти хуб дорад, аз фарбеҳӣ ва қади пасташ шарм медорад. Ин дар рафтори итоаткорона ва шармгинона, сатҳи баланди изтиробнокӣ, ҳассосияти баланди эмотсионалӣ ва сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ дар муносибатҳо зоҳир мегардид. Барои ӯ маърифат, масъулият, муҳаббат ва дӯстӣ арзишҳои муҳимтаринанд. Маҳорати ҳамкориро ӯ баъзан амалӣ мекунад, гоҳ-гоҳ ташаббускор аст. Маҳорати рефлексивӣ дар муносибатҳои мутақобил дар сатҳи миёна (чорум) қарор дорад. Сатҳи миёнаи назорат аз ҷониби волидайн боиси худмухтории Наргис шудааст. Барои ӯ вазъияти хуб

дар кишвар ва олам, баробарӣ, мустақилият, эҷодкорӣ, зебоӣ муҳиманд. Аммо зебоиро ӯ танҳо бо намуди зоҳирии одамон, ашё алоқаманд мекунад.

Наргис самимият, ростқавлӣ, хайрхоҳиро арзишманд мешуморад, ба муросо ва ҳамдигарфаҳмӣ қобилият дорад. Ӯ то сатҳи дарки инсонгароӣ ва коллективизм ҳамчун арзишҳои густурда, ҳамгиро расида, ба тасаввуроти арзишҳои инсонгароӣ эътиқод дорад. Вақте ки модари яке аз ҳамсинфонаш вафот кард, маҳз Наргис пешниҳод кард, ки чорабинии банақшагирифта ақиб гузошта шавад. Ӯ ба тамоми духтарони ҳамсинфаш занг зада, хоҳиш кард, ки ҳамсинфашонро барои мӯйҳои на онқадар хуб хафа накунанд. Духтарак ҷанбаҳои маънавию ахлоқии ангезиши кирдорҳои одамонро фарқ мекунад.

Аммо раванди мутамарказ гардидани арзишҳо ба охир нарасидааст. Наргис некиро фақат бо ҳамҳиссӣ алоқаманд мешуморад: «Омӯзгори хайрхоҳ мушкилоти хонандаро мефаҳмад ва дарсро сахтгирона намепурсад». Фаҳмиши ӯ дар бораи адолат хусусияти мушоҳидакорона дорад, фаъолнокиро пешбинӣ намекунад, устувор нест. Ӯ аз паст шудани баҳо барои кори бедиққатона анҷомдода ба шӯр меояд, ба дарси якум аксар вақт дер мемонад, ки бештар дар хоҳиш надоштани ӯ ба «вайроншавии муносибатҳо» ва «пайдо кардани душманон» ифода мeёбад. Наргис муассирии кирдорро ба назар мегирад, аммо инро зоҳиран анҷом медиҳад. Муносибати шахсии ӯ бидуни тавзеҳи баҳодиҳӣ ифода мeёбад. Ҳамаи ин боиси номутаносибии муносибатҳо бо дигарон мешавад.

Кори инфиродии педагогҳо, психолог бо Наргис тариқи супоришҳои БИХ аввал ба ошкорсозии категорияи «зебоӣ» равона гардид. Қабули фардияти худ, баланд бардоштани худбаҳодиҳӣ ба ӯ имкон дод, ки муносибати манфиро ба намуди зоҳириаш бартараф кунад, ба худ ва имкониятaш бовар ҳосил намояд. Сатҳи изтиробнокии ӯ паст гирдида, барои муносибатҳои мутақобил неру пайдо кард. Фаҳмиши маънои зебоӣ ба Наргис имкон дод, ки мазмуни принсипу категорияҳои дигарро фаро гирад. Дар натиҷа, ба гуфти ӯ, «майлу рағбат барои муоширaт бо бачагон, як навъ руҳбаландӣ пайдо шуд». Ӯ ба тарзи нав, дар сатҳи категорияҳои арзишӣ

«аввалин бор сифатҳои шахсӣ, маънавии ҳамсинфонро возеҳ дид, ки дар муносибатҳо, кирдорҳо, эмотсияҳо, суханон ошкор мешуданд».

Наргис тасдиқи интихоби арзишҳоро дар рафти фаъолияти ахлоқӣ зимни муносибатҳо тавассути пайвастшавӣ ба онҳо ва мавқеи худ, ҳамчунин дар бархӯрд бо зуҳуроти зиддиинсонӣ амалӣ мекард. Рафтори итоаткорона ва шармгинонаи Наргис бо пурғайратӣ, типи кинояомезу хайрхоҳонаи рафтор, ҳимояи адолат иваз гардид. Ӯ ба ҳамсинфаш пешниҳод кард, ки хоксорона либос пӯшад, то ки ҳамсинфи дигараш, ки зодрӯз дошт ва дар шароити тангдастӣ зиндагӣ мекард, худро ноҳинҷор ҳис накунад. Дар як қатор ҷиҳатҳои шахсияти ӯ, мисли мутобиқшавӣ, устуворӣ, худро қабул кардан тағйироти мусбат рӯй доданд, ки бо баландшавии сатҳи пешрафт, беҳтар шудани сифати саломатӣ ҳамроҳ буданд. Ин нишонаҳои мутаносибгардии муносибати шахсият бо худаш ва дигарон ба шумор мераванд.

Ҳамин тавр, раванди ташкилшудаи ҷустуҷӯи арзишҳо ва интихоби мавқеъ ва кирдорҳо, ҳаракат ба ҷаҳоншиносӣ ва принсипҳои ахлоқии муносибатҳо, рафтори мактаббачагон, ки марҳалаҳои худмуайянкуниро дар муносибатҳо тариқи масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ, бо мувофиқати сохтори шахсият ва сохтори фаъолият анҷом доданд, неруи рушди мутаносибшавандаи муносибатҳоро тавлид кард. Ин боиси афзудани шавқу рағбат ба муаммоҳои аксиологӣ, дурустии фаҳмиши арзишҳо, ташаккули ангезаҳои ахлоқӣ ва маърифатӣ дар инсонгароёна кардани муносибатҳо, эмотсияҳои мусбат, баландшавии сатҳи рефлексия, омодагӣ ба худидоракунии фаъолият дар раванди муносибатҳо, ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ ва татбиқии онҳо гардид.

Азбаски мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача раванди педагогӣ мебошад, самаранокии масирҳои инфиродӣ- шахсиятӣ дар заминаи муқоиса амалӣ мегардад: а) ҳолати раванд дар ибтидо; б) ҳолати мобайнӣ ва тағйироти рӯйдиҳанда; в) ҳолати ниҳоӣ (тафовутҳо дар муқоиса бо мавқеи ибтидоӣ).

Муқаррар гардид, ки ташкили ҳадафмандонаи фаъолият оид ба азхудкунии арзишҳо аз ҷониби мактаббачагон мувофиқи масири инфиродӣ-

шахсиятӣ сатҳи фарогирии онҳоро баланд мебардорад, зеро чизеро, ки намедонӣ, қадр кардан номумкин аст. Дар расми 8 нишондиҳандаҳои умумӣ (миқдор бо %) оварда шудаанд, ки тағйироти сатҳҳои аз ҷониби мактаббачагон азхуд шудани арзишҳои муносибатҳоро инъикос менамояд.

**Расми 8. Сатҳҳои азхудкунии арзишҳои муносибатҳо аз ҷониби мактаббачагон**




Маълумоти ҳосилшуда аз рӯйи се сатҳ тақсим шуданд: 1) «дуруст дарк менамояд» ( моҳияти арзиш муносибатҳоро ошкор мекунад); 2) «нодуруст дарк мекунад» (хато тавзеҳ медиҳад); 3) «намедонад» (ягон хел тавзеҳ намекунад). Чунонки мебинем, миқдори мактаббачагоне, ки мазмуни мафҳумҳо, мисли маънавиёт ва ахлоқ, шарафмандӣ, виҷдон, инсонгароиро (дар ҳаҷми пурра), коллективизмро шарҳ дода метавонанд, се маротиба афзудааст. Маълум аст, ки тамоми амиқии арзишҳоро на ҳар як калонсол мефаҳмад, чунин вазифаро пеши хонандагони синфҳои боло гузоштан ғайривоқеист. Бо вуҷуди ин, миқдори мактаббачагоне, ки мундариҷаи арзиши муносибатҳоро дуруст дарк мекунанд, аз 30 то 90% афзудааст; миқдори онҳое, ки мазмуни арзишҳоро нодуруст шарҳ медиҳанд, дар шароити озмоишӣ аз 5 то 7% кам шуд; миқдори онҳое, ки мазмуни арзишҳоро намедонанд, аз 2 то 3% коҳиш ёфт.

Сатҳҳои фарогирии арзишҳои муносибатҳо ба баландшавии шавқу рағбати мактаббачагон ба муаммоҳои маънавию ахлоқӣ таъсир мерасонанд. Шавқу рағбат - «майдони магнитӣ» барои тавлиди кӯшишҳои фарогири арзишҳои ахлоқӣ мебошад, зеро маҳз аз он ангезиши шахсӣ оғоз мешавад. Дар асоси мушоҳидаи мактаббачагон дар дарсҳо ва кори беруназсинфӣ мо

муайян кардем, ки шавқу рағбат ба муаммоҳои аксиологии муносибатҳо меафзояд, вақте ки супоришҳои БИХ барои онҳо шахсан муҳиманд; омили дигар навии таассурот мебошад. Шавқу рағбат, ки «таҳрикдиҳандаи фарогири эмотсионалӣ-иродавӣ» [180] дар азхудкунии марҳалаҳои муносибатҳо зимни масири инфиродӣ-шахсиятии мактаббачагон аст, бо истифодаи методикаи худбаҳодии майлу рағбати ахлоқӣ омӯхта шуд [151].

Нишондиҳандаҳои буришҳои дар ибтидо, мобайн ва охири озмоиш анҷомдодаро муқоиса намуда, мо дар бораи динамикаи афзоиши шавқу рағбат ба муаммоҳои маънавию ахлоқӣ дар раванди муносибатҳо маълумот ба даст овардем. Дар ибтидои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ шавқу рағбат ба 5% баробар буд, дар мобайн - ба 30% ва дар охир - 52% гардид. Дар рафти кори озмоишӣ тасдиқ шуд, ки афзоиши шавқу рағбат ба муаммоҳои маънавию ахлоқӣ бо он алоқаманд буд, ки донишу маҳорат оид ба инсонгароёна кардани муносибатҳои педагог ва хонанда андӯхта шуданд.

Арзишҳо дар натиҷаи фаъолияте шахсиятӣ мешаванд, ки худи шахс аз сар мегузаронад. Муҳим аст, ки дар шароити бо эҳсосот пур будани озмоиш баландшавии сатҳи ангезиши эмотсионалӣ ва аҳаммияти донишҳо мушоҳида гардид, ки ба ин он падида, рӯйдод, шахс вокуниши мусбат ё манфиро ба миён меовард. Ин муносибат ба маърифат ва ҳаёт ҳамчун арзишҳо интиқол ёфта, динамикаи мусбати эҳсосоти ҳамҳиссӣ, нишот, шавқу рағбат, қаноатмандӣ ба назар расид, ки мактаббачагонро ба кирдору муносибатҳои ахлоқӣ ҳидоят мекарданд.

Омӯзиши ҳолати эмотсионалии мактаббачагон дар муносибатҳо аз рӯйи методикаи «Баҳодиҳии самтгирии эмотсионалӣ» анҷом дода шуд [149]. Ангезиши эмотсионалӣ дар муносибатҳо, ки мактаббачагон ҳис ва мушоҳида карданд, бо таассуроти шахсӣ алоқаманд буда, бо ҳолати эмотсионалии ҳамсинфон, педагогҳо тақвият меёфт (ниг. ҷадвали 10).

**Ҷадвали № 10.**

**Эмотсияҳои бартаридоштаи мактаббачагон дар раванди муносибатҳои мутақобил (бо %)**

| Эмотсияҳо | Миқдори мактаббачагон | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Шароити таҷрибавӣ-озмоишӣ | | | Шароити анъанавӣ | |
| | **Ибтидо** | **дар идома** | **интиҳо** | **Ибтидо** | **интиҳо** |
| Шавқу рағбат | 20% | 26% | 27% | 20% | 21% |
| Ҳамҳиссӣ | 16% | 30% | 33% | 17% | 12% |
| Изтироб | 17% | 6% | 3% | 14% | 20% |
| Ангезиш | 13% | 8% | 7% | 15% | 15% |
| Хушҳолӣ | 15% | 22% | 24% | 13% | 6% |
| Лаззат | 6% | 5% | 6% | 7% | 8% |
| Зиққӣ | 5% | 2% | 0 | 6% | 7% |
| Бетафовутӣ | 8% | 1% | 0 | 8% | 11% |

Ҳолатҳои мусбати эмотсионалӣ (шавқу рағбат, ҳамҳиссӣ, ангезиш, хушҳолӣ) дар раванди муносибатҳо кам - аз 6 то 16% ташкил медиҳанд, изтироб, зиққӣ, бетафовутӣ - дар фосилаи аз 5 то 17% мебошанд, бинобар ин, ҷиҳатҳои ташвишовар бартараф шудаанд. Аз ҷониби мактаббачагон зимни масири инфиродӣ-шахсиятӣ оид ба фарогирии арзишҳо аз сар гузаронидани эмотсияҳое, ки дар онҳо шавқу рағбат (27%), ҳамҳиссӣ (33%), хушҳолӣ (24%), лаззат (6%) бартарӣ доранд, ақидаеро тасдиқ мекунад, ки *мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонанда бояд зимни афзалияти ҳолатҳои мусбати (нишотангез) эмотсионалӣ сурат гирад.*




**Расми 9. Эмотсияҳои бартаридоштаи мактаббачагон дар раванди муносибатҳои мутақобил (бо %)**

Дар ин ҳолат фаъолияти азхудкунии арзишҳо барои шахсият муҳим гардида, арзиш бо мазмуни мусбате пурра

мешавад ва дар шахс низоми мураттаби онҳо ба вуҷуд меояд. Чунонки мебинем, шавқу рағбат, вазъияти проблемавӣ, шиддати ирода, фазои нишоту хушҳолӣ, мубрамӣ ва навии иттилоъ ва мулоҳиза, фаъолнокӣ, комёбӣ, ки дар муносибатҳо зоҳир гардиданд, дар мактаббачагон руҳияи эмотсионалии мусбат ҷиҳати маърифати арзишҳо ба миён овард. Махсусан динамикаи баҳои миёнаи ҷамъбастии шиддати эмотсионалӣ дар шароити озмоишӣ назаррас мебошад. Ин дар бораи мутаносибгардии ҳолатҳои эмотсионалӣ гувоҳӣ медиҳад, ки зимни онҳо фарогирии масири инфиродӣ-шахсиятии *мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонанда* ҷараён дорад.

«Механизми корандоз»-и мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои педагог ва хонанда эҳтиёҷоти мактаббачагон мебошанд Азбаски ифодаи зоҳирии эҳтиёҷ ангеза мебошад, ки дар асоси он ташаккул ёфта, бо ҳадафҳои фаъолияти бевосита алоқаманд аст, мо ангезаҳои ҳукмронро муайян кардем. Бо ин мақсад методикаҳои О.С.Гребенюк [52, с.158-165]  ва Б.Н. Королев [с.90-182] ба кор рафта, ки бо назардошти ҳадафи таҳқиқот тағйир дода шуданд. Ҳамзамон, мо ба чунин ақидаи Б.В.Зейгарник [69] такя кардем: ивазшавии ангезаҳои пешбар маънои тағйирёбии мавқеъҳо, шавқу рағбат, арзишҳои шахсиятро дорад. Санҷиши тағйироти дар соҳаи ангезии мактаббачагон рӯйдода азнавсозии сохтори ангезаҳоро дар шуури мактаб-бачагон дар шароити таҷрибавӣ озмоишӣ нишон дод (ниг. ҷадвали 11).

Маълумоти ҷадвал гувоҳӣ медиҳанд, ки ангезаҳои ахлоқӣ аз ҷойи чорум ба ҷойи дувум баромаданд, ангезаҳои маърифатӣ, аз ҷойи панҷум ба якум. Наздикшавии ангезаҳои ахлоқӣ бо ангезаҳои маърифатӣ ва худсобиткунӣ рӯй дод. Махсусан, динамикаи мусбат дар фосилаи байни ибтидо ва мобайни кори озмоишӣ назаррас буд, ки ба ақида мо сабаби он навгонӣ, таассуроти эмотсионалӣ-иродавии мактаббачагон дар раванди муносибатҳо мебошад.

Муқаррар гардид, ки ангезаҳои муносибатҳо дар байни ангезаҳои дигар бартарӣ доранд. Ин бо инкишофи мавқеи субъектии мактаббача, тасаввуроти ӯ дар бораи касби оянда, таҳсил, ҳаёташ дар маҷмуъ, қобилият, шавқу рағбаташ алоқаманд аст. Самтгирии аксиологии муносибатҳо барои васеътар

дарк намудани онҳо ёрӣ расонд: он на танҳо интихоби касбӣ, шахсӣ, иҷтимоӣ, балки, пеш аз ҳама, интихоби арзишии мактаббача мебошад.

**Ҷадвали №11.**

**Вазъи ангезиши муносибатҳои мутақобили мактаббачагон (ифодаи тағйирот дар намуди холҳо)**

| **Ангезаи ҳукмфармо** | Шароити озмоишӣ | (МТУ ш.Хуҷанд) | Ҷой | Шароити аъанавӣ | (мактабҳо) | Ҷой | Шароити озмоишӣ | | Ҷой | Шароити анъанавӣ | | Ҷой |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Худмуайянкунӣ | 2 | 12 | 2 | 6 | 9 | 1 | 6 | 12 | 3 | 5 | 9 | 1 |
| Худсобиткунӣ | 12 | **6** | **4** | **4** | **8** | 2 | 10 | **6** | **5** | ***3*** | **6** | 3 |
| Ҷанбаи маҳдуди амалӣ | 7 | **5** | **5** | 1 | **5** | **5** | 9 | **4** | 7 | **4** | **5** | **4** |
| Маърифатӣ | **8** | 13 | 1 | **8** | **6** | **4** | **2** | 19 | 1 | 7 | **2** | **6** |
| Муошират бо ҳамсолон, педагогҳо | **6** | 9 | 3 | 7 | **4** | **6** | 3 | **8** | **4** | **6** | **5** | **4** |
| Ахлоқӣ | **4** | 12 | **2** | **5** | **2** | **5** | **4** | 17 | **2** | **4** | **4** | **5** |
| Дурӣ аз нохушиҳо | **11** | **4** | **6** | — | **7** | **3** | 10 | **5** | **6** | **4** | **8** | **2** |

**Расми 10.**



Эҳтиёҷ ба муносибатҳо ҳамчун лаҳзаи ибтидоии пайдоиши ангезиши кирдор дар натиҷаи фаъолияти рефлексивӣ оид ба дарки манзараи муносибатҳо, ҷустуҷӯи мавқеи худ дар онҳо тариқи худмуайянкунии арзишӣ ба ангеза табдил меёбад. Бинобар ин, мо динамикаи сатҳи рефлексияпазириро дар синфҳои озмоишӣ аз рӯйи методика таҳқиқ намуда, дар бораи тағйироти сатҳи рефлексияи мактаббачагон маълумот ба даст овардем. Маълумот оид ба динамикаи сатҳи рефлексияпазирии онҳо дар ҷадвали 11 инъикос гардид.

Аз ҷалвал аён аст, ки кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба сатҳи рефлексияпазирии мактаббачагон таъсири мусбат расонд (дар ибтидои кор он дар сатҳҳои 2-8 қарор дошт, баъди озмоиш то сатҳҳои 6-9 баланд шуд).

**Ҷадвали №12.**

**Динамикаи сатҳи рефлексияпазирӣ дар синфҳои озмоишӣ дар раванди муносибатҳои мутақобил**

| Синфҳои озмоишии гимназияи №4 | | | Синфҳои озмоишии МТУ № 24 | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Синф | Сатҳи рефлексияпазирӣ | | Класс | Сатҳи Рефлексияпазирӣ | |
| | Ибтидои кор | Интиҳои кор | | Ибтидои кор | Интиҳои кор |
| 10 «а» | 2 | 6 | 10 «а» | 5 | 9 |
| 10 «б» | 5 | 7 | 10 «б» | 6 | 7 |
| 10 «в» | 7 | 9 | 10 «в» | 4 | 6 |

Чунонки мебинем, тағйироти мусбати раванди фарогирии маҳорати рефлексивӣ дар синфҳои озмоишӣ ҷой дошта, он ду маротиба афзудааст. Дар шароити анъанавӣ мактаббачагон тағйироти манфии сатҳи рефлексия-пазириро нишон доданд, аммо коркарди оморӣ тасодуфӣ будани онҳоро ошкор кард. Боэътимодии тағйирот аз рӯйи меъёри аломатҳои G, меъёри Фишер q* баҳогузорӣ шуд, ки тағйироти мусбати сатҳи рефлексияпазирии мактаббачагон дар синфҳои озмоишӣ баъди марҳалаи дигаргунсозандаи озмоиш тасодуфӣ нестанд.

Тағйироти фарогирии маҳорати рефлексивӣ аз ҷониби мактаббачагон дар синфҳои озмоишӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки марҳалаи дигаргунсозандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба ташаккули малакаҳои рефлексия дар муносибатҳо

оварда нарасонд. Инро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки дар ин самт кори мунтазам дар фосилаи бештари вақт зарур аст, ҳамчунин омӯзиши минбаъдаи роҳҳои такмили маҳорати рефлективӣ дар раванди муносибатҳо тақозо мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ муқаррар шуд, ки барои ташкили муносибатҳои омӯзгор ва мактаббача мутобиқгардонии супоришҳои бастаи инфиродии супоришҳо зарур аст; барои тарҳрезӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон дар асоси супоришҳо омодагии дахлдори педагогҳо зарур аст. Баъди гузаронидани чунин кор натиҷаҳои озмоиш бо истифодаи омори математикӣ дақиқ карда шуданд [101,9]. Дар рафти таҳлили натиҷаҳо санҷида шуд, ки оё тағйироти раванди муносибатҳои педагог ва мактаббачагон баъди азхудкунии низоми арзишҳо зимни масири инфиродӣ-шахсиятӣ боэътимоданд ё не? Барои ҷавоб ба ин савол методикаи дар фасли гузашта тавсифшуда татбиқ гардид. Дар натиҷаи ҳисобкунӣ оид ба мавҷудияти робитаҳои ҷиддӣ байни ин аломатҳо сухан ронда, динамикаи тағйироти раванди муносибатҳои мактаббачагонро бо педагог муқаррар метавон кард (ниг. ҷадвали 13).

**Ҷадвали №13.**

**Динамикаи тағйироти маҳоратҳои фаъолият дар раванди муносибатҳои мактаббачагон бо педагог**

| Типҳои тағйирот | Нишондиҳандаҳо (бо ададҳои мутлақ) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Худтаҳлилкунӣ | Худнакшагирӣ | Худсозмондиҳӣ | Худназорат | Худтанзимкунӣ | Ҷамъ |
| а) мусбат | 17 | 11 | 11 | 12 | 14 | 65 |
| б) манфӣ | 3 | 2 | 1 | 3 | 2 | 11 |
| в) сифр (0) | 3 | 10 | 11 | 8 | **7** | 39 |
| Ҷамъ | 23 | 23 | 23 | 23 | 23 | 115 |

Ҷамъи тағйироти мусбат ва манфии маҳорати фаъолият дар раванди муносибатҳои мактаббачагон бо педагог дар синфҳои озмоишӣ n=65+11=76 ташкил медиҳад. Фарзияҳои зерин санҷида шуданд:

H°: тағйирот мусбати маҳорати фаъолияти мактаббачагон дар раванди муносибатҳо баъди озмоиш тасодуфӣ мебошанд;

H1: тағйироти мусбати маҳорати фаъолияти мактаббачагон дар раванди муносибатҳо баъди озмоиш тасодуфӣ нестанд.

Фарзияҳо аз рӯйи функсияҳо бо ёрии меъёри аломатҳо санҷида шуданд. Зимнан қиматҳои интиқодӣ барои меъёрҳои аломатҳо аз ҷадвали дахлдор гирифта шуданд [166, с.30]. Дар рафти санҷиши фарзияҳои оморӣ қоидаи зерини инкори фарзияи H° ва қабули H1 барои меъёри аломатҳои Q истифода шуд [166]. Агар қимати эмпирии меъёр ба қимати интиқодӣ, ки ба сатҳи қимати дахлдори $p<0,05$ мувофиқ ё аз он камтар аст, баробар бошад, он гоҳ фарзияи H° рад мешавад, аммо H1 ҳоло қабул намешавад. Агар қимати эмпирии меъёр ба қимати интиқодӣ, ки ба сатҳи қимати $p=0,01$ мувофиқ ё камтар аз он аст, баробар бошад, он гоҳ H° рад шуда, H1 қабул мегардад.

Худтаҳлилкунии фаъолият дар раванди муносибатҳо: миқдори умумии тағйироти мусбат ва манфӣ п=20 аст. Тағйироти типӣ дар маҳорате, ки ба худтаҳлилкунӣ дохиланд, мусбатанд, тағйироти манфӣ - 3 (ниг. ҷадвали 16).

QKp=5(p<0,05) ва фкр=4(p<0,01);

(/эмп=3; (/эмп< фкр.

H° рад карда мешавад, H1(p<0,01) қабул мегардад. Баъди марҳалаи дигаргунсозандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тағйироти мусбат дар маҳорати худтаҳлилкунии мактаббачагони синфҳои озмоишӣ тасодуфӣ нест.

Худнақшагири фаъолият дар раванди муносибатҳо: миқдори умумии тағйироти мусбат ва манфӣ п=13 аст. Тағйироти типӣ дар маҳорате, ки ба худтаҳлилкунӣ дохил мешаванд - мусбатанд, тағйироти манфӣ - 2 (ниг. ҷадвали 16).

QKp=3(p<0,05) **и QKp=l(p<0,01);**

фэмп=2; фэмп< фср(p<0,05).

H° рад карда мешавад, аммо $H^1$ қабул намешавад. Тағйироти мусбат дар маҳорати худнақшагирии мактаббачагони синфҳои озмоишӣ дар раванди

муносибатҳо баъди марҳалаи дигаргунсозандаи озмоиш боэътимод шуморидан мумкин нест.

Худсозмондиҳии фаъолият дар раванди муносибатҳо: миқдори умумии тағйироти мусбат ва манфӣ п=12 аст. Тағйироти типӣ дар маҳорати ба худтаҳлилкунӣ дохил - мусбатанд, тағйироти манфӣ - 1 (ниг. ҷалвали 16). фф=2(р<0,05) ва QKp=l(p<0,01); фэмп=1; фэмп< фкр.

Н° рад карда мешавад, $H^1$ қабул мешавад (р<0,01). Тағйироти мусбат дар маҳорати худсозмондиҳӣ дар мактаббачагони синфҳои озмоишӣ баъди марҳалаи дигаргунсозандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тасодуфӣ нестанд.

Худназорати фаъолият дар раванди муносибатҳо: миқдори умумии тағйироти мусбат ва манфӣ п=15 аст. Тағйироти типӣ дар маҳорати ба худназорат - мусбатанд, манфӣ -3 (ниг. ҷадвали 16).

(/кр=3(р<0,05) ва фкр=1(р<0,01); фэмп=3; фэмп< (/кр(р<0,05).

Н° рад мешавад, аммо $H^1$ қабул карда мешавад. Тағйироти мусбат дар маҳорати худназорати мактаббачагони синфҳои озмоишӣ баъди марҳалаи дигаргунсозандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ боэътимод нестанд.

Худтанзимкунии фаъолият дар раванди муносибатҳо: миқдори умумии тағйироти мусбат ва манфӣ п=15 аст. Тағйироти типӣ дар маҳорати худтаҳлилкунӣ - 2 (ниг. ҷадвали 16). фкр=4(р<0,05) ва фср=2(р<0,01); фэмп=2; фэмп< (кр).

Н° рад мешавад, $H^1$ (р<0,01) қабул карда мешавад. Тағйироти мусбати маҳорати худтанзимкунии мактаббачагони синфҳои озмоишӣ баъди марҳалаи дигаргунсозандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тасодуфӣ нестанд.

Аз рӯйи тамоми функсияҳои худидоракунии фаъолият дар раванди муносибатҳо барои синфҳои озмоишӣ миқдори умумии тағйироти мусбат ва манфии маҳорати худидоракунии фаъолияти п=76 аст. Тағйироти типӣ дар маҳорати худидоракунӣ ҳам мусбат, ҳам манфӣ - 11 (ниг. ҷадвали 16). фкр=30(р<0,05) ва фкр=27(р<0,01); фэмп=11; фэмп< фкр.

Н° рад карда мешавад, $H^1$ қабул мешавад (р<0,01). Тағйироти мусбати маҳорати худидоракунии фаъолияти мактаббачагон дар раванди

муносибатҳо дар синфҳои озмоишӣ баъди марҳалаи дигаргунсозандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тасодуфӣ нестанд. Дар синфҳои назоратӣ аз рӯйи тамоми функсияҳои худидоракунии фаъолият миқдори умумии тағйироти мусбат п=52 аст. Тағйироти типӣ - мусбатанд, тағйироти манфӣ - 4.

(кр=19(р<0,05) и фкр=17(р<0,01); фэмп=18; фэмп< фкр(р<0,05).

Н° рад карда мешавад, $Н^1$ қабул намешавад. Тағйироти мусбат дар маҳорати худидоракунии фаъолият дар раванди муносибатҳо аз ҷониби мактаббачагони синфҳои назоратӣ дар шароити анъанавӣ боэътимод шуморидан мумкин нест.

Инак, тағйироти мусбат дар муносибатҳо, мутаносибии онҳо натиҷаи худмуайянкунии арзишии мактаббачагон дар масири инфиродӣ-шахсиятӣ дар раванди муносибатҳо гардиданд. Ин боиси тағйири мусоидати педагогӣ гардид, ки ба мактаббачагон дар худмуайянкунии арзишӣ зимни муносибатҳо зарур аст. Бо истифодаи мундариҷаи ҷадвали «Мусоидати педагогӣ ба худмуайянкунии мактаббачагон дар раванди муносибатҳо» мо динамикаи сатҳҳои мусоидати педагогиро ба ҳар як ҷузъи муносибати арзишии мактаббачагон ошкор намудем (расми 11).

1 - мақсадгузорӣ; 2- ангезиш; 3- шавқу рағбат; 4- амалҳои рефлексивӣ; 5- мавқеи педагог дар таъсироти мутақобил; 6-типи фаъолнокии мактабба-чагони синфи боло; 7- характери таъсири педагог; 8-характери амалҳои мактаббачагон; 9- натиҷа.

Дар мувофиқат бо фарзияи озмоиш андозаи мусоидати педагогӣ ба худмуайянкунии арзишӣ дар раванди муносибатҳои мактаббачагон кам шудааст. Нишондиҳандаҳо дар сатҳҳо: шавқу рағбат, амалҳои рефлексивӣ афзуданд (30%). Мавқи педагог дар муносибатҳо ва типи фаъолнокии мактаббачагон тағйир ёфт.

**Расми 11. Динамикаи сатҳҳои мусоидати педагогӣ ба худмуайянкунии арзишии мактаббачагон дар раванди муносибатҳои мутақобил (бо %)**




Дастгирӣ ва ангезиши таъсири педагог, ҳамчунин худангезиши мактаббачагон ба муносибатҳои арзишӣ афзуд (то 50%). Мақсадгузорӣ аз ҷониби мактаббачагон афзалияти ҷиддӣ (на камтар аз 80%) пайдо кард.

Самтгирии муносибатҳои арзишии мактаббачагон дар масири инфиродӣ-шахсиятӣ дар тағйири муносибатҳои ахлоқии мактаббачагон инъикос ёфт (ниг. ҷадвали 14).

**Ҷадвали №14.**

**Динамикаи муносибатҳои ахлоқӣ дар синфҳои озмоишӣ (бо %)**

| **Нишондиҳандаҳои зуҳурот** | **То озмоиш** | | | **Баъди озмоиш** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Фанҳои таълимӣ** | | | | | |
| | **Таър.** | **Матем.** | **АБҲ** | **Таър.** | **Матем.** | **АБҲ** |
| 1. Робитаҳои байнишахсиятӣ | 12 | 17 | 12 | 48 | 44 | 33 |
| 2.Ёрии байниҳамдигарӣ ва ҳамкорӣ | 4 | 2 | 2 | 22 | 26 | 24 |
| 3.Шавқмандӣ ба комёбии коллектив | 18 | 15 | 2 | 33 | 40 | 30 |
| 4.Таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои умумӣ | 2 | 2 | — | 22 | 26 | 23 |
| 5.Эҳсоси хурсандӣ аз комёбии умум | 4 | 6 | 2 | 20 | 26 | 25 |

Маълумоти ҷадвал гувоҳӣ медиҳанд, ки дар синфҳои озмоишӣ дар муносибатҳои ахлоқӣ тағйироти дақиқ ва устувор зоҳир гардиданд: иқтидори робитаҳои байнишахсӣ се баробар афзуд, ки ба мутаносибгардонии муносибатҳои ба шахсият ва ҷамъият нигаронида мусоидат кард (пунктҳо 3, 4, 5-и ҷадвал). Ин натиҷаи он аст, ки фаъолияти мактаббачагон на танҳо ба фарогирии донишҳо оид ба арзишҳо ва маҳорати корбасти онҳо, балки ба ҷустуҷӯи қарорҳои мустақилонаи маънавию ахлоқӣ, ҳосил намудани ақидаҳои худ дар вазъияти интихоб зимни раванди муносибатҳо равона гардида буд.

Муносибатҳои мактаббачагон дар кирдорҳо, муносибатҳо ва рафтори онҳо зоҳир мешаванд. Дар вазъияти худмуайянкунии арзишӣ дар раванди

муносибатҳо дар масири инфиродӣ ва бо такя ба методикаи таҳлили мундариҷавии зуҳуроти ахлоқии муносибатҳо, кирдорҳо, рафтор [169] таҳқиқи ҷузъҳои сохтории муносибатҳо [11, с.43-47] ҳамчун меъёри худмуайянкунии арзишӣ имконпазир гардид. Ин навсозии методика имкон медиҳад, то дар бораи маҷмуи зуҳуроти асосӣ хулоса бароварда шавад, ки самтгирии шахсиятро дар раванди муносибатҳо таъйин мекунад. Ба ин маҷмуъ зуҳуроти ахлоқии моҳияти психологиашон гуногун дохил мешаванд (ниг. ҷадвали 15).

**Ҷадвали №15.**

**Динамикаи зуҳуроти нишондиҳандаҳои**
**типи мутаносиби муносибатҳои мактаббачагони синфҳои озмоишӣ**

| Нишондиҳандаҳои типи кирдор | Динамикаи зуҳуроти нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Бо фоизҳо | | |
| | 1 | 2 | 3 |
| 1. Ҳадаф | 19,% | 21,% | 60,% |
| 2. Ангеза | 15,% | 40,% | 45,% |
| 3. Талқинкунӣ | 19,% | 18,6% | 42,2% |
| 4. Баҳодиҳӣ | 14,% | 37,6% | 48,4% |
| 5. Ният | 10,% | 34,8% | 55,2% |
| 6. Самтгирии арзишӣ | 8,% | 39,% | 53,% |
| 7. Қарор | 20,1% | 35,4% | 44,5% |
| 8. Интихоби воситаҳо | 30,% | 33,% | 37,% |
| 9. Матлаб | 20,% | 32,% | 48,% |
| 10. Амал | 30,% | 30,% | 40,% |
| 11. Натиҷа | 25,5% | 29,5% | 45,5% |
| 12. Худбаҳодиҳӣ | 21,% | 26,3% | 52,7% |

Чунонки мебинем, дар ибтидои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ нишондиҳандаҳои кирдори мутаносиб дар раванди муносибатҳо заиф (аз 8% то 30%) зоҳир мегарданд ва баъди иҷрои супоришҳои БИХ аз ҷониби мактаббачагон динамикаи мусбат пайдо мекунанд (аз 37 то 60%). Мо ошкор намудем, ки ҷузъҳои сохторӣ ба ҳаҷми пурра зоҳир мегарданд ва ҳар яки ин ҷузъҳо дар раванди муносибатҳо дорои самтгирии маънавию ахлоқӣ мебошанд. Аз ин ҷо, мактаббачагон дар раванди муносибатҳо типҳои мутаносиб ва оқилонаи кирдорро зоҳир карданд.




1- ибтидои озмоиш; 2- мобайни озмоиш; 3- интиҳои озмоиш.

Натиҷаҳои ҳосилшуда самаранокии масири инфиродӣ-шахсиятии фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқиро аз ҷониби мактаббачагон тасдиқ менамоянд. Дар баробари ин, нокифоя зоҳир гардидани як қатор нишондиҳандаҳо (интихоби воситаҳо - 37%, амал - 40%, талқинкунӣ - 42,2%), ҳамчунин комбинаторикаи онҳо, ки боиси устувории нокифоя мегардад, таҷрибаи васеътари иҷтимоии кирдорҳои ахлоқии мактабачагонро дар раванди муносибатҳо бо педагог тақозо мекунад.

Ҳамин тавр, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба татбиқи масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ дар раванди мутаносибшавандаи муносибатҳои педагог ва мактаббачагон ба натиҷаҳои зерин овард, ки ошкор гардидани неруи шахсии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандаро нишон дод:

1) эҳтиёҷот ва ангезаҳои маънавию ахлоқӣ зоҳир шуданд, азнавсозии назарраси сохтори ангезаҳо рӯй дод: ангезаҳои ахлоқӣ ба ҷойи чорум ба дувум, ангезаҳои маърифатӣ - аз ҷойи панҷум ба якум баромаданд;

2) дар раванди фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ мактаббачагон донишҳо ба даст оварданд, мафҳуму ақидаҳои маънавию ахлоқиро ҳосил мекунанд, ки дар раванди муносибатҳо заруранд. Дар натиҷа миқдори мактаббачагоне, ки мазмуни арзишҳоро дуруст ошкор мекунанд, се баробар афзуда, миқдори онҳое, ки мазмуни арзишҳоро нодуруст шарҳ медиҳанд, аз 49 % то 5% кам шуд; миқдори онҳое, ки мазмуни арзишҳоро намедонанд, аз 20% то 2% коҳиш ёфт;

3) дар фарогирии эмотсионалӣ-иродавӣ зимни муносибатҳо мактаббачагон донишҳои маънавию ахлоқиро дарк мекунанд, муаммоҳои муҳит ва мушкилоти ботиниро дар интихоби оқилонаю эмотсионалии арзишҳо бартараф мекунанд. Эмотсияҳои ҳукмрон ҳамҳиссӣ (33%), шавқу рағбат (27%), хушҳолӣ (24%) гардиданд;

4) дар азхудкунии амалию фаъолиятии масири инфиродӣ-шахсиятии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда маҳорати худидоракунии муносибатҳо инкишоф ёфтанд, ки боиси паст шудани сатҳи мусоидати педагогӣ ва афзудани омодагии мактаббачагон барои худмуайянкунӣ дар низоми мутаносибгардонии муносибатҳо гардид;

5) сатҳи рефлексияпазирии мактаббачагон ду маротиба афзуд, дар мутаносибгардонии муносибатҳо кӯшиши амалҳои рефлексивии мустақилона ва якҷоя бо педагогу ҳамсинфон пайдо шуд;

6) типҳои мутаносиб ва оқилонаи муносибатҳо шакл гирифтанд, аммо дар онҳо чунин ҷузъҳо; қарор, ҳадаф, амал нокифоя зоҳир мешаванд, ки таҷрибаи иҷтимоии густурдатари мактаббачагонро тақозо менамояд.

Азбаски ҷанбаи муҳимтарини мутаносибгардонӣ мувофиқати он бо объекти тафриқавӣ, дигаргуна мебошад, ки аз қисмҳои гуногуннавъ ё ҳатто муқобил иборат аст, барои мутаносибгардонии раванди педагогии таҳқиқшаванда дар баробари масирҳои инфиродӣ-шахсиятии муносибатҳои

арзишии мактаббачагон аз ҷониби онҳо фарогирии донишҳо, маҳорату малакаҳои муносибати мутаносиб бо педагог, ҳамсинфон ва одамони дигар тақозо мешавад.

## 2.3. Самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон

Муҳаққиқон ҳолатҳоеро муқаррар кардаанд, ки мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагонро мушкил мекунанд: омода набудан барои интихоби дурусти арзишҳо; надоштани маҳорати пешгӯии натиҷаҳои муносибатҳо, яъне набудани тафаккури тарҳрезӣ, донишҳо ва маҳорат. Пурсиши инфиродӣ дар марҳалаи муқарраркунандаи озмоиш таҷрибаи ночизи иҷтимоии тақрибан 70% мактаббачагонро нишон дод: маҳорат ва хоҳиш надоштан барои муоширати мукаммал, мувофиқ кардани манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ. Ин ҳадаф маҳдуди шахсӣ ва бемасъулиятиро парвариш мекунад, давраи беҳтарин барои фарогирии муносибатҳои маънавию ахлоқӣ аз даст меравад. Танҳо 12% мактаббачагон принсипу меъёрҳоро ҳамчун заминаи кирдору рафтор дар муносибатҳо дарк мекунанд, оқибатҳои онҳоро пешбинӣ карда метавонанд, ҳангоми вайрон гардидани онҳо норохатӣ эҳсос мекунад. Меъёру қоидаҳои дар ҷамъият эътирофшударо 33% риоя мекунанд; 55% мактаббачагон қоидаҳои худро вобаста ба назорати иҷтимоӣ интихоб мекунанд, тез ба талқин дода шуда, тобеъ мегарданд ва муқобилат нишон намедиҳанд. Дар ҳоле ки фаъолнокии иҷтимоӣ дар муносибатҳо шакли ҳалли ихтилофи рушди шахсият аст.

Маълум аст, ки раванди анъанавии муносибатҳои арзишии педагог ва мактаббачагонро аз мавқеи дидгоҳи К.Д.Ушинский дар бораи зарурати дар инсон ҳосил кардани хислати муқобилат ба таъсироти зарарнок ва маҳорати гирифтани натиҷаҳои нек аз ҳама ҷанбаҳо мутаносиб бояд кард. Ба ташаккули тарзи ҳаёти онҳое, ки худро дар низоми мутаносибгардонии педагог ва мактаббачагон муайян мекунанд, тарҳрезии самтгирии иҷтимоӣ кумак мерасонад. Амалисозии мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои

педагог ва мактаббачагон ба чунин матлаби онтологӣ ва методологӣ такя мекунад: муҳим будани муносибат ва таъсироти мутақобил барои рушди шахсияте, ки олами атрофро на танҳо инъикос мекунад, балки фаъолона месозад.

Лоиҳаи иҷтимоӣ шакли самараноки мутаносибгардонии барои ҷомеа муфиди муносибатҳои мактаббача [79, с.3] дар муносибати арзишии ӯ, нуқтаи ибтидоии рушд аст, ки дар он муаассирии воқеии тамоми корҳои фарҳангӣ такмил меёбад. Лоиҳа - натиҷаи тарҳрезии иҷтимоӣ, ки ба «тасдиқи тафаккури лоиҳавӣ дар амалияи иҷтимоӣ равона гардидааст» [110, с.3].

Ошкор намудани имконияти тарҳрезии иҷтимоӣ, муқоисаи натиҷаҳои таҳлили назариявии муаммои мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои педагогу мактаббачагон ва маводи омӯзиши амалияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба мо имкон дод, ки самтҳои асосии кори таҷрибавӣ-озмоиширо оид ба татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар тарзи муносибатҳо дар асоси принсипи мутаносибгардонии раванди педагогӣ муайян кунем:

- муайянкунии шароите, ки ангезиш ва таҳрики муносибатҳои мактаббачагонро барои кирдорҳои хушахлоқона ва рафтори маънавӣ мутаносиб мегардонанд;
- дарёфти роҳу воситаҳои истифодаи самараноки имконияти мактаб барои таъмини самтгирии шахсиятӣ ва коллективии мутаносибгардонии раванди муносибатҳо;
- таъмини гуногуновозӣ, итоат ва тағйирпазирии мундариҷа, воситаҳо, шаклу методҳои муносибати арзишӣ дар раванди бунёд ва татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ.

Дар таҳқиқот исбот шудааст, ки тарҳрезии иҷтимоӣ ба фарогирии арзишҳои маънавӣ - ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон дар раванди муносибатҳо бо педагог ва татбиқи он дар тарзи ҳаёт, кирдорҳо, рафтори инсонгароёна мусоидат менамояд. Бо сабаби вуҷуд надоштани фаъолияти антропогении шахсиятии иҷтимоию - тарҳрезӣ инсонгароёна кардани

муносибатҳои арзишии мактаббачагон душвор аст, зеро одатан лоиҳаро педагогҳо таҳия карда, ба амалисозии он мактаббачагонро ҷалб мекунанд.

Чунин амалия типи иҷрокунанда, объекти таъсиротро ташаккул медиҳад, ки аз озодӣ ва масъулият мегурезад, ки муносибатҳои худро тарҳрезӣ карда ва барои онҳо ҷавобгар буда наметавонад, барои фарогирии нақши фаъоли шахси хайрхоҳ шавқманд нест. Ин муаммои ҷиддии педагогист, ки мо тавассути фароҳам овардани шароит барои тарҳрезии иҷтимоӣ ҳал кардем. Асосҳо инҳо буданд:

- фарогирии донишҳо дар бораи тарҳрезии иҷтимоӣ ҳамчун воситаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача бо такя ба тамоюлҳо ва навташкилаҳои синни мактабӣ: рушди маҳорату малакаҳое, ки барои фаъолияти иҷтимоӣ заруранд, бо мақсади мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача;

- татбиқи самтгириҳои арзишӣ, ки то синни мазкур ва дар раяти азхудкунии масирҳои инфирдӣ-шахсиятии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача ба даст омаданд; мустаҳкам намудани фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача; дар низоми муносибатҳо ташаккул додан ва татбиқ намудани тарзи ҳаёти инсонгароёна дар асоси амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоӣ.

Фаъолияти иҷтимоӣ-тарҳрезӣ дар тарзи ҳаёти онҳое, ки худро дар низоми арзишҳои мутаносибгардонӣ муайян мекунанд, дар доираи таълими мактабӣ, таҳсилоти иловагӣ, дар вақти фориғ аз дарс амалӣ мегардад ва дар мувофиқат бо тавсияҳои олимон ташкил карда шуд (И.В.Бестужев-Лада, С.И.Генисаретский, В.Л.Глазичев, Е.И.Головаха, В.И.Загвязинский, Л.Н.Коган, И.В.Котляров, С.Г.Панова, А.И.Раев, Л.А.Регуш, Г.С.Сухобская). Аввал худташхис ва ташхис, худтаҳлилкунӣ ва таҳлили самтгириҳои арзишӣ, қобилият ва омодагии мактаббачагон ба мутаносибгардонии арзишии муносибатҳо амалӣ мешавад. Сипас, лоиҳаҳои иҷтимоӣ бо мундариҷаи арзишӣ таҳия ва татбиқ гардида, натиҷаҳо таҳлил мешаванд. Дар асоси меъёрҳои ҳосилшуда ва тағйироти сатҳ ва самти мутаносибгардонии

арзишии муносибатҳо дар ибтидо, мобайн ва интиҳои кор буриши педагогӣ гузаронида мешавад, ки бо худташхиси мактаббачагон пурра мегардад. Ҳамин тавр, дастгоҳи методии таҳқиқот барои муайян кардани хулосаҳои оид ба накши лоиҳакашии иҷтимоӣ дар мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои педагог ва мактаббача боэътимод аст.

Лоиҳакашии педагогӣ марҳала ба марҳала дар ҷанбаҳои таълимӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ҳифзи саломатӣ, иҷтимоию педагогӣ, дар соҳаи дастгирии психологию педагогӣ, ҳифзи ҳуқуқи бачагону ҷавонон, гурӯҳу қишрҳои дигари ба кумак муҳтоҷи ҷомеа амалӣ гардид. Ҳадафи лоиҳаҳо - ҳамоҳанг кардани фаъолияти калонсолон ва мактаббачагон барои парвариши тарзи инсонгароёнаи муносибатҳо ва кирдорҳо, ки дар натиҷаи аз ҷониби мактаббачагон фаро гирифтани арзишҳои маънавию ахлоқии муносибатҳо, сифатҳои шахсият тариқи ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд.

Лоиҳакашии иҷтимоӣ дар асоси принсипҳои зерин сурат гирифт: тамомият, батадриҷӣ, ҳамзистӣ, инсонгароӣ, коллективизм, ки манбаи ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаёти созандаи мактаббачагон мебошад. ***Тамомият*** дар он зоҳир мешавад, ки ҳаёти ҷомеа аз фаъолият, муошират, муносибатҳо иборат аст. ***Ҳамзистӣ*** қаринаи густурдаи ҳаётии вазъият, рӯйдодҳо, «вохӯриро бо шахси дигари муҳим» пешбинӣ менамояд, зеро арзишҳо бояд азхуд шаванд, офарида шуда, дар муносибатҳо татбиқ гарданд. ***Фарогирии батадриҷи*** арзишҳо ахлоқии муносибатҳо аз ҷониби мактаббача боиси густариши ҷанбаҳои зерин мегардад: пойгоҳи зарурии маърифатии муаммоҳо, ки мактаббача барои мустақилона ҳал кардани онҳо кӯшиш менамояд; муайян будани фазо ва натиҷаи муносибатҳои ахлоқӣ; дараҷаҳои озодии мактаббача дар мувофиқат бо масъулиятшиносии ӯ; доираи воситаҳои офаридани арзишҳо (ҳаматарафа ва махсус, худмухтор ва дар муносибатҳо бо одамони дигар). Инсонгароӣ дар он зоҳир мешавад, ки «шахсият на танҳо ташаккул меёбад, балки худро дар ҳолати доимии густариши фаъолият дар муносибатҳо бо одамони дигар ва чизҳои вобастакунандаи ин муносибатҳо нигоҳ медорад» (Э.В.Иленков).

***Коллективизм*** аз иштироки эҷодӣ дар ҳаёту фаъолияти ҷомеа иборат аст, вақте ки мактаббача «ҳаммуаллиф»-и мазмунҳои бо одамони дигар тақсимшуда ва «муаллифи» самтгирии арзишии муносибатҳо мегардад. Ҳар як лоиҳа тариқи гуногуннавъӣ, пуррагӣ ва амиқии мутаносибгардонии робитаҳои ҷамъиятӣ мавқеи мактаббачаро аз «Ман дар олам» ба «Ман ва олам» табдил медиҳад.

Механизмҳои психологию педагогии муносибатҳои арзишии мактаббачагон дар лоиҳкашии иҷтимоӣ инҳо буданд: гузариши беҳаракатии иҷтимоӣ ва таъсироти мутақобили мутаҳаррик, амали бартарафсозии носозгорӣ; механизми ҳаммонанд кардан ҳамчун самтгирӣ ба гурӯҳи референтӣ, «муносибат аҳаммиятпазирона, ки субъектро бо одами дигар ё гурӯҳи одамон алоқаманд мекунанд» [423, с. 13]. Беҳаракатии иҷтимоии бетафовутии байниҳамдигарии одамон ба раванди тарҳрезии иҷтимоӣ, ба ***таъсироти мутақобили мутаҳаррик*** иваз мешавад, таваҷҷуҳ, сипас баҳодиҳӣ ба миён меояд ва мазмун - импулси фаъолият пайдо мешавад. Зимни мавҷудияти мазмунҳо, ангезаҳои носозгор дар ҷомеа падидаи низоангези ***номувофиқатӣ*** ба миён меояд, ки кӯшиши шахсиятро барои дарёфти ҳалли созишкорона бо мақсади коҳиш додани носозгорӣ ва нигоҳ доштани тавозун дар робитаҳо такон мебахшад. Асоси ин қонунро гомеостаз (худтанзим) ташкил медиҳад: ҳолате, ки инсон бо риояи мантиқи робитаҳо дар низоми ақидаҳои гуногун ба тавозун кӯшиш менамояд. ***Ҳаммонандшавӣ*** - механизми иҷтимоишавии шахсият, ки тавассути он меъёрҳо, арзишҳо, мавқеъҳо ва инъикос офарида мешаванд. Асоси онро барпо кардани муносибатҳо байни «Ман» ва арзиш ташкил медиҳад, вақте ки муносибатҳо, кирдорҳо, рафтори шахсият бо тарзи ҳаёт мувофиқанд. Ҷомеа муҳити ***пайвасткунандаи*** (референтӣ) рушди таҷрибаи иҷтимоии созанда ва азхудкунии он, «минтақаи ба худ хоси бехатарӣ, муҳити дӯстонаи ҷамъиятӣ» (А.Я.Журкина) мебошад, ки низоми арзишҳои он барои шахсият намуна ба шумор меравад.

Ҳалли методии вазифаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон дар рафти лоиҳакашии иҷтимоӣ аз ҳалли муаммоҳои фаъолияти ахлоқӣ, маърифатӣ ва муошират дар вазъияти аксиологӣ иборат буд, ки тавассути бартараф намудани тафриқа ва шиддат, бархӯрди ангезаҳои маҳдуди шахсӣ бо ангезаҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардид [72].

Ҳалли ташкилии муаммои мутаносибгардонии арзишии муносибатҳои педагог ва мактаббача дар лоиҳакашии иҷтимоӣ аз бунёди иттиҳодия иборат буд. ***Иттиҳодияҳои*** мактаббачагон ва педагогҳо ихтиёрӣ буда, дар коллектив инкишоф меёбанд, ба ҷустуҷӯ, созгор намудан ва татбиқи муносибатҳои мутаносиби арзишӣ дар тарҳрезии иҷтимоӣ равона гардидаанд. Ба ақидаи мо, иттиҳодия бебаҳрагии мактаббачаро аз муошират бо педагогҳо дар масири инфиродӣ-шахсиятӣ ҷуброн мекунад. Кори барои ҷомеа муҳимро иҷро карда, мактаббача муайян кардани мавқеи худ дар коллектив ва таъсироти мутақобилро бо мақсади расидан ба натиҷаи муайяни ***созанда*** меомӯзад. Иттиҳодияи ихтиёрии созандаи мактаббачагон ва педагогҳо ҳамчун омили иҷтимоишавии онҳо «матои» ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил дода [94], бо такя ба таҳқиқоти Л.В.Алиева, А.В.Волохов, Б.З.Вулфов, И.С.Кон, А.В.Мудрик, М.И.Рожков, Л.И.Уманский ва дигарон бунёд гардидаанд. Мо назарияи дар педагогика коркардшударо ба назар гирифтем: мавқеи шахсият дар азхудкунӣ ва татбиқи арзишҳои ҳаёти коллектив (мактаби илмии Л.И.Новикова), марҳалаҳои бунёди коллектив (Л.И.Новикова, А.Т.Куракин), «корҳои калидӣ» дар худидоракунӣ (В.А.Караковский), эҷодкорӣ дар коллектив (И.П.Иванов), корҳои тарбиявӣ (А.В.Титова) ва ғ. Навъҳои гуногуни иттиҳодияҳои мактабӣ таъсис ёфтаанд: умумимактабӣ, таълимию маърифатӣ, илмӣ, дӯстони як синф, аз рӯйи шавқу рағбатҳо, иштирокчиёни ҳаракати бачагон, гуногунсин, маҳфили мактабӣ ва ғ. Чунин навъҳои иттиҳодияҳои мактабӣ барои наздик кардани вазифаҳои кори таълимӣ ва беруназтаълимӣ кумак расонида, онро бисёрҷанба гардониданд.

Фаъолияти иттиҳодияҳои созандаи мактаббачагон ва педагогҳо ба принсипҳои педагогии зерин асос меёбанд, ки афзудани сатҳи муносибатҳои

арзишии онҳоро таъмин мекунанд: тамомияти инсон ва таҷрибаи ӯ дар муносибатҳои арзишӣ, баробарии мазмунҳои арзишии мактаббача ва педагог, кушод ва нотамом будани рушд, таъмини худҳаракати фардияти эҷодӣ дар ҷамъият, самтгирӣ ба рушди мусбат, ҳалли муаммоҳои ҳаёти субъектҳои иттиҳодия, хусусияти худфаъоли онҳо, ҳамчунин принсипҳои классикии мувофиқат ба табиат, иҷтимоъ ва фарҳанг, ки ба принсипи антропогенӣ табдил дода шудаанд.

Тарҳрезии кори иттиҳодияҳо марҳалаҳои зеринро дарбар мегирифт: 1) таъсиси иттиҳодия (мактаб ва муҳити он); 2) ошкор намудани муаммоҳои асосӣ, эҳтиёҷоти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ; 3) таҳияи «симои коллективии» беҳтаргардонии ҳаёти иттиҳодия; 4) коркарди нақшаи амалиёт, гузаронидани таҳлили хавфҳо (мулоҳиза сари он, ки чиҳо ба татбиқи нақша халал расонида метавонад ва барои бартараф кардани монеаҳо чиҳоро ба назар бояд гирифт); 5) муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии иҷрои нақшаи амалиёт, дараҷаи ноилшавӣ ба ҳадафҳо; 6) гузаронидани «аудити» барномаҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ бо мақсади муайян кардани манбаъҳои дастгирӣ (мухолифат); 7) ба дастгирии нақша ҷалб кардани одамони гуногункасб ва гуногунсин, ташкилоти ҷамъиятӣ, сохторҳои истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ, мақомоту муассисаҳои давлатӣ, воситаҳои ахбори омма, ташкилоти динӣ, фондҳо; 8) ангезиш ва таҳрики бахшҳои гуногуни ҷомеа барои саҳмгузории бештар ба иҷрои нақшаи амалиёт; 9) татбиқи нақшаи амалиёт тариқи низоми лоиҳаҳои хурд; 10) ташкили мониторинги баҳодиҳии пешрафт дар натиҷаҳои иҷрои нақшаи амалиёт, ислоҳи он дар ҳолати зарурат.

Натиҷаи таъсиси иттиҳодияҳои гуногун таъмини интихоби озодонаи мактаббачагон аст. Мо пешниҳод кардем, ки он дар «Варақаи иштироки мактаббача дар фаъолияти ҳаётии иттиҳодияҳо» инъикос ёбад (ниг. ҷадвали 16).

**Ҷадвали №16.**

**Варақаи баҳисобгирии иштироки мактаббача**
**дар фаъолияти иттиҳодияҳо**

| Ному насаб | Муҳлат, мавқеъ, натиҷаҳо | Номгӯи иттиҳодияҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | таълимӣ-маърифатӣ | ҳаракати мактаббача | аз рӯйи шавқу рағбатҳо | дӯстони синф | | берун аз мактаб | берун аз таъсири педагогӣ |

Дар варақа дараҷаи иштирок ва мавқеи иҷтимоии мактаббачагон дар иттиҳодия бо аломатҳои шартӣ ифода меёбанд, ки пайгирии динамикаи онҳо, ба нақша гирифтани мусоидати педагогиро имкон медиҳад. Ин боиси бартарии мантиқи на пароканда, балки амиқрави худмуайянкунӣ мегардад, ки барои роҳ надодан ба «мутаносибгардонии суст» (ифодаи К.Ясперс) ёрӣ мерасонад. Муносибати арзишии мактаббачагон дар лоиҳакашии иҷтимоӣ тариқи се самти асосии ҳамгиро: фарогирии низоми густаришёбандаи маънавию ахлоқии мавқеъҳои иҷтимоӣ, амсиласозии тарзи ҳаёти ҷомеаи инсонпарвар дар якҷоягӣ бо худфаъолияти эҷодӣ, мусоидати педагогӣ ба баланд кардани сатҳи омодагӣ ба мутаносибгардонии муносибатҳо амалӣ мегардад.

***Самти якум*** - аз ҷониби мактаббачагон азхуд шудани низоми мавқеъҳои иҷтимоӣ «ҳаёти кӯдакро бо ҳазорҳо робитаҳои иҷтимоӣ пур карда, фаро мегирад» (Л.С.Виготский). Таъкиди ҷиҳати маънавию ахлоқии ҳар як мавқеъ ба консепсияи «панҷараҳои репертуари»-и Д.А.Келли, «компютери рефлексивӣ» ва «алгебраи виҷдон» [104], консепсияи иҷтимоӣ-нақшдор [180] асос меёбад. Он имкон медиҳад, ки дар муҳити номутаносиб самтгирии рушдёбанда ба тавозун дароварда шавад, неруи ҳаётӣ, ирода ва устувории характер, некбинӣ нисбат ба «падидаҳои қурғошимини воқеият» (А.М.Горкий), дурустии баҳодиҳӣ ва пешгӯии раҳоӣ аз вазъиятро бунёд мегузорад. Таъкиди чунин ҷиҳатҳо ба рушди «санъати зиндагӣ дар олами ғояҳо ва одамони номонанд» [30], мусоидат мекунад, шаклҳои муносибатҳо ва муошират бо одамон, муҳимтар аз ҳама, корҳои некро тавлид ва парвариш менамояд.

Самтгирии лоиҳакашиҳои иҷтимоӣ барои фарогирии арзишҳои мутаносибгардонии муносибатҳо тариқи азхудкунии низоми мавқеъҳои иҷтимоӣ аз ҷониби мактаббача бо барномаи «***Олами худро худамон***

***месозем»*** таъмин мегардад, ки бахши Барномаи рушди мактаб мебошад. Он беш аз даҳ самтро дарбар мегирад, ки дар асоси «Муқаррарот оид ба лоиҳакашии иҷтимоӣ» коркард шуда, варианти тарбияро тавассути «вояҳои калон» амалӣ менамояд: маҷмуи лоиҳаҳои иҷтимоӣ, ки мазмунан аз рӯйи методикаи муносибатҳо коллективӣ ва кори эҷодӣ бунёд ва амалӣ мешаванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки эҳтиёҷоти шахсӣ ва иҷтимоии мактаббачагон дар мутаносибгардонии муносибатҳо татбиқ гарданд. Ҳамин тавр, «майдони ангезишии муносибатҳо ва таъсироти мутақобили иҷтимоӣ» (Л.В.Байбородова) бунёд мешавад. Лоиҳаҳо табиӣ мебошанд, зеро ҳама чизи ғайритабиӣ, ба гуфтаи Афлотун, нохуш аст. Он фаъолияти томи мазмуну низомофарандаи мактаббачагон гардида, муносибатҳоро бо назардошти робитаи тамоми ҷузъҳои онҳо мутаносиб ва инсонгароёна менамояд, ки тавассути чунин мавқеъҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад:

- «инсони бошафқат», ки мувофиқи он лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар шакли «аҳроми фаъолият» аз рӯйи самтҳо («Ман дар ботини худам», «Ман ва оила», «Ман ва коллектив», «Ман ва ҷомеа», «Ман ва олам») тарҳрезӣ шудаанд. Лоиҳаҳои доимо амалкунанда: «Хона бидуни танҳоӣ» - ёрӣ ба одамони танҳо, маъюбон, куҳансолон, беваҳои аскарон, бекорон; «Ғамхорӣ» - таваҷҷуҳ ба омӯзгорони собиқадор, иқлими мактаб; «Ту медонӣ - ман дар наздат!» - фаъолияти муштарак бо бачагоне, ки дар хона таълим мегиранд; «Даст ба даст» - ёрӣ ба онҳое, ки дар Хонаи бачагон зиндагӣ мекунанд; «Қадам ба истиқбол» - муошират бо тарбиятгирандагони интернат; «Хурдакак» - ғамхорӣ ба хурдсолон; «Мактуб ба артиш» - дастгирии наваскарон;
- «инсони кушода», ки дар он маҷмуи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ба ғояи кушодагии муҳит ва низоми педагогӣ ҷавобгӯ аст. Ин имкон медиҳад, ки тезиси А.С.Макаренко татбиқ шавад: ягон гурӯҳи пӯшида, ягон коллективи мушаххас тамоми боигарии муносибатҳо ва арзишҳои ҷамъиятиро то охир фаро гирифта наметавонад. Дар он минтақаҳои таъсироти мутақобили

дохилӣ бо «далелҳои умумии иҷтимоӣ» (М.Мосс), фаъолияти муштарак бо муассисаҳои таълимӣ, эҷодӣ, илмӣ пурра карда мешавад.

- «инсони худидоракунанда», ки иттифоқи субъектҳои муносибатҳои арзишӣ (мактаб, кормандони тиб, психологҳо, Иттифоқи мактаббачагон, мактаби варзиши бачагону наврасон, маркази иҷтимоӣ-барқароркунӣ, қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ, раёсати БДА ва диг.) - Шурои ҷамъиятӣ ҳамчун иттиҳодияи ихтиёрӣ амал мекунад. Озмуни «Инсони сол» маҳорати амалисозии интихоби озодонаро инкишоф медиҳад, ки меъёри муҳимтарини он натиҷаҳои созандаи иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ мебошад. Номҳои ғолибонро дар Китоби дастовардҳои шахсии мактаббачагон, портфолиои онҳо сабт мекунанд, ки самти аввалини он «Инсонгароӣ ва шафқат» аст;
- «субъекти омӯзиш», ки дар он аз ҳисоби қонеъ гардонидани эҳтиёҷ ба худсобиткуниву худтатбиқнамоӣ дар асоси мустақилият, ёрии ҳамдигар, ҳамкорӣ муносибат ба кори таълимӣ ҳамчун кори барои шахсият муҳим, ҷолиб тасдиқ карда мешавад. Дар Ассамблеяи донишҳои аксиологӣ, саёҳат-ҳои таълимӣ (Е.Н.Коробова), курси «Этикаи ҳаёти инсон» (М.Н.Аплетаев), лоиҳаи «Мутаносибӣ» (наздик кардани арзишҳои оила ва мактаб) симоҳои одамоне муаррифӣ мешаванд, ки барои пайгирии ҳадафҳои наҷиб ҳатто дар вазъияти мураккабтарини ҳаёт қобиланд. Мактаббачагон ба сатҳи баландтари дарк, ҷамъбасти арзишҳо мебароянд, ошкор кардани ангезаҳо ва оқибатҳои муносибатҳои одамонро меомӯзанд, ки барои пайдоиши мазмуни шахсии арзиш, маҳорати мутаносибгардонии муносибатҳо мусоидат мекунад.
- «субъекти иртибот» - таъсироти мутақобил дар ҳаракатҳо, иттиҳодия-ҳо, ташкилоти ҷамъиятии бачагон (С.П. Афанасева, Н.Ф.Басов, А.В.Волохов, И.Г.Гордин, Л.Г.Диханова, Г.М.Ивашенко, Т.Г.Курганова, Э.Ш.Камалдина, Р.А.Литвак, В.Г.Яковлев ва диг.) фаъолнокии иҷтимоиро афзуда, қобилияти созмондиҳиро инкишоф медиҳад, барои мутаносибгардонии муносибатҳо мусоидат намуда, фарҳанги рафторро ташаккул медиҳад, ҳамчунин самтгирии мусбати фаъолиятро ангезиш медиҳад. Мавқеи ҳаётии мақбули ҷомеа инкишоф меёбад, ки дар асоси «Суроғаҳои ғамхории иҷтимоӣ»

хусусияти дутарафа пайдо мекунад. Масалан, мактаббачагон ба собиқадорон дар корҳои хона ёрӣ мерасонанд, онҳо бошанд, дар ташкили осорхонаи мактаб ёрӣ мерасонанд ё тавассути шурои худ оид ба пардохти роҳкирои гурӯҳи ҷустуҷӯӣ дархост менамоянд;

- «инсони ҷисман рушдёфта», ки дар он мутаносибгардонии неруҳои маънавӣ ва ҷисмонӣ, самтгирӣ ба сатҳи пешрафтаи он таъкид карда мешавад. Дар маркази таълимӣ-солимгардонии истироҳат, ки тамоми сол фаъолият дорад, ҳамгироии лоиҳаҳои дастгирии варзишӣ, барқароркунии ҳаракатҳо ба худтакмилдиҳӣ равона гардидааст. Ин масъулиятшиносӣ, суботкориро баланд карда, интизомро мустаҳкам менамояд, ҳолатҳои камҳаракатӣ, стрессҳо, майлҳои худпарастонаи шахсиятро пешгирӣ менамояд, функсияҳои инкишофдиҳандаи организмро сафарбар мекунад. Ҷавонон дар бахш назди қисми оташхомӯшкунӣ фаъолият мебаранд; дар маҳфиле, ки якҷоя бо шуъбаи ҷамъияти дифоъ ва комиссариати ҳарбӣ таъсис ёфтааст, ба фаъолияти ҳарбии касбӣ омодагӣ мебинанд. Духтарон барои хоҳишмандон сексияи «Хонум - камолот» ташкил карданд;
- «субъекти фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ», ки дар он бо қувваҳои Биржаи амалияи ҷавонон якҷоя бо маркази шуғли аҳолӣ одати наҷиб ба меҳнат инкишоф дода мешавад. Мактаббачагон дар лагери тобистонаи меҳнат чорабиниҳои хайриявӣ мегузаронанд, дар бригадаи истеҳсолии хонандагон, маҳфили соҳибкори ҷавон, устохонаи техникӣ хоҳишмандон автомобилҳоро меомӯзанд ва дар таъмири онҳо ба собиқадорон ёрӣ мерасонанд. Иштирокчиёни маҳфили «Ошхона, одоби таомхӯрӣ ва меҳмондорӣ», марказҳои иҷоравӣ сарпарастии одамони куҳансолро ба ухда гирифтаанд. Дар фотомаҳфил ярмарка-намоишҳо мегузаронанд, ки маблағи онҳо барои харидани бозичаҳо барои бачагони маъюб сарф мешаванд. Ин кӯшиши то ҳадди имкон зоҳир кардани неруи ҷисмонию маънавӣ, истифодаи таҷрибаву дониш, маҳорати муносибат, қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои мусбати меҳнатро инкишоф медиҳад.

***Самти дувуми*** мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача дар лоиҳакашии иҷтимоӣ - фаъолияти эҷодии мактаббачагон аст. Он «ғизоӣ маънавию ахлоқӣ барои муносибатҳои мутақобил» аст [20, с.25], неруи инкишофи фардияти эҷодии мактаббачагонро дар шароити амсиласозии тарзи инсонгароёнаи ҳаёт тавлид месозад. Дар пойгоҳи мактабҳо Маркази ташаббус ва эҷод таъсис меёбад, ки барои ошкорсозӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии мактаббачагон тариқи муносибатҳои ҳамдигарро пурракунанда дар корҳои муҳим мусоидат менамояд. Шаклҳои чунин корҳо:

- озмунҳои ташаббусҳои барои ҷамъият муфиди мактаббачагон «100 лоиҳаи синфӣ», ки дар ҳамкорӣ бо сарпарастон баргузор мешаванд. Онҳо фарогирии донишу маҳорати лоиҳавиро тариқи муносибатҳо, гирифтани грантҳо, бунёди бонки лоиҳаҳои иҷтимоӣ ангезиш ва таҳрик медиҳанд. Мақсадгузорӣ, лоиҳакашӣ муҳим будани муносибатҳои арзиширо таъкид карда, қобилияти шахсиятро барои рушди оянда ангезиш диҳад;
- бунёди лоиҳаҳои дигаргунсозии олам (худ, табиат, ҷомеа, фарҳанг) гуногунии шавқу рағбат ва эҳтиёҷ, кӯшиши мактаббачагонро барои «татбиқи худ» ҳамчун иштирокчиёни муоширати байнишахсӣ ва байнинақшӣ пешбинӣ менамояд. Лоиҳаҳо барои худи тарроҳ «амалияи фалсафӣ» мегарданд (С.И.Гессен). Раванди лоиҳакашӣ ҳамчун «гиреҳи композитсионӣ» [96, с.20], проблемавӣ кардани арзишҳо хизмат мекунад, нерӯҳои маънавиро ғанӣ гардонида, мактаббачаро ҳамчун созанда инкишоф медиҳад ва асоси меъёрии интихоб ва татбиқи арзишро дар вазъияти проблемавӣ ташаккул медиҳад;
- ҳосилшавии стратегия ва тактикаи татбиқи лоиҳаҳои муносибатҳо созишро дар тасаввуротҳо, хоҳишҳои мактаббачагон пешбинӣ менамояд, ки дар асоси муколама сурат мегирад. Ин боиси «кашидани ниқобҳо» мегардад, ки ба нақшҳои иҷтимоӣ вобастаанд, муносибатҳои инсонгароёнаро ҷорӣ менамояд, ки баробарҳуқуқии таъсироти мутақобилро таъмин менамояд. Он гоҳ таҷрибаи шахсии «муҳиммияти инсони дигар» (В.С.Библер), падидаҳои гуногуни фарҳангӣ, мазмунҳои ҳарранга, сервазифа, гуногунсифат ба вуҷуд

меоянд. «Фарзияи фаҳмиш» (Г.С.Батишев), қабули арзишҳои фанонопазир тасдиқ гардида, хатари ивазкунии онҳо қалбакӣ паст мешавад, ташаккули «қашшоқии маънавӣ» (Н.Е.Шуркова) пешгирӣ мешавад. Дар ҳудуди ду (ва бисёр) шуур низомҳои наздики арзишҳо бунёд мешаванд, татбиқи онҳо дар муносибатҳо амалӣ мегардад;

- дар асоси принсипи густаришёбӣ ҷамъияту иттиҳодияҳои гуногун: синф бе роҳбари синф, маҳфилҳо (фароғати шавқовар, мактаббачагон ва педагогҳо, ихтироъкорон, мухлисони даста, барномасозон, ҳуқуқшиносон, сиёсатмадорони ҷавон), синфхонаҳои кампютерӣ таъсис ёфтанд. Дар пойгоҳи мактаб Иттфоқи мактаббачагони микроноҳия бо хадамоти ҳифзи иҷтимоӣ-педагогӣ ва дастгирии психологӣ, телефони боварӣ амал мекунад. Амалисозии худидоракунӣ имкон медиҳад, ки ташаббускории иҷтимоӣ тарбия карда шавад, ки «майдони муносибатҳоро густариш дода» [63, с.19-20], ба рушди шахсият ёрӣ мерасонад;

- аз ҷониби мактаббачагон якҷоя фаро гирифтан ва эҷод намудани фарҳангро ҳамчун таҷассуми зиндаи олами арзишу мазмунҳои инсонӣ робитаи замонҳо ва наслҳо таъмин менамояд. Инсонгароёна ва мутаносиб гардидани муносибатҳо дар муҳити таълимии мактаб амалӣ мешавад. Бахши машғулиятҳои инкишофдиҳанда, ҳамгирокунандаи самташ аксиологӣ ҷорӣ карда шуд, ки сарҳадҳои маърифатро аз байн мебардорад. Мактаббачагон «Этикаи олами виртуалӣ»-ро азхуд мекунанд, эҷод мекунанд, нашрияҳои чопӣ мебароранд, дар маҳфили корҳои хориҷӣ бо рафиқони хориҷӣ мукотиба мекунанд, ба илм (маркази аграрӣ-таҳқиқотӣ ва маркази тибби халқӣ, маҳфили вохӯриҳои шавқовар) ҷалб мешаванд. Эҷодкорӣ фарҳанги онҳоро тариқи баланд кардани эҳтиёҷ ба муносибатҳо баланд мекунад, соҳибмаълумотии иртиботии онҳоро инкишоф медиҳад;

- устохонаҳое бунёд шуданд, ки барои амиқ намудани донишҳо, рушди эҷодии мактаббачагон дар асоси тавозуни типҳои эҷодӣ ва такроркунандаи тафаккур, методҳои илмӣ ва адабии маърифати арзишҳо пешбинӣ шудаанд. Мактаббачагон алгоритми «чоргона» - банақшагирӣ, омодагӣ, гузаронидан ва

ҷамъбасти лоиҳакашии чорабиниҳо, ҳамоишҳо, тренингҳо, дарсҳо тахайюл ва намоишҳо, машғулиятҳои ҳамгиро (байнифаннӣ, гуногунсин), экспедитсияҳои илмӣ-маърифатӣ, аукционҳои супоришҳо ва ғайраро фаро мегиранд. Ин ба принсипи синтези зеҳн, аффект ва амал мувофиқ буда, тамомияти воситаҳои азхудкунии арзишҳои мутаносибгардонии муносибатҳо: маърифатӣ, эмотсионалию иродавӣ ва муассирро тавлид месозад;

- аз рӯйи методикаи И.П.Иванов [164], В.А.Караковский [84] корҳои коллективии эҷодӣ гузаронида шуданд, ки барои иштироки ҳамзамон ва ихтиёрии аъзои ҷомеаи мактабӣ имконият фароҳам меоранд. Дар кори умум онҳо худро на дар корҳои беҳуда, балки шавқовару муҳим татбиқ намуда, масъулиятро барои лоиҳа ба дӯш мегиранд;
- дар маҳфили «Кишвари азизи ман» мактаббачагон якҷоя бо олимон, донишҷӯён, волидайн ва педагогҳо дар сафарҳои ҳафриётӣ, таърихӣ-географӣ, геологӣ, кишваршиносӣ ва саёҳатҳои мавсимии саҳроӣ иштирок карданд. Онҳо маводи ҷамъовардаро меомӯзанд, экспозитсияҳо тайёр мекунанд, ёдгориҳои фарҳангӣ ва меъмориро дар вақти холӣ барқарор намуда, бо ин васила неруи фитрии худро ошкор месозанд, мазмуну арзишҳоро бо одамони дигар мувофиқ мегардонанд;
- дар доираи лоиҳаи «Мо истироҳат мекунем» анъанаҳои пайвастшавии шахсият ба арзишҳои маънавӣ дар раванди муносибатҳо зимни иштирок дар кори маҳфилҳо, сексияҳо ташаккул меёбанд. Маркази батанзимдарорандаи байнимактабӣ таъсис ёфта, дар он студияҳо, иттиҳодияҳои адабию бадеӣ, иттиҳодияҳои театрӣ, устохонаҳои дискбарорӣ фаъолият доранд;
- чорабиниҳои гуногуни эҷодӣ (ҷамъомадҳо, ё мактаб ва ғ.) баргузор мешаванд. Чунин нуқтаҳои муносибатҳо ёрӣ медиҳанд, ки дар муҳлати фишурда мактаббачагон ба муошират ва муколама оид ба арзишҳо ҷалб карда шаванд.

***Самти севум*** дар тарҳрезии иҷтимоии муносибатҳо аз мусоидати педагогӣ ба баланд бардоштани сатҳи омодагии мактаббачагон ба муносибати арзишӣ иборат аст. Онро мавқеи махсуси педагог дар ҷамъияти

мактаббачагон таъйин мекунад, ки бо формулаи «ҳамроҳ, аммо андаке пеш» (А.С.Макаренко) ифода меёбад. Педагог миёнарав байни арзишҳои муошират, фарҳанг, ҷомеа ва мактаббача аст, лоиҳаи иҷтимоӣ бошад - инъикос муносибатҳои арзишии онҳо ҳам аз рӯйи мазмун, ҳам шакл мебошад. Бинобар ин, агар лоиҳаҳои иҷтимоиро педагогу мактаббачагон таҳия ва амалӣ намоянд, шароитро барои ин кор педагог таъмин мекунад. Кори педагогҳо дар мувофиқат бо барнома тарҳрезӣ мешавад ва дар «Варақаи баҳисобгирии мусоидати педагогӣ ба муносибатҳои арзишии мактаббачагон» инъикос ёфтааст, ки маълумоти он таҳлили динамикаи саҳм ва нақши онҳоро дар раванди таҳқиқшаванда имкон медиҳад. Он ба марҳалаҳои зерин тақсим шудааст:

1. Муоинаи педагогӣ (ташхис, таҳлил ва баҳодиҳии вазъи омодагии мактаббачагон ба муносибатҳои арзишӣ).

2. Пешгирии кирдору рафторҳои зиддиахлоқӣ дар муносибатҳо: хайрхоҳӣ, омӯзонидани лоиҳакашии иҷтимоӣ, таъмини машғулии ҳар як мактаббача дар лоиҳаҳои барои шахсият ва ҷомеа муҳими созанда.

3. Таҳқиқи самаранокии муносибатҳои арзишии мактаббачагон дар раванди лоиҳакашии иҷтимоӣ, ба мактаббачагон омӯзонидани воситаҳои худташхис, худтаҳлилкунӣ ва баҳодиҳии раванду натиҷаҳои муносибати арзишӣ.

Барои ҳалли вазифаҳои ҳар як марҳала педагог фазои мутаносибгардонандаи фаъолияти ахлоқӣ, муошırати ихтиёрӣ ва гуногунсатҳи мактаббачагонро фароҳам меорад. Бидуни ёрии педагог мактаббача роҳи санҷишу хатоҳоро тай мекард, ки тасодуфан ба комёбӣ расонида метавонад. Бо ёрии педагог мактаббача вариантҳои вазъияти имконпазирро «санҷида», воситаҳои беҳтарини мутаносибгардонии муносибатҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, дар ҳар як мактаббача маҳруки инфиродии азхудкунӣ ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи муносибати арзишии мусбат ташаккул меёбад. Барои ин педагог бояд корҳои зеринро анҷом диҳад:

- амсилаи муносибатҳоро тарҳрезӣ менамояд, ки бо арзишҳои умумиинсонӣ ва ватанӣ, меъёру принсипҳои одамони инсонпарвар мувофиқат дорад. Тариқи такрор ва пурра шудан он дар олами атроф чизҳои арзишашон абадиро нишон дода, дар андӯхтани таҷрибаи фаромӯшнашаванда ёрӣ мерасонад;
- фазои муносибати мутаносибшавандаро васеъ карда, байни «сатҳҳои гуногуни воқеият, байни оламҳои гуногун», ки дорои арзишҳои худ мебошанд, кӯпрук месозад [110, с.217];
- муҳити ахлоқан солими дӯстонаи муносибати мутаносибшавандаро ҳамчун унсури фазои тарбиявии иҷтимоӣ (В.В.Абраменкова, Д.В.Григорев, Ю.Л.Качанов, Ю.С.Мануйлов, А.В.Мудрик, Н.Л.Селиванова), «муҳитро дар муҳит» меофарад (Л.И.Новикова);
- дастрасии иттилоотро дар бораи муносибатҳои мутаносибшаванда таъмин менамояд. Дар ин маврид методҳои бозӣ бештар самараноканд, зеро онҳо ба субъектҳои фаъолият имкон медиҳанд, ки аз сарҳади воқеияти мавҷуда берун бароянд ва эҳтиёҷи худинкишофдиҳиро дар раванди муносибатҳо ҳосил намоянд. Бозиҳо намунаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ буда, хислатҳои иштирокчиён, ҳаётфаҳмии онҳоро ошкор мекунанд, ки ба сатҳи мавҷудаи муносибатҳои арзишӣ мувофиқ аст. Асоси инро принсипи дидактикӣ ва тарбиявӣ ташкил медиҳад, ки гузариши тадриҷан гузаштани донишҳои назариявиро ба маҳорати амалӣ пешбинӣ менамояд;
- қонеъ гардонидани эҳтиёти мактаббача барои робитаҳо бо ҷомеа. Дар асоси шахсисозӣ ҳамчун кӯшиши ворид кардани «Ман»-и худ ба шуур, ҳиссиёт ва иродаи одамони дигар шавқу рағбати мактаббачагонро инкишоф медиҳад, ки эҳтиёҷи онҳоро ба муносибатҳои мутақобил меафзояд;
- лоиҳаҳо-навовариҳои барои шахсият ва иҷтимоъ муҳимро тарҳрезӣ менамояд, ки ҳадафи онҳо офаридан, дигаргунсозӣ ё дастгирии арзишҳо дар муносибатҳо мебошад;

- ба бунёди майдони муносибатӣ-арзишӣ, омилҳои сироятёбии эмотсионалӣ мусоидат мекунад: муоширати хайрхоҳона, гуногунсатҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ- иттиҳод, ки некбинӣ ва хушҳолиро ба миён меоранд (В.К.Гавриловетс, Т.П.Гаврилова, Б.И.Додонов, К.Д.Радина, А.С.Ямполская). Дар мактаб «Почтаи боварӣ» амал мекунад: мактаббачагон дар бораи чизҳое менависанд, ки онҳоро хурсанд мекунанд ё ба ташвиш овардаанд. Дар мавриди ҳар як сигнали изтироб тадбирҳои баромадан аз вазъияти осебрасонанда андешида мешаванд;
- раванди ҳаётиро тариқи беҳтар гардонидани андозаи фардият ва иҷтимоишавии мактаббачагон (инсон ва ҷомеа, шаҳрванд ва давлат, шахсият ва коллектив) солим мегардонад. Паси арзиши «азони ман» ва «азони ту» дидани арзишҳои «азони мо», паси «ман»-и сершумор дидани «мо»-ро меомӯзонд. Ба мактаббачагон интихоб кардани арзишҳоеро меомӯзад, ки беҳтаринанд, бинобар ин, майдони мувофиқат ва ҳамкории шахсият ва ҷомеа хизмат карда метавонанд;
- тавлиди неруи ҳамгирои ҳаётии иҷтимоиро таҳрик медиҳад: мактаббача аз ҳисоби якҷояшавии неруҳои муносибатҳо ва ҳамкорӣ, мутамарказ намудани кӯшишҳо, тариқи навъе инкори худраъйӣ субъекти кори умум мегардад;
- дар интихоби иттиҳодияҳое ёрӣ мерасонад, ки ба хусусиятҳои инфиродӣ, шавқу рағбат, «минтақаи наздиктарини рушди» мактаббача мувофиқанд;
- инкишофи рефлексияи мактаббачагонро тавассути вазъияти зерин амалӣ менамояд: мазмунофарӣ да рафти муносибатҳо (барои дарки маънии амалоҳо, ангезаҳо тариқи таҳлил ва худтаҳлилкунӣ дар марҳалаҳои азхудкунӣ, ҷамъбаст, муназзамгардонӣ кумак мерасонад); ҳадафгузорӣ (ба муайянкунии ҳадаф, вазифаҳои кор, дарки натиҷаҳои пешбинишаванда, баҳодиҳии имконият водор менамояд); дарки предмети фаъолият, андешидани шартҳо; интихоб (мусоидат барои банақшагирии мундариҷа ва

тартиби амалиёт, муқаррар кардани воситаҳо, қоидаҳои санҷидан ва баҳодиҳӣ);

- дар рафти муносибатҳо дар шароити гуногунии манбаъҳои иттилоот, тавассути кор на танҳо дар сатҳи ҳарфу калимаҳо, балки дар сатҳи образҳо амалӣ кардани вазифаҳоро меомӯзонад. Дар лоиҳаи «График» тасаввурот дар бораи ягонагии инсон ва воқеияти иттилоотию таълимии «виртуалӣ» амалӣ шуданд. Компютер оид ба арзиши азхудшаванда иттилоот медиҳад, аммо муаммои ба миён гузоштаро ҳал намекунад. Мактаббача вазифаро таҳлил, тасниф, ҷамъбаст, муназзам мегардонад ва воситаҳои мувофиқи иҷрои онро дармеёбад;
- дар тренинги «Асосҳои мутаносибгардонии муносибатҳо» омодагии мактаббачагонро ба муносибатҳо инкишоф медиҳад. Тавассути воситаҳои терапевтӣ (масал, афсона, драмаи психологӣ) барои «аз як тараф дидани худ», ислоҳи сифатҳо, қобилияти худсафарбаркунӣ дар раванди муносибат: худқабулкунӣ, худтанқидкунӣ, худфармондиҳӣ ёрӣ мерасонад; методҳои одитарини аутотренинг, худоромкунӣ азхуд мешаванд;
- татбиқи маҳорати ташкилӣ, кӯшишҳои иродавӣ ва мустақилияти мактаббачагонро дар иҷрои амалҳо зимни муносибатҳо дастгирӣ мекунад. Ҳангоми амалисозии назорат дар санҷидани кор, дарёфту ислоҳи хатоҳо, бартараф кардани норавшанӣ ва мушкилот ёрӣ расонида, маҳорати ҳадафгузорӣ, худназорат, худтанзимкуниро инкишоф медиҳад. Дар вазъияти баҳодиҳии арзиш, кирдор мактаббачагонро ба худбаҳодиҳӣ, худтаҳлилкунӣ ангезиш медиҳад.

Сатҳи омодагӣ ба мусоидати педагогӣ дар мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббачагон тариқи тайёрии ташкилӣ ва психологию педагогӣ баланд мешавад, ки дар ҷадвал аз рӯйи шакли пешниҳодкардаи мо инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали №17.**

***Омодагии педагогҳо ба мусоидат дар мутаносибгардонии муносибатҳо***

| Самтҳои кор | Кӣ иштирок мекунад? | Вазифаҳои педагогӣ | Мундариҷаи фаъолият | Сатҳи омодагӣ ба мусоидат |
|---|---|---|---|---|

Омодагии педагогҳо хусусияти ғайриихборӣ дошта, бо такя ба мутаносибгардонии «афзалияти мавҷудияти худ дар ҷомеа» [251, с.39] амалӣ мешавад. Ин вазъиятеро бартараф мекунад, ки калонсолон дар шоҳигарии оинаҳои каҷнамо зиндагӣ доранд, бинобар ин, бачагон низ ин шоҳигариро каҷ дарк мекунанд (В.А.Караковский). Он аз ҷониби бригадаи мутахассисон дар соҳаи педагогика, аксиологияи педагогӣ ва психология дар асоси «Барномаи рушди коллективи педагогӣ» (умумӣ) ва «Барномаи ба коллек-тиви педагогӣ омӯзонидани амалисозии мусоидати педагогӣ ба мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббачагон» (ҷузъӣ) татбиқ мешавад. Кори гуногуннавъ дар маҳфили педагогҳо, дар кафедраҳои мактаб, дар тренинги иҷтимоӣ-психологӣ анҷом дода мешавад, ки шаклҳои кор, мисли видеотренинг, таълим тавассути нақшҳо, таҳлили гурӯҳӣ ва инфиродии баҳоҳо ва худбаҳодиҳӣ, мубоҳисаҳои коллективӣ, ҳалли вазъияти проб-лемавӣ, методикаҳои ғайрилафзӣ ва ғайраро фаро мегирад.

Дар муддати татбиқи барномаҳои холи умумии миёнаи баҳои сифатҳои инсонпарваронаи педагогҳо аз 3,2 то 4,6 хол афзуд, яъне онҳо пештар «на ҳамеша» ва «кам» зоҳир мегардиданд, ҳоло бошад, «қариб ҳамеша» зоҳир мешаванд. Тағйироти мусбати қобилиятҳои ҳамҳиссӣ, эҷодӣ, омодагии педагогҳо ба ҳамкорӣ ба даст омаданд. Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси ҷамъбастӣ муқаррар гардид, ки сифатҳои шахсияти педагогҳо мутаносиб шудаанд: сифатҳои маънавӣ 56%, сифатҳои ахлоқӣ - 44% ташкил доданд. «Вохӯриҳои маънавии» педагог ва мактаббача анъанавӣ гардиданд, онҳо ба «Ман»- и ботинии худ эътимод доранд, таҷрибаи муносибати инсонгароёна, ҳамзистӣ, воситаи мазмунан мусбати ҳаётгузарониро меандӯзанд.

Дар бораи самаранокӣ, муассирии лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар тарзи ҳаёти мактаббачагон, ки дар низоми мутаносибгардонӣ худмуайянкуниро анҷом медиҳанд, аз рӯйи ҷараёни татбиқи иқтидори шахсияти онҳо, пайвастагӣ ба равандҳои арзишофарӣ, ташаккули сифатҳои шахсият ва таҷассуми он дар муносибатҳо ва рафтор хулоса метавон баровард.

Натиҷаҳои ҳосилшуда дар бораи коҳиши батадриҷи мусоидати педагогӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бо афзудани диққат ва фаъолнокии зеҳнии мактаббачагон (марҳалаи заминагузории ғояҳо ва илҳом), ташаббуси эҷодӣ, қобилияти мутамарказонида равона кардани неруву ғайрат, зиёдшавии давомнокӣ ва шиддати тамаркуз дар фарогирии низоми арзишҳои мутаносибгардонии муносибатҳо алоқаманд аст. Мактаббачагон тавассути дарки фикрӣ, мулоҳизаронӣ дар рафти фаъолияти лоиҳакашии иҷтимоӣ, дар худсозии ҳаёт тариқи азхудкунии инфиродии арзишҳои воқеияти атроф муносибати интихобиро ба олам инкишоф доданд, ки дар пайдоиши тафовутҳои байни низомҳои баҳодиҳии муносибатҳои мактаббачагон ифода ёфт. Чунончи, дар гурӯҳҳои озмоишӣ мактаббачагон зимни баҳодиҳии худ дар рафти муносибатҳо маҷмуи сифатҳои шахсиро истифода бурданд, ки нисбат ба ҳамсолони онҳо аз гурӯҳи назоратӣ ба ҳисоби миёна 2 маротиба зиёдтар параметрҳоро дарбар мегирад. Натиҷаҳои омӯзиши сатҳи инкишофи мулоҳизаронҳои ахлоқии мактаббачагони гурӯҳҳои озмоишӣ тағйироти низомҳои баҳодиҳиро ҳамчун заминаи интихоби арзишҳо ошкор намуданд. Ба онҳо мулоҳизаҳо бештар хосанд, ки дар бораи кӯшиш барои баробарандозагии инсонгароӣ ва иҷтимоишавӣ гувоҳӣ медиҳанд: «Мутаносибии равонӣ имконпазир аст, агар ту ба андозаи баробар инсони гиранда ва диҳанда бошӣ» (Шукрона Б.). Дар ҷавобҳои мактаббачагони синфҳои озмоишӣ ба савол оид ба сифатҳои арзишманд мутаносибгардонии арзишҳои барои шахсият ва иҷтимоъ муҳим ба ҷойи баландтар гузошта шуданд (ниг. ҷадвали 18).

Маълумоти ҷадвал гувоҳӣ медиҳанд, ки барои мактаббачагони синфҳои озмоишӣ дар раванди муносибатҳо эътибори некӣ паст нашуд, мақоми адолат, оштинопазирӣ бо бадӣ ҳамчун нишонаҳои инсонгароӣ баланд гардидааст, ки дар гузаронидани он ба ҷойи якум ифода ёфтааст. Коллективизм, ки пештар арзиши баланд надошт, то ҷойи дувум боло баромад. Арзишмандии бовиҷдонӣ ва шарафмандӣ афзудааст. Муҳим аст, ки ин қабули когнитивӣ, намоишкоронаи арзишҳо нест; он дар рафти муносибатҳо,

кирдорҳо, рафтор зоҳир гардид: некӣ, адолат, коллективизм, виҷдон ва шарафмандӣ ҷойҳои аввалро устувор ишғол мекунанд.

**Ҷадвали №18.**

**Динамика сафбандии сифатҳои муҳим дар раванди муносибатҳо аз ҷониби мактаббачагон**

| Сифатҳои муҳимтарин | Сафбандии сифатҳои арзишманд | |
|---|---|---|
| | **Ибтидои таҳқиқот** | **Интиҳои таҳқиқот** |
| Инсонгарой | **7** | 1 |
| Некхоҳӣ | 1 | 1 |
| Адолат | 4 | 1 |
| Оштинопазирӣ бо бадӣ | 12 | 2 |
| Ростӣ | 6 | 4 |
| Бовиҷдонӣ | - | 3 |
| Меҳнатдӯстӣ | 8 | 5 |
| Хоксорӣ | 13 | 12 |
| Коллективизм ва рафоқат | - | 2 |
| Ростқавлӣ ва самимият | 6 | 5 |
| Инкишофёбӣ | 1 | 10 |
| Принсипнокӣ ва серталабӣ | - | 8 |
| Масъулиятшиносӣ | 10 | 6 |
| Фаъолнокӣ, ташаббускорӣ | 14 | **7** |

Инсонгарой ҳоло бо тамоми нишонаҳояш амалӣ нагардидааст (оштинопазирӣ нисбат ба бадӣ бо нишонаҳои боқимондаи инсонгарой мавқеи якхеларо ишғол накард), ки сабаби ин давомнокӣ, мураккабии инкишофи ин сифат аст.

Корҳои неке, ки дар рафти муносибатҳо амалӣ шуданд, муносибатҳои инсонпарваронаро ба миён овард, ки Л.Т. Подвойская «муошırати мукаммал», мувофиқати арзишҳои муошираткунандагон номидааст [273]. Чунин фаҳмиш бо ақидаи М.С.Коган дар он хусус ҳамовоз аст, ки арзишҳо дар амалия на танҳо санҷида мешаванд, балки тавлид меёбанд, эҳтиёҷи психологӣ барои робита бо одамон ва эҳтиёҷи ахлоқӣ-ҷустуҷӯӣ шахси рӯҳан наздик, аз ҷиҳати маънавӣ ғанӣ гардонидани ҳамдигар мебошанд.

Муошират бо методи иртиботии таҳсилот ва рушди ахлоқии мактаббачагон мувофиқ аст. Дар иттиҳодияҳо ҳангоми шаклҳои коллективӣ,

гурӯҳии муносибатҳо мувофиқати воситаҳои ***«уфуқӣ», кушод*** ва ***«амуди»-и*** иртибот амалӣ мегардад. Он ба мувофиқати манфиатҳои шахсиву корӣ бо манфиатҳои одамони дигар, таҳлил ва баҳодиҳии мавқеи худ водор мекунад. Ҳамин тавр, «эҳсоси ахлоқӣ» [41], фарогирии меъёрҳои он ва собиткунии ахлоқии шахсият ба вуҷуд меояд. Дар рафти татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ, дар муносибатҳо фаъолияти камнизои мактаббачагон воситаи «нарми» мутаносибгардонӣ, фаъолияти миёна - ва баланднизоъ - воситаи «дурушт»-и мутаносибгардонӣ буд [99]. Иртибот барои интиқоли ангезаҳои иттилоотӣ ба соҳаи дохилии эмотсионалӣ-иродавӣ, ахлоқии мактаббачагон ёрӣ дод. Ин самтгирии амалии онҳоро барои анҷом додани типи мутаносиби кирдорҳо дар муносибатҳо пурра кард. Ин ҳолатро А.Н.Леонтев чунин тавзеҳ додааст: механизми «ҷунбиши ангеза ба ҳадаф» ба кор даромада, фаъолияти мазмуну низомофар амалӣ мегардад, ки дар лоиҳакашии иҷтимоӣ ҳамчун воситаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон хизмат мекунад.

Барои таҳқиқи динамикаи фарҳанги иртиботӣ мо методикаи тағйирдодаи таъсироти мутақобил [9] ва методикаи баҳодиҳии маҳорати иртиботии мактаббачагон истифода шуд. Ба онҳо пешниҳод гардид, ки маҳорати иртиботиро бо холҳо баҳогузорӣ кунанд. Натиҷаҳои муқоисаи маълумотҳои ду методикаҳо дар ҷадвал инъикос шудаанд (ниг.ҷадвали 19).

**Ҷадвали № 19.**

**Худбаҳодиҳии динамикаи маҳорати иртиботии мактаббачагон дар раванди муносибатҳо (бо %)**

**синфҳои озмоишӣ**

| Маҳорати иртиботӣ | ибтидо | мобайн | интиҳо |
|---|---|---|---|
| 1.Танзими муносибатҳо бо хонандагон | **0,8** | 1,0 | 1,4 |
| **2. Танзими муносибатҳо бо педагогҳо** | 0,7 | 1,0 | 1,5 |
| 3.Ҳамроҳ будани сахтгирӣ бо эҳтиром | **0,6** | 0,9 | 1,2 |
| 4.Сари вақт ба ёрӣ расидан | 0,7 | 0,9 | 1,3 |
| 5.Объективӣ баҳо додани дастовардҳо | **0,6** | **0,8** | 1,0 |
| 6. Ҳамҳиссӣ ба ҳолатҳои одамон | 1,7 | 1,9 | **2,8** |

Чунонки маълумоти ҷадвал нишон медиҳанд, миқдори робитаҳои байнишахсӣ 20% афзудааст; маҳорати иртиботӣ дақиқ ва устувор зоҳир мешаванд. Қайд бояд кард, ки дар ибтидои кори озмоишӣ мактаббачагон муоширатро фақат ҳамчун мубодилаи иттилоот дарк мекарданд; дар интиҳои озмоиш чунин гуфтор зиёд шуд: «Ман ҳеҷ гоҳ тасаввур намекардам, ки ёрӣ ба каси дигар чунин хушҳолӣ меорад»; «Кори умумии шавқовар ба шинохтани худ, фаҳмидан ва ҳис кардани он чизҳое ёрӣ медиҳад, ки дӯстон қадр мекунанд».

Мактаббачагон дар тарҳрезии иҷтимоии муносибатҳо иқтидори коллективро амалӣ мекунанд (А.С.Макаренко, В.К.Дяченко, И.П.Иванов ва диг.), мазмуни арзишҳои шахсиро дарк намуда, худмуайянкунии арзишҳоро анҷом медиҳанд. Мавқеи ҳаётии «Ман-истеъмолкунанда» барои онҳо қобили қабул нест, дар ҷамъияти калонсолон ва бачагон дар анҷоми корҳо нек фаъолу масулиятшинос мешаванд. Дар бораи чунин самтгирӣ таҳлили 16 вохӯрӣ дар маҳфилҳои гуногун ва 34 кори тарбиявӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки натиҷаҳои онҳо дар ҷадвал инъикос шудаанд (ниг.ҷадвали 20).

**Ҷадвали № 20.**

**Динамикаи зоҳиршавии нишондиҳандаҳои самтгирии мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббачагон (бо %)**

| Нишондиҳандаҳои кирдорҳо, рафтор | Барҷаста зоҳир мешавад | | Зоҳир мешавад | | Суст зоҳир мешавад. | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ибтидои кор | Интиҳо | Ибтидои кор | интиҳо | Ибтидои кор | интиҳо |
| 1.Ҳадафгузории ахлоқӣ | 2,5% | 33,1% | 17,9% | 39,7% | 79,6% | 7,2% |
| 2.Ангезиши ахлоқӣ | 2,8% | 60,4% | 15,6% | 30% | 81,6% | 9,6% |
| 3.Интихоби воситаҳо | 22% | 60% | 15,8% | 28,2% | 62,2% | 11,8% |
| 4. Амал ё беамалӣ | 31,2% | 51,2% | 39,5% | 43,9% | 29,3% | 7,11% |
| 5. Натиҷа | 18,3% | 52,8% | 33,8% | 42,5% | 47,9% | 4.7% |
| 6.Шартҳо | 15,1% | 48,5% | 40% | 45,1% | 44,9% | 6,11% |
| 7.Оқибатҳо | 13,7% | 42,1% | 37,2% | 42,6% | 49,1% | 15.3% |

Маълумоти ҷадвал гувоҳӣ медиҳанд, ки омили низомофаранда «ҳадафгузории ахлоқӣ» дар муқоиса бо ибтидои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ва маълумоти умумишаҳрӣ 30,6% барҷаста зоҳир гардидааст. Ин дар бораи натиҷаҳои баланди лоиҳакашии иҷтимоӣ дар рафти мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббачагон гувоҳӣ медиҳад. Натиҷаҳои кофии баланд аз рӯйи нишондиҳандаҳои дигар низ ба даст омаданд: ангезиши ахлоқӣ - 57,6%; интихоби воситаҳои ахлоқӣ - 38%; амал ё беамалӣ - 20%; натиҷаҳо - 34,5%; оқибатҳо - 28,4%. Дар шароити анъанавӣ заифии нишондиҳандаҳои кирдорҳо дар фосилаи аз 54 то 78% ошкор гардид.

Дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мо тасдиқ кардем, ки самтгирии тарҳрезии иҷтимоӣ ба мутаносибгардонии муносибатҳои мактаббачагон инъикоси объективии арзишро ба дарки он, фаҳмиши «инсонӣ» ва дониши маънои ҳастӣ табдил медиҳад. Зоҳир шудани ташаббус ва ирода дар татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоии мутаносибгардонии муносибатҳо мактаббачаро дар ҷомеаи номутаносиб ҳимоя мекунад, зеро шахсияти қобили ҳаёт дар ҷомеаи тағйирёбанда бомуваффақият ва мутаносиб инкишоф меёбад. Инъикос, тавлиди мазмунҳо амалҳои мантиқии тафаккурро бо моторикаи шахсият, бо ҳиссиёту иродаи ӯ дар муносибатҳо муттаҳид намуда, дар асоси фарогирии маҳорату малакаҳои рефлексивӣ бо мақсади мутаносибгардонии муносибатҳо амалӣ мешавад. Дар ҳалли муташаккилонаи вазъияти проблемавӣ зимни тарҳрезии иҷтимоӣ мактаббачагон фарогири арзишҳои маънавию ахлоқиро амалӣ мекунанд. Ин дар тарзи ҳаёт, муносибатҳо ва рафтор тасдиқ меёбад.

Барои тасдиқи он, ки мактаббачагон мутаносибгардонии муносибатҳоро фаро гирифтанд, мо бояд маълумотро дар бораи типҳои кирдорҳои онҳо ҳамчун меъёри объекти таҳқиқшаванда ба даст меовардем. Ба типологияи кирдорҳои ахлоқӣ такя карда [23], мо динамикаи муносибатҳои мактаббачагонро омӯхтем. Дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ педагогҳо-озмоишгарон, хонандагони синфҳои боло ва коршиносон дар асоси мониторинги унсурҳои сохтории муносибатҳо маълумоти зерин ҳосил шуданд:

**Ҷадвалӣ №21**

**Динамикаи муносибатҳои мактаббачагон, синфҳои озмоишӣ (бо %)**

| Навъҳои муносибатҳо | Синфҳои озмоишӣ | | | Синфҳои назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ибтидои озмоиш | Мобайни озмоиш | Интиҳои озмоиш | Ибт. | Инт. |
| Мутаносиб | 5 | 19 | 41 | 5 | 13 |
| Аффективӣ | 25 | 20 | 17 | 31 | 30 |
| Оқилона (ратсионалӣ) | 29 | 36 | 30 | 22 | 20 |
| Иртиботӣ | 41 | 25 | 12 | 42 | 37 |
| | | | | | |

Афзалияти типҳои мутаносиб ва оқилонаи (71% аз миқдори умумӣ) муносибатҳои мактаббачагони синфҳои озмоишӣ дар бораи боэътимодӣ, инкишофи соҳаи маънавию ахлоқии онҳо, ҳамчунин дар он хусус гувоҳӣ медиҳад, ки мутаносибгардонии раванди педагогии муносибатҳо ба фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқиро аз ҷониби мактаббачагон мусоидат кард. Дар синфҳои назоратӣ дар шароити анъанавӣ муносибатҳои мутаносиб ва оқилона 33% -и навъи кирдорҳоро ташкил доданд. Барои муқоисаи дараҷаи устувории фарогирии муносибатҳои мутаносиб аз ҷониби мактаббачагон мо динамикаи навъҳои муносибатҳои онҳоро аз рӯйи сатҳҳои зоҳиршавӣ таҳқиқ кардем. Натиҷаҳои таҳқиқот дар расми 12 инъикос шудаанд.

***Расми 12. Динамикаи инкишофи навъҳои муносибатҳои мактаббачагон (синфҳои озмоишӣ)ва (назоратӣ)***



Чунонки аз расм аён аст, динамикаи устувору мусбати зоҳиршавии навъҳои оқилона (II), ҳамчунин мутаносиби (I) муносибатҳои мактаббачагон мушоҳида мешавад. Зоҳир гардидани навъҳои аффектӣ (III) ва иртиботии (IV ва V) муносибатҳо коҳиш ёфтааст. Дар синфҳои назоратӣ, ки дар шароити анъанавӣ кор мекунанд, навъҳои III, IV ва V муносибатҳо бартарӣ доранд

Сатҳҳои зоҳиршавии устувори навъҳои муносибатҳои мактаббачагонро бо сатҳҳои муайяншудаи натиҷабахшии мутаносибгардонии муносибатҳо муқоиса карда, чунин хулоса баровардан мумкин аст. Сатҳи баланди худмуайянкуниро дар муносибатҳо 30% мактаббачагон зоҳир карданд (арзишҳои маънавию ахлоқие андӯхта шуданд, ки ба тарзи ҳаёти инсонгароёна ворид гардиданд), сатҳи пешрафта - дар 55% (самтгириҳои арзишии устувор ҳосил шуданд), ибтидоӣ - дар 15% (арзишҳои ноустувор, вазъиятӣ ҳосил шуданд) мактаббачагон ошкор гардид. Ду мисол меорем, ки динамикаи наздик шудани мактаббачагонро ба ҳолати мутаносиб дар рафти муносибатҳо зимни азхудкунии лоиҳаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад.

***Мисоли 1***. Даврон У. - ҷавони қоматбаланд, ба гурӯҳи мактаббачагоне дохил мешавад, ки вақти холиро дар назди хонаҳои истиқоматӣ мегузаронад. Ӯ дар хонаи хурд, дар оилаи нопурра бо модараш зиндагӣ дорад, ки зиёд кор мекунад ва бо писараш кам муошират дорад. Асосан бо баҳои «қаноатбахш» таҳсил карда, имконияти худро татбиқ намекунад. Ӯ аз хурдӣ орзу дорад, ки соҳиби овчарка бошад, аммо шароити танги моддиву манзил ба ин имконият намедиҳанд.

Бо мақсади амалисозии чунин эҳтиёҷи барои шахсият муҳим Даврон якҷоя бо ҳамсинфонаш ба қисми ВКД ба намоиши сагҳои наҷотдиҳанда даъват карда шуд. Ӯро махсусан овчаркаи Рекс мафтун кард. Ҷавон ба парваришгоҳи сагҳои хизматӣ барои дидани саги писандидааш меомадагӣ шуд, ҳамроҳи нозир ба он нигоҳубин карда, дар машқҳо иштирок менамуд. Даврон мегуфт: «Ман ин ҷо худро хуб ҳис мекардам, зеро метавонистам эҳсосотамро бемалол зоҳир намоям». Вақте ки саг бемор шуд, ӯ соатҳо дар китобхона нишаста, дар бораи сагҳо маълумот гирифт. Ҳар саҳар, пеш аз мактаб, аҳволи

онро хабар гирифта, баъд ба мактаб медавид, то ки дер намонад. Мактаббача яке аз ташкилкунандагони лоиҳаи «Саги беҳтарини микроноҳия» гардид. Пешрафти ӯ беҳтар гардида, аз дӯстони пештарааш дур шуд.

Омодагии нокифояи ҷисмонии ин ҷавон ошкор шуд, ки боиси омадани ӯ ба клуби назди ВКД гардид. Машқҳо барои мутаносибгардонии неруҳои ҷисмонӣ ва маънавии ӯ мусоидат карданд. Самтгирӣ ба натиҷаи баланд дар ӯ ғайрати худтакмилдиҳиро тавлид намуд: масъулиятшиносӣ, суботкории ӯ афзуданд, интизомаш тақвият ёфт, майлу кӯшишҳои худбинона пешгирӣ шуданд, функсияҳои инкишофдиҳандаи организм сафарбар гардиданд. Дар сафарҳо, ҷамъомадҳо, дар ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ, муошират неруҳои солим таҷассум ёфта, майдони барангезандаи таъсироти мутақобил бунёд карданд. Ҷавон таҷрибаи мусбат андӯхта ва худмуайянкуниро амалӣ намуда, ба сӯйи дарку фаҳмиши нави арзишҳо роҳ кушод. Ӯ мегуфт, ки «некбинӣ ва як навъ таҷдидро ҳис мекард». Муносибатҳои ӯ бо табиат мутаносиб гардиданд, ки дар ташаккули тасаввурот дар бораи манзараи томи олам, муносибати инсонӣ ба экология, ҳайвоноту наботот, дар тарзи солими ҳаёт, баланд шудани сатҳи фарҳанги экологӣ зоҳир гардид [173, с.67]. Ӯ на танҳо қуллаҳои кӯҳҳоро фатҳ намуда, ғорҳоро иктишоф мекард, балки аз назди дарахтони шикаста низ бепарво намегузашт. Бунёд ва таъмири майдончаҳои бачагон, таҷҳизоти онҳо барои ӯ одат шуда, ин кор хушҳолӣ меовард. Ӯ қайд кардааст, ки «худро инсон ҳис мекард, ниҳоят ҳама диданд, ки ӯ низ бисёр корҳоро анҷом дода метавонад».

Мувофиқати вақти фароғат ва кори душвор, барои худ муқаррар кардани мундариҷа ва ҳаҷми кор, «иктишоф»-и корҳои фоидаовар дар ҷаҳоншиносии ӯ табаддулот ба амал оварда, ба мутаносибгардонии интихоби маънавию ахлоқӣ ёрӣ расонд, самтгирии инсонгароёнаи кирдору рафтори мактаббачаро таъйин кард. Ӯ аз гузориши ҳадаф, банақшагирӣ ва ташкили кор қаноатмандӣ ҳис мекард: «Маълум шуд, ки ин хеле шавқовар аст!». Даврон ба маҳфили кӯҳнавардӣ якчанд бачагони ҳамсояро ҷалб кард. Бе

баҳои 3 мактабро хатм карда, баъди хизмати ҳарбӣ ният дорад, ки касби худро бо ВКД пайванд намояд.

Чунонки мебинем, тағйири шароит дар унсури фаъолиятии тарзи ҳаёт боиси ҷустуҷӯ ва ивазшавии параметрҳои меъёрӣ ва принсипҳои ахлоқӣ, мавқеъ, тарз ва сифати ҳаёти мактаббача гардид.

***Мисоли 2***. Ситора М. - духтаре, ки дар таҳсил пешрав буда, машшота шуданро орзу мекунад. Интихоби касбро бо он асоснок менамояд, ки «аз хурдӣ мӯйҳои лӯхтакҳоро оро медиҳад, аммо бо одамон муошират карданро дӯст намедорад». Дар синфи соҳавӣ якчанд дугона дорад ва бо онҳо нозукиҳои машшотагиро муҳокима карда, дар намоишу озмунҳо иштирок мекунад. Аз ҳамсинфон дурӣ меҷӯяд, ба мушкилоти онҳо таваҷҷуҳ зоҳир наменамояд ва аз комёбиҳояш огоҳ намесозад. Дар корҳои умумӣ иштирок кардан намехоҳад ва инро чунин шарҳ медиҳад, ки вақт надорад, барои дохил шудан ба коллеҷ бояд тайёрӣ бинад.

Боре педагоги синфи соҳавӣ бо мақсади такмили маҳорати касбӣ пешниҳод кард, ки духтарон мӯйҳои мактаббачагони хоҳишманд ва нафақахӯронро оро диҳанд. Духтаракон эълонро тайёр карда, паҳн намуданд. Ситора хомӯшона кор карда, мӯйҳои як пиразанро ба тартиб даровард. Баъди анҷоми кор пиразан Ситораро хеле таҳсин кард. Ӯ эътироф намуд, ки то ҳол ҳеҷ кас ба унвони ӯ чунин суханони хуш нагуфта буд. Ин боиси нигоҳи нави Ситора ба касби интихобкарда ва одамони дигар гардид, ӯ «болу пар баровард», хоҳиши беҳтар иҷро кардани кор пайдо шуд. Тағйири нуқтаи назар ба кори анҷомдиҳанда боиси он гардид, ки дафъаи дигар ӯ дар вақти кор бо одамон гуфтугӯ мекард. Ӯ ба одамон на танҳо аз он ҷиҳат рағбат пайдо кард, ки таҳсин мешунид, балки нотакрории онҳоро дид, аммо барои ӯ «ёфтани мавзуи гуфтугӯ, изҳори ақидаи худ бидуни хафа кардани дигарон душвор аст».

Ба Ситора пешниҳод карданд, ки дар тренинги «Ман ва ҷомеа» иштирок кунад, ки ин салоҳиятнокии ӯро дар муошират афзун намуд. Ӯ мегуфт: «Ман одами дигар шудам, худам инро ҳис мекунам ва дигарон низ ҳаминро таъкид менамоянд. Гӯё занҷирҳо афтоданд. Бо одамон осонтар

тамос мегирам, масалан, ба ягон кас бедушворӣ занг мезанам. Пештар аз ҷавоб додан дар дарсҳо пеши ҳамсинфон метарсидам, ҳозир бошад, бемалол гап мезанам, ин барои худам низ ҳайратовар аст». Дар духтарак тағйироти идрок рӯй дод, маҳорати муқоисаи шавқу рағбати худ бо эҳтиёҷот ва шавқу рағбати одамони дигар шакл гирифт, ки барои ӯ муҳим, арзишманд гардиданд. Ӯ пешгирӣ кардани падидаи номатлуби низоъро бо ёрии ҳаҷв, нармӣ ва муросо омӯхт. Бачагон ба ӯ ҳамчун ҳакаме муроҷиат мекардагӣ шуданд, ки низоъҳо, таҳқирро таҳлил ва пешгирӣ карда метавонад.

Дар ақидаҳои ӯ оид ба касби машшота на танҳо ҳамчун воситаи осудаҳолии моддӣ ва қаноатмандӣ, балки муносибати инсонпарварона ба одамон як навъ табаддулот рӯй дод. Ситора навишта буд: «Хушбахтӣ он аст, ки ба миқдори ҳарчи бештари одамон ёрӣ расонида метавонам». Нишонаҳои мутаносибгардонии муносибатҳо бо одамони дигар: хайрхоҳӣ, ҳассосӣ, қобилият ба ҳамҳиссӣ, некӣ, муҳаббат ба атрофиён, меҳрубонӣ, шафқат, сифатҳои мусбати иртиботӣ, мавҷуд набудани одатҳои бад ва кирдорҳои зиддиҷтимоӣ пайдо шуданд [328, с.66].

Инак, натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, муқоисаи онҳо бо маълумоти умумишаҳрӣ тасдиқ мекунанд: лоиҳакашии иҷтимоии мутаносибгардонии муносибатҳо воситаи мувофиқати арзишҳои шахсияти мактаббача бо арзишҳои фарҳанг ва ҷомеа мегардад, ки дар тарзи ҳаёт, сифатҳои шахсият, низоми кирдорҳо, рафтори мактаббачагон зоҳир мешавад.

## Хулосаи боби дувум

Дар марҳалаи тасдиққунандаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ худташхис ва худтаҳлилкунии самтгириҳои арзишии мактаббачагон ба мутаносибгардонии муносибатҳо гувоҳӣ медиҳад, ки инсонгароиро ҳамчун арзиш бо тамоми ҳаҷми нишонаҳо аз 2 то 21% хонандагон зикр карданд, дар рафтори 12% инсонгароӣ аз рӯйи се нишондиҳанда, дар 85% - аз рӯйи як-ду нишондиҳанда зоҳир мешавад. Сатҳи пасти ҷамъбастии самтгириҳои арзишӣ ба мутаносибгардонии муносибатҳо барои 29% мактаббачагон хос мебошад.

Дар интихобҳои онҳо мусобиқапазирӣ, бахилӣ накардан, меҳнатдӯстӣ кам вомехӯранд, арзишҳое, мисли рафоқат, масъулиятшиносӣ, бовиҷдонӣ ба назар намерасанд. Мактаббачагон нақши муносибати арзиширо мушоҳида намекунанд; дар онҳо тарзи ҳаёти инсонпарваронаи шахси хушахлоқ, иҷтимоишаванда ташаккул наёфтааст.

Ченкуниҳо ва худтаҳлилкунии қобилият ва омодагии мактаббачагон ба муносибати мутаносиб (ҳамчун раванди ботинӣ, ки ноаён аст) аз рӯйи меъёри худидоракунии фаъолият (ҳамчун раванди возеҳи сабтшаванда) тариқи нишондиҳандаҳо: рефлексияпазирӣ, худнақшагирӣ, худсозмондиҳӣ, худназорат, худтанзимкунӣ тасдиқ намуданд, ки мактаббачагон дар ҷузъҳои зеҳнӣ ва ангезавӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳо омодаанд. Дар ҷузъҳои иртиботӣ ва иродавӣ омодагӣ ба муносибатҳои арзишӣ ташаккул наёфтааст. Худтаҳлилкуниро аксар вақт 12% мактаббачагон амалӣ мекунанд; дар 2/3 ҳиссаи мактаббачагон малакаи мазкур вуҷуд надорад. Худнақшагирӣ ва худсозмондиҳии фаъолиятро аксар вақт 13% мактаббачагон амалӣ менамояд; худназорати фаъолиятро зимни муносибатҳо 10% ва худтанзимкунии фаъолиятро зимни муносибатҳо 17% анҷом медиҳанд. Дар ҳамҷми пурраи нишондиҳандаҳо худидоракунии фаъолиятро зимни муносибатҳо 11% мактаббачагон амалӣ мекунанд.

Худтаҳлилкунӣ ва таҳлили натиҷаҳои худташхис ва ташхиси самтгириҳои арзишӣ зимни муносибатҳо, қобилият ва омодагии мактаббачагон барои мутаносибгардонии муносибатҳо, хусусиятҳои инфиродии шахсият асоси тарҳрезии иҷтимоии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача, таҳияи масирҳои инфиродӣ-шахсиятии худмуайянкунии онҳоро дар муносибатҳо ташкил медиҳад. Масирҳои инфиродӣ-шахсиятии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача бо ёрии бастаи инфиродӣ дар асоси интихоби модули мувофиқ амалӣ мегардад, ки аз маҷмуи супоришҳои ба ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои зарурӣ равонашуда иборат аст. Ин барои пайдарпай гузаштани марҳалаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача зарур мебошад.

Кори таҷрибавию озмоишӣ самаранокии масирҳои инфиродӣ-шахсиятии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачаро тасдиқ кард: миқдори мактаббачагоне, ки мазмуни арзишҳоро дар муносибатҳо дарк мекунанд, се маротиба афзуд; шавқу рағбати онҳо ба муаммоҳои аксиологӣ 47% афзуд; ҳолатҳои мусбати эмотсионалӣ тақвият ёфтанд; муносибатҳои маънавию ахлоқӣ дақиқу устувор зоҳир гардиданд; ангезаҳои ахлоқӣ аз ҷойи чорум ба дувум баланд шуданд, ангезаҳои маърифатӣ - аз ҷойи панҷум ба якум баромаданд; низоми навъҳои мутаносиб ва оқилонаи муносибатҳо устувор анҷом меёбад; андозаи мусоидат ба баландшавии омодагии мактаббачагон ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача коҳиш ёфт.

Масирҳои инфиродӣ-шахсиятии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача бо фаъолияти иҷтимоӣ мундариҷааш аксиологӣ пурра карда мешаванд, ки натиҷаи ба ҷойи аввал кӯчидани инсонгароӣ дар интихобҳои мактаббачагон мебошад. Коллективизм, ки арзиши он пештар баланд набуд, ба ҷойи дувум баромад. Миқдори робитаҳои байнишахсии иштирокчиёни озмоиш 20% афзуд. Дар бораи фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ бартарии устувори низоми навъҳои мутаносиб ва оқилонаи муносибатҳои мактаббачагони синфҳои озмоишӣ гувоҳӣ медиҳад. Сатҳи баланди худмуайянкунӣ дар 30 % мактаббачагон (арзишҳои маънавию ахлоқии ба тарзи ҳаёти инсонпарварона дохилшуда азхуд шуданд), пешрафта - дар 55% (самтгириҳои арзишии устувор азхуд гардиданд) ва ибтидоӣ - дар 15% (арзишҳои ноустувор, вазъиятӣ ҳосил гардиданд) ба қайд гирифта шуд.

## ХУЛОСА

Раванди педагогии муносибатҳои арзишии педагог ва мактаббачагон ба шарти мутаносибгардонии онҳо самарабахш хоҳад буд. Дар ҳолати номутаносибии он амалисозии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон боиси нобаробарӣ, бетавозунии равандҳои мутобиқшавӣ, иҷтимоишавӣ ва инсонпарварии мактаббачагон мегардад, ки дар созиш бо худ, педагогҳо, одамони дигар, ҷомеа, фарҳанг, табиат зиндагӣ кардани онҳоро монеа мешавад.

Ислоҳи вазъияти ба миён омада дар назария ва амалияи раванди педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон дар замини таҳкурсии бисёрченаи гуногунфикри методологӣ имконпазир аст. Онро маҷуми дидгоҳи муназзаму синергӣ, аксиологию феноменологӣ, механизми шахсиятӣ-фаъолиятӣ фароҳам меорад, ки заминаи методологии таҳқиқи мутаносибгардонии раванди педагогии муносибатҳои педагог ва мактаббачагонро ташкил медиҳад. Ҳамгироии имконияти дидгоҳҳои методологии зикршуда дар асоси ҳамдигарпурракунӣ, мувофиқат амалӣ мешавад. «Сабзиш»-и дониши парадигмалӣ барои таҳрики муносибатҳо, мусоидати мутақобили падидаҳои мухталиф кумак мерасонад, «ғизодиҳӣ» бо тасаввуроти нав бошад, боиси таҷдиди дубора, «ҳамоҳангӣ» бо мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон мегардад.

Дар заминаи чунин самтгирии ҷаҳоншиносона мо баъзе натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаро меорем.

Маҷмуи методологии коркардшуда имкон медиҳад, ки дар мантиқи бисёрчена таҳлили дидгоҳҳо фаҳмиши ихтилофҳои раванди педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва мактаббачагонро дар фалсафа, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психология, педагогика амалӣ намояд. Ихтилофҳои зерин ошкор шуданд: зарурати тасдиқи тарзи ҳаёти инсонгарона ва мазмунофари муносибатҳои педагог ва мактаббача ва дар таҳсилот такя кардан ба механизми инъикос, на ин ки тавлиди арзишҳо; зарурати инкишофи мутаносиби шахсият ва вуҷуд надоштани чунин ҳадафи таҳсилот, ки барои зиндагӣ кардани мактаббачагон дар созгорӣ бо педагогҳо, бо худ,

ҷомеа, фарҳанг, табиат халал мерасонад. Барои ҳалли ихтилофҳои ошкоршуда роҳи мутаносибшаванда татбиқи раванди педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон зарур аст.

Асоси фалсафии мутаносибгардонии раванди педагогии таҳқиқшавандаро андозаи мувофиқати озодӣ ва масъулияти педагогҳо ва мактаббачагон; асоси иҷтимоии онро - ҳамдигарро пурра кардани равандҳои мутобиқшавӣ, иҷтимоишавӣ ва инсонгароӣ; асоси психологиро - созгории механизмҳои интериоризатсия ва экстериоризатсияи арзишҳо, инъикосу тавлиди мазмунҳо; асоси педагогиро - ҳамдигарро пурра кардани консепсияҳои инсонгароӣ ва иҷтимоишавии шахсият ташкил медиҳад.

Рушди мутаносиби шахсият ва омодагии ӯ ба муносибати мутаносиб дар асоси фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун афзалиятҳои низоми арзишҳои муносибатҳо амалӣ мегардад. Барои ин фазои инсонгароёнаи муносибатҳои арзишии педагог ва хонанда фароҳам омада, ихтилофҳои байни ҷузъҳо ва функсияҳои раванд бартараф мегардад, ки зимнан бо методҳои «нарм», инъикоскунанда сурат мегирад. Мундариҷаи маънавию ахлоқии ҷузъи ҳадафнок меёбад. Он дар заминаи ҳамгироӣ бо методҳои инсонгароёна, шаклу воситаҳои беҳтарини ахлоқӣ мувофиқ гардонида мешавад, ки ба раванди муносибатҳои педагог ва хонандаро ба мутаносибгардонии инсонпарварона ва иҷтимоӣ, мусоидати фардгароӣ ва коллективизми мактаббачагон равона мекунад.

Синни мактабӣ, чунонки таҳлили манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, барои рушди муносибатҳои мутаносиб ҳамчун навташкилаи шахсият мувофиқ аст. Мактаббачагон ва педагогҳо барои мутаносиб муносибат кардан қобиланд ва ба ин кӯшиш мекунанд. Сатҳи сифатан нави он зарур аст, ки бо тамомият, кушодагӣ, самтгирии мутаносиб, инсонгароёна ва демократӣ фарқ мекунад.

Ба ташаккули мавқеи субъектии педагогҳо ва мактаббачагон дар раванди муносибатҳо маҷмуъҳои коркард ва ҷоришудаи таълимию методӣ бо самтгирии маънавию ахлоқӣ ва мутаносибкунанда «Этикаи муносибатҳои

инсон», «Таъсироти мутақобили шахсият», тренинги иҷтимоию психологӣ «Асосҳои мутаносибгардонии муносибатҳои шахсият», лоиҳаҳои иҷтимоии амалишудаи «Муносибатҳои худро месозем» кумак мерасонанд.

